**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Ташкилоти базавии давлатҳои аъзои ИДМ

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
# ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ

## МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗУИ “МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ҲУҚУҚ ВА ИҚТИСОД ДАР ШАРОИТИ МУОСИР”
## 20 НОЯБРИ СОЛИ 2025

## МАТЕРИЛЫ МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ «АКТУАЛЬНИЕ ВОПРОСЫ ПРАВА И ЭКОНОМИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ»
## 20 НОЯБРЯ 2025 ГОДА




**ДУШАНБЕ - 2025**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ**

# МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗУИ “МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ҲУҚУҚ ВА ИҚТИСОД ДАР ШАРОИТИ МУОСИР”
**20 НОЯБРИ СОЛИ 2025**

# МАТЕРИЛЫ МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ

# «АКТУАЛЬНИЕ ВОПРОСЫ ПРАВА И ЭКОНОМИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ»
**20 НОЯБРЯ 2025 ГОДА**

**ДУШАНБЕ - 2025**

ББК: 67.4/67.9
УДК: 342.1/342.9

Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи “Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир”, 20 ноябри соли 2025 / Зери таҳрири доктори илмҳои техникӣ, профессор Х.Х. Назарзода, н.и.ҳ., дотсент Алиев Ф.Ш., н.и.ҳ., н.и.и., дотсент Машокиров Ҷ.Н. ва н.и.и., дотсент Султонов З.С. - Душанбе: «ДДТТ», 2025. – 296 с.

Материлы международной научно-практической конференции “Актуальние вопросы права и экономики в современных условиях”, 20 ноября 2025 / Под ред. доктора технических наук, профессора Х.Х. Назарзода, к.ю.н., доцента Ф.Ш. Алиева, к.э.н., доцента Дж.Н. Машокирова и к.э.н., доцента З.С. Султонова. - . - Душанбе: «ДДТТ», 2025. – с. 296

Матни маърӯзаҳо дар шакли асл нашр шудаанд ва барои мазмун ва аслияти онҳо масъулият ба зиммаи муаллифон мебошад.

Тексты статей публикуются в оригинальном виде, ответственность за их содержание и оригинальность несут авторы.

© Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2025
© Таджикский государственный университет коммерции, 2025

## МУНДАРИҶА / ОГЛАВЛЕНИЕ


| № | Ному насаби муаллиф | Номи мавзуҳо | |
|---|---|---|---|
| | **Пешгуфтор** | | **6** |
| | **БАХШИ ОЛИМОН, УНВОНҶӮЁН ВА ДОКТОРАНТОН** | | |
| 1. | Алиев Ф.Ш.<br>Воҳидзода З.Г. | Аҳмияти Конститутсия дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон | **7** |
| 2. | Раззоқов Б.Ҳ. | Ҷавобгарии маъмурии субъектҳои соҳибкорӣ: Проблемаҳои амалияи ҳуқуқтатбиқ | **14** |
| 3. | Мирзоева Қ.А. | Ҳимояи ҳуқуқи инсон дар мурофиаи судӣ бо парванда ҷиноятӣ | **22** |
| 4. | Е.Б. Абакумова | Конституционные идеологемы в России и их нормативная имплементация в принципах Российского права | **31** |
| 5. | Набexternalзода С.Х. | Товони зарари маънавӣ тибқи қонунгузории маданӣ ва мушкилоти татбиқи он дар ҷомеаи муосир | **36** |
| 6. | Ғайратов Т.М.<br>Ҳакимов Ш.Ш.<br>Бобохониён Д.М. | Терроризм как угроза национальной безопансоти Республики Таджикистан | **43** |
| 7. | Е.В. Горячева | Механизмы защиты прав потребителей финансовых услуг в России | **52** |
| 8. | Маҳмадхонов Т.<br>Рустамзода Ф.Р. | Аҳамияти шартномаҳо дар фаъолияти тиҷоратӣ | **57** |
| 9. | Мирбобоев Р.М.<br>Хайруллоева Д.С. | Цифровое сотрудничество таджикистана и её значение для развития экономики страны | **64** |
| 10. | Рустамзода Ф.Р.<br>Махмадхонов Т. | Недоговорные регуляторы как способ унификаций международных частноправовых отношений | **71** |
| 11. | Курбонова Ф.А. | Правовое регулирование цифровизации экономики | **76** |
| 12. | Нидоев П.Ф. | Танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ва накши он дар таҳкими рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ | **82** |
| 13. | Гулзода Н.А.<br>Саидзода Д.Ҳ. | Таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **93** |
| 14. | Ғайбуллоева М.Л. | Тартиби баҳисобгирии муҳлатҳо дар ҳуқуқи маданӣ | **100** |
| 15. | Зарипова Г.С. | Хусусиятҳои бакортаъминкунӣ, бастан ва қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо занон | **109** |
| 16. | Сангинов К.Х.<br>Комилова З.А. | Конституция и абсолютизация власти | **121** |
| 17. | Сангинов К.Х. | Конституция как инструмет самоограничения власти | **127** |
| 18. | Ғайбуллоева М.Л. | Зарурияти таъсис ва вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **134** |
| 19. | Аджиков А.Н. | Договор оказания страховых услуг: сравнительный анализ законодательства США, России и Китая | **145** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 20. | Зарипова Г.С.<br>Ғайбуллоева М.Л. | Кафолати давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнат мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **151** |
| 21. | Болтуева Ш.С. | Таърихи ташаккули институти шартномаи супориш дар арсаи ҷаҳонӣ | **157** |
| 22. | Шоисматуллоева Ф.Ш. | Проблемы формирования правового сознания и правовой культуры граждан Таджикистана | **168** |
| 23. | Ҳусаинова Ш.М.<br>Аҳмадбекова Ш. | Асосҳои ҳуқуқии батанзимдарории музди меҳнат мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **181** |
| 24. | Ҳусаинова Ш.М. | Танзими ҳуқуқии меҳнати занон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | **187** |
| 25. | Абдураҳимзода С.Қ. | Баъзе андешаҳо доир ба мафҳум ва аломатҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **194** |
| 26. | Аҷиков А.Н. | Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **208** |
| 27. | Давлатзода Р.С. | Хусусияти танзими ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва рушди он дар шароити муосир | **215** |
| 28. | Маҳмадхонов Т. | Оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии шартномаҳои рекламавӣ дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон | **230** |
| 29. | Маҳмадхонов Т.<br>Файзуллозода Ш.Ф. | Мафҳуми шартномаи агентӣ ва хусусияти он тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон | **238** |
| 30. | Сафарзода Э.Г. | Вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии мақоми ваколатдор оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ | **244** |
| 31. | Исмоилов А.Ш. | Таможенный контроль в сфере интернет-покупок: проблемы, практика и перспективы | **251** |
| 32. | Файзуллозода Ш.Ф. | Стандартҳои байналмилалии танзими фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | **258** |
| **БАХШИ МАГИСТРАНТОН** | | | |
| 33. | Аҳмадбекова Ш.Ф. | Кафолати фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **265** |
| 34. | Бабаджанова К.Р. | К вопросу о понятии «свободное использование произведений» | **271** |
| 35. | Машрабова М.Т | Свобода договора и ее ограничение в российском и зарубежном законодательстве | **276** |
| 36. | Шоева И.Р. | Проблема определения понятия признания права как способа защиты гражданских прав | **281** |
| 37. | Саидмуродова Ф.И. | Расторжение брака и его правовые последствия | **287** |
| 38. | Мехралишоева Ф.Э. | Понятие и правовая сущность исключительных прав | **291** |

# ПЕШГУФТОР

Ҳуқуқ муҳимтарин василаи танзими иқтисодиёт мебошад. Соҳаи иқтисодии давлат дар ҳолате рушд менамояд, ки дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ, риояи қонунгузорӣ ва танзими саривақтии ҳуқуқии падидаҳои гуногуни муосири иқтисодӣ бароҳ монда шавад. Бо ин мақсад Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон хоса кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионӣ тасмим гирифт, ки ҳамоиши байналмилалии илмӣ-амалиро дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир” баргузор намояд.

Дар асоси Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шудааст. Дар ин замина ҳуқуқро зарур аст, ки танзими ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ ва фаъолияти инноватсиониро бо назардошти рушди соҳаҳои мазкур ба роҳ монад.

Конференсияи мазкур майдони васеи илмиро фароҳам овард, ки масъалаҳои муҳимми ҳуқуқ ва иқтисодро дар ҳоли рушди бо суръати онҳо омӯхта, мақолаҳои илман асоснокро ҷамъоварӣ намуда, ки барои ҳаводорони ҳуқуқ ва иқтисод: донишҷӯён, магистарнтон, докторантон, унвонҷӯён тавонанд ба сифати сарчашмаи илмӣ баромад намояд. Инчунин натиҷаҳои кори конференсия метавонад дар самти такмили қонунгузории соҳаи дахлдор хизмат кунад.

Маҷмӯаи мазкур натиҷаи заҳмат ва самараи фаъолияти илмию амалии муҳаққиқони кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, инчунин муҳаққиқоне мебошад, ки бевосита ба мавзуи ҳуқуқ ва иқтисод таваҷҷӯҳи хоса доранд.

## БАХШИ ОЛИМОН, УНВОНҶӮЁН ВА ДОКТОРАНТОН

**Алиев Фарух Шарифович**
Мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии ДДТТ, н.и.ҳ.,дотсент
**Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад**
Сардори шуъбаи таҳсилоти фосилавии ДДТТ,
н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионӣ

# АҲМИЯТИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асоси вобаста ба аҳамияти Конститутсия дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва умуман шаҳрвандон баррасӣ гардидааст. Дар доираи таҳлил асосҳои конститутсионии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар рушди давлати ҳуқуқбунёд баён гардидааст.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, ҳуқуқ, қонун, фарҳанг, фарҳанги ҳуқуқӣ, давлати ҳуқуқбунёд, ҷавонон, инсон, ҷомеа ва давлат**.**

Фарҳанг маҷмӯи арзишҳои моддию маънавие мебошад, ки инсоният онҳоро офарида, бо мақсади рушди маънавии шахс истифода мебарад[9].

Чунин як арзиши фарҳанги инсонӣ ҳуқуқ буда, дар таҳқиқоти илмии солҳои охир ақидаҳо оид ба муносибати арзишӣ ба ҳуқуқ ҳамчун ҷузъи муҳимми фарҳанги инсонӣ ҳукмрон гардида истодаанд. Фарҳанги ҳуқуқӣ тамоми арзишҳои марбут ба функсияҳои ҳуқуқ, низоми меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқ, ки ба ҳадафи он мувофиқанд дар бар мегирад. Фарҳанги ҳуқуқӣ ҳам тартиботи ҳуқуқии мавҷуда ва ҳам фаъолияти муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ ва давлатиро таъмин мекунад [4] . Раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ба умқи таърих рафта мерасад. Дар баробари пайдоиши давлат ва аввалин меъёрҳои иҷтимоӣ, кӯшишҳои шахс барои дарк кардани мавқеъ ва нақши худ дар низоми ҳуқуқӣ, бунёди намунаҳои рафтори ҳуқуқӣ ба назар мерасиданд [2].

Давлатҳо барои аз байн нарафтан ва устувории пояҳои давлатдорӣ диққати асосиро ба ҷавонон медоданд, зеро ҷавонон, ҳам аз лиҳози ҷисмонӣ нисбат ба наврасону миёнасолон ва калонсолон неруи қавӣ доранд ва ҳам бо мақсади нигоҳ доштани тамаддун, фарҳанг, забону афкори миллатҳо хизмат намуда, меросбаранд.

Ҷавонон ҳамчун гурӯҳи асосии аҳолии кишвар, бевосита дар низоми давлатдории миллӣ дар ҳама давру замон барои рушди давлат ва миллат нақши асосиро иҷро менамоянд. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар давлатдории миллӣ диққати асосӣ ба ҷавонон дода мешуд. Зеро ин қишри ҷомеа дар дилхоҳ марҳилаи таърихӣ неруи асосии давлат ба шумор мераванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26-уми декабри соли 2019 чунин қайд намуданд: «Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад» [8].

Аз қадим, ниёгони мо нисбат ба ҷавонон эътибори хосса медоданд, ба онҳо илму дониш ва малакаву кордониро меомӯхтанд. Махсусан, диққати асосии онҳо ба омодагии ҷавонон ба аспсаворӣ, шамшерзанӣ ва маҳорати ҷанг равона гардида, баъди супоридани санҷишҳои махсус онҳо ҳамчун ҷавони комил эътироф мегардиданд. Чи тавре ки муҳаққиқи ватанӣ А.Ғ. Холиқзода доир ба низоми ҳуқуқии тоҷикон қабл аз ислом менависад: «Қобилияти амалкунии пурраи шахс баъди ба синни 15-солагӣ расидан ба вуҷуд меомад. Дар ин вақт, маросими махсус дар ҳузури гурӯҳи бизоатмандон бо пӯшонидан ва бахшидани камарбанд ва пироҳани муқаддас иҷро мешуд» [16]. Аз ин расмиёт бармеояд, ки тоҷикон дар таърихи давлатдории худ ба ин табақаи аҳолӣ, яъне ҷавонон диққати махсус дода, маросими махсуси мустақил эътироф намудани ҷавононро доштаанд, ки бо одати пӯшонидани камарбанд ва бахшидани пироҳани муқаддас анҷом дода мешуд. Ин расмиёт гувоҳи умед

доштан ба ҷавонон ва тарбия намудани онҳо баҳри рушд ва эмин нигоҳ доштани давлатдории миллӣ маҳсуб мегардид.

Бояд қайд намуд, ки ба мушкилиҳои ҷавонон дар давлатҳои Шарқи қадим низ диққат медоданд. Аз ҷумла, дар Бобулистони қадим ҷавони болаёқатро ба корҳои арзанда таъмин намудан яке аз вазифаҳои асосии давлат ба ҳисоб мерафт [10] . Донистани падидаҳои муҳимми ҳуқуқӣ ва давлатӣ барои худогоҳӣ ва дар навбати дигар ташаккули давлат ва ҳуқуқ ва умуман рушди босуботи фарҳанги ҳуқуқӣ, ки аз он ҳосил мегардад аз ҷониби ҷавонон бениҳоят зарур мебошад. Дар ин ҷода, Қонуни шоҳ Ҳаммурапӣ (асри XVIII пеш аз милод) низ қобили таваҷҷуҳ аст. Ин ҳуҷҷат ҳамчун намунаи қонуни классикии Шарқи қадим ҳисобида мешавад. Он бори аввал ҷузъҳои фарҳанги ҳуқуқиро муаррифӣ мекунад: «... заифонро хафа накардан, адолати мазлумро барқарор кардан ....» [3].

Тавре муҳаққиқ Ф. Тоҳиров менависад: «Дар замони дигаргуниҳои қатъии низоми иҷтимоӣ, фарҳангии ҷамъият рӯ овардан ба таърихи барпо шудан ва инкишоф ёфтани давлат ва ҳуқуқ, ҷамъбаст кардани таҷрибаи таърихии бунёди давлат ва ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи то пойдор гардидани усули маъмурию бюрократӣ ва худсарии ҳокимият аҳамияти махсус дорад» [14].

Рӯ овардан ба таърихи давлатдории гузаштагони худ ва огоҳӣ пайдо намудани ҷавонон аз падидаҳои муҳимми давлативу ҳуқуқии хеш, аз як ҷониб заминаи худшиносию худогоҳии ҷавонон мегардад ва аз ҷониби дигар бошад, заминаи ташаккули маърифати ҳуқуқии онҳо мешавад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо бо мақсади пойдор мондани арзишҳои миллӣ бояд фарҳанги ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯъ фарҳанги умумии ҷомеа боло бардошта шавад, ки ин бевосита аз ҷавонон шурӯъ мегардад. Воқеан, муаллифони китоби «Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш» дуруст қайд менамоянд, ки «…кӯр-кӯрона тақлид намудан ба низоми ҳуқуқии ғайр, ворид намудани қонуну унсурҳои бегона ба низоми ҳуқуқии тоҷик фарҳанги ҳуқуқии миллиро коҳиш дода, сабаби аз байнравии он мегардад. Чи

тавре мегӯянд, миллатеро аз байн бурдан хоҳанд, нахуст фарҳангашро аз миён мебаранд. Бинобар ин, бояд фарҳанги ҳуқуқӣ, ки қисми таркибии фарҳанги умумӣ аст, ҳифз карда шавад» [12].

Ҷавонон ҳамчун категорияи аҳолӣ аз ҷониби илмҳои гуногуни ҷамъиятшиносӣ ба мисоли фалсафа, сотсиология, демография, психология, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ вобаста ба соҳа омӯхта мешаванд.

Фарҳанги умумии ҷомеа васеъ буда, тамоми намудҳои фарҳанг ба он дохил мешаванд. Фарҳанги ҳуқуқӣ як навъи фарҳанги умумии ҷомеа мебошад, ки дар навбати худ ба зернамудҳо ҷудо мешавад. Яке аз зернамудҳои он фарҳанги ҳуқуқи инсон буда, фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон аз дохили он бармеояд.

Фарҳанги ҳуқуқӣ дар давлатҳои ҳуқуқбунёд сатҳи дониши ҳуқуқӣ, дарки қонунҳо, қобилияти истифодабарӣ ва татбиқи онҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт инъикос менамояд. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон як намуди фарҳанги ҳуқуқи инсон мебошад. Вижагиҳои фарҳанги ҳуқуқи инсон пеш аз ҳама дар сатҳи дониши ҳуқуқии онҳо, донистани қонунҳои амалкунандаи кишвар, риоя, иҷро ва истифодаи ин қонунҳо зоҳир мегардад. Чи тавре ки баъзе муҳаққиқон қайд менамоянд: «Дар ҷомеаи шаҳрвандии рушдёбанда ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аҳамияти хоса доранд ва ба фарҳанги умумии ҷомеа ворид карда мешаванд» [13].

Ба андешаи Э.С. Насриддинзода «Фарҳанги ҳуқуқӣ – ин қисми таркибии фарҳанги умумии ҷомеа ва фард маҳсуб меёбад». Мувофиқи ин андеша фарҳанги ҳуқуқӣ, қисми таркибии ҳам фарҳанги умумӣ ва ҳам фарҳанги фард эътироф мешавад [7].

Мутобиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон маҳсуб мешавад [5]. Дар ин замина, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолии кишвар дар маҷмуъ ва махсусан фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ҳамчун насли нав, самти муҳимми сиёсати

давлатии Тоҷикистон мебошад. Мантиқист, ки ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аз сиёсати ҳуқуқии давлат бевосита вобастагӣ дорад[11] . Агар сатҳи фаҳмиши ҳуқуқии аҳолии кишвар баланд бошад, сиёсати ҳуқуқӣ ба таври муассир ташаккул меёбад, зеро донистани қонунҳо шаҳрвандонро барои иштироки фаъолона дар чорабиниҳои ҳуқуқӣ ҳавасманд гардонида, давлатро низ ба қабул намудани меъёрҳои ҳуқуқии зарурӣ ва такмил додани низоми қонунгузорӣ водор месозад.

Воситаи муассири мубориза бо зуҳуроти номатлуб ин ташаккули фарҳанги баланд дар насли наврас, алалхусус фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Бинобар ин, муҳаққиқ У.А. Азиззода дар мавриди ташаккули хуқуқи ҷиноятии шӯравӣ дар солҳои 1917-1924, қайд менамояд, ки дар ин солҳо болоравии фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсии аҳолӣ шароит фароҳам овард то мардум якҷоя бо мақомоти давлатӣ алайҳи нобаробариҳои қонунгузорӣ ва такмили он мубориза баранд[1] . Принсипҳои баланди ахлоқӣ, завқи зебоипарастӣ, фарҳанги сиёсии ҷавонон танҳо бо роҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд ва бо ин робитаи ногусастанӣ доранд. Бояд қайд намуд, ки донистани қонунҳо ва муносибат ба иҷрои онҳо бояд ба ҳар як шаҳрванди ҷавон хос бошад. Ин як навъ заминаи иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мегардад.

Марҳилаи муҳим дар тарбияи ҳуқуқии ҷавонон қабули Конститутсияи Тоҷикистон соли 1994 буд. Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 5-ум муқаррар менамояд, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд [6].

Ф.Тоҳиров чунин менависад: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳиятан бузургтарин ҳуҷҷати миллӣ ва давлатии кишварамон буда, дорои аҳамияти сиёсиву ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ мебошад. Аз ин рӯ, хуб донистани қонуни асосии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои наврасону ҷавонон, киояндаи пойдорию пешрафти миллату давлатанд, ҳам фарзу ҳам суннат аст. Бояд, ки наврасону ҷавонон усулҳову ғояҳои дар Конститутсия

нишондодашударо хуб дарк карда, дар раванди ҳаёти ҳаррӯзаи худ онҳоро татбиқ карда тавонанд» [15].

Чунин тарзи баррасии масъала аз ҷониби муҳаққиқи варзидаи ватанӣ Ф. Тоҳиров аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф бевосита ба ҷавонон таъкид менамояд, ки ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқиашон Конститутсия ва қонунҳои ҷориро донанд ва аз онҳо истифода намуда тавонанд. Аз андешаронии муаллиф бармеояд, ки махсусан донистани ҳуқуқу озодиҳо, Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда, ҷиҳати рушди давлату миллат ва пойдор мондани онҳо барои ҷавонон муҳим ва зарур аст. Ин нуқтаи назар бори дигар муҳим будани масъалаи фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро дар раванди ташаккули давлати ҳуқуқбунёд собит намуда, аз мавзуи тадқиқоти алоҳида будани он, гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, Дар асоси моддаи 41- уми Конститутсия дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад. Риоя ва иҷрои Конститутсия ва қонунҳо дар заминаи фарҳанги баланди ҳуқуқӣ амали карда мешавад, ки ин вазифаи конститутсионии ҳар як шахс мебошад. Дар асоси моддаи 10-уми Конститутсия қонунҳо пас аз интишори расмӣ амал мекунанд. Бо мақсади шиносоии аҳолӣ ба қонунҳо меъёри мазкур муқаррар гардидааст. Яъне як навъ алоқаманди байни моддаи 10-уми Конститутсия ба моддаи 41 - уми Конститутсия дида мешавад. Агар шахс ҳуқуқвайронкуни содир намуд ва баҳона пешоварад, ки намедонист ин кирдор манъ мебошад. Дар асоси моддаи 10 - уми Конститутсия аввал посух мегирад, ки қонунҳо пас аз интишори расмӣ ба қувваи амал медароянд. Яъне дар рӯзномаҳои расмӣ нашр мешаванд, ки шаҳрвандонро зарур аст бо онҳо шинос шаванд ва сипас бо моддаи 41- уми Конститутсия қонеъкарда мешавад, ки надонистани қонун шахсро аз ҷавобгари истисно намекунад. Аз меъёрҳои таҳлил гардида бармеояд, ки шиносои бо қонунҳо баландбардоштани фарҳанги ҳуқуқии худ, риоя ва иҷрои Конститутсия ва қонунҳо ин вазифаи конститутсионии ҳар як шахс мебошад.

Адабиёт:


1. Азизов У.А. Формироваание советского уголовного права и особенности развития иниститутов преступления и наказания в Таджикистане [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http www. https://cyberleninka.ru /article/n/formirovanie-sovetskogo-ugolovnogo-prava-i-osobennosti-razvitiya-institutov-prestupleniya-i-nakazaniya-v-tadzhikistane-1917-1924-gg. (санаи муроҷиат: 10.10.2024).
2. Воронцова Н.В. Влияние глобализации на правовую культуру // Законность в современном обществе: сборник статей международной научно-практической конференции: в 2 частях. – 2017. – С. 78-80.
3. Евтушенко И.И. Факторы формирования правовой культуры старшекласников в современных условиях. Педагогические науки. – 2013. – № 6. – С. 21.
4. Жинкин С.А. О технологиях юридического воздействия на правовую культуру личности в современной России // Очерки новейшей камералистики. – 2018. – № 3. – С. 19-23.
5. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.02.2020)
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 4.
7. Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – С. 58.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/219752019 (санаи муроҷиат: 10.10.2024 с.).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, № 519. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/520_tj.pdf. (санаи муроҷиат: 10.10.2024 с.).
10. Кузнецов В.В. История Вавилона. – Л., 1956. – С. 36.
11. Редков С.К. Реформы 19 века и их влияние на правовую культуру российского общества // Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова. – 2012. – № 4. – С. 59.
12. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе, 2016. – С. 11.
13. Снашков С.А. Правовая культура как фактор информационной безопасности // Вестник Челябинского государственного университета. – 2013. – № 22 (313). – С.180.

14. Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С. 3.
15. Тоҳиров Ф. Мақоми Конститутсия дар тарбияи ҳуқуқии ҷавонон // Ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон. Маводҳои конфронси умумиҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2005. – С. 29.
16. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе, 2002. – С. 71.

**Раззоқов Баходур Ҳаётович,**
профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ,e-mail: razzkov_b@mail.ru

# ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРИИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ: ПРОБЛЕМАҲОИ АМАЛИЯИ ҲУҚУҚТАТБИҚ

Аннотатсия: Мақола ба масъалаҳои ҷавобгарии маъмурии субъектҳои соҳибкорӣ бахшида шудааast. Таъкид мешавад, ки вазъи муосири иқтисодӣ зарурати таъмини таовунро байни озодии соҳибкорӣ ва фаъолияти назоративу контролӣ тақозо менамояд. Дар такя ба қонунгузорӣ ва таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқ муаллиф ба хулоса меояд, ки зимни банду басти таркиби ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ баъзан махсусияти фаъолияти соҳибкорӣ ва мувофиқан вазъи ҳуқуқии субъект сарфи назар мешавад. Дар ин замина татбиқи ҷазо маъмурӣ нисбати субъекти соҳибкорӣ нодурст сурат мегирад, ки ба вокуниши таъҷилӣ ва ислоҳу тасҳеҳ тариқи тавзеҳоти дастурии судӣ ниёз дорад.

Калидвожаҳо: ҷавобгарии маъмурӣ, банду басти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, субъекти соҳибкорӣ, ҷазои маъмурӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқ, саҳви судӣ, тавзеҳоти дастурии Суди олӣ.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гуногуншакли моликият асос ёфтааст, ки гувоҳи роҳи бозории рушди он мебошад. Тибқи Конститутсияи мамлакат давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро, кафолат медиҳад [1, 4]. Ташаккули иқтисодиёти бозорӣ бидуни таҳкими нақш ва ҷойи фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди кишвар имконнопазир буда, аҳамияти аввалиндараҷа касб мекунад. Зиёда аз он, фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун унсури таркибии ҳуқуқу озодиҳои инсон баррасӣ мешавад. Дар паёми

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ки 24 декабри соли 2024 ба Маҷлиси Олӣ ироа шуд, бамаврид таъкид мегардад, ки "Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста чораҷӯйӣ карда истодааст" [2]. Бо ташаббуси Сардори давлат бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ то 1-уми январи соли 2027-ум ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истисноӣ санҷишҳои мақомоти андоз) мораторий эълон карда шуд [3].

Дар вазъияти мураккаби геосиёсии ҷомеаи ҷаҳонии муосир, ки саргаҳи буҳрони иқтисодию молиявӣ ва татбиқи санксияву маҳдудиятҳо эътироф мешавад, маҳз субъектҳои соҳибкорӣ қодиранд дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ба шароитҳои нав мутобиқ гашта, маосили зиёди давлат ва ҷомеаро ҳал намоянд. Суръати афзояндаи тағйироти технологӣ ва гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ба роҳ мондани сиёсати давлатии самаранокро дар соҳаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ тақозо менамояд. Дар аксари кишварҳои ҷаҳон ҳаҷми назарраси иқтисодиётро бахши соҳибкории хусусӣ ташкил медиҳад, зеро бо хислати муҳаррики худ фарқ карда, ба инсон барои зуҳури қобилияти шахсӣ, ташаккули хислат ва масъулият мусоидат мекунад. Бо назардошти аҳамияти ин зуҳуроти иҷтимоӣ дар қонунгузории миллии мо мафҳуми соҳибкорӣ низ мустаҳкам шудааст. Тибқи м.1 Қонун "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" он ҳамчун фаъолияти мустақили ба таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба қайди давлатӣ гирифташудае тавсиф меёбад, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст" [4].

Нақши соҳибкорӣ дар истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасониҳо майли афзоиш дорад ва аз ин боис риояи талаботу стандартҳои муқарраршуда аз ҷониби онҳо дар таъмини амнияти инсон, ҷомеа ва давлат, ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон муҳим арзёбӣ мегардад.

Вазъи муосири иқтисодӣ зарурати таъмини таовунро байни озодии соҳибкорӣ ва фаъолияти назоративу контролӣ тақозо менамояд. Яке аз ниҳодҳои ҳуқуқие, ки баҳри таҳкими масъулияти иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ хизмат мекунад, ҷавобгарии маъмурӣ маҳсуб мешавад. Ҷавобгарии маъмурӣ на танҳо намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аст, он унсури таркибии маҷбурияти маъмурӣ низ баромад мекунад. Таҳти мафҳуми маҷбурияти маъмурӣ тарзу воситаҳои иҷборан таъмин намудани рафтори матлуби шахс аз ҷониби субъектҳои ваколатдори давлатӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ сурат мегирад [5, 255]. Маҷбурияти маъмурӣ дар амалҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо оид ба пешгирӣ, ҷилавгирӣ ва ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин татбиқи ҷазоҳои маъмурӣ ифода меёбад, ки мақомоти юрисдиксияи маъмурӣ эътироф мешаванд.

Асоси ҳуқуқии ҷавобгарии маъмурӣ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҲМ) баромад мекунад, ки аз 01 апрели соли 2009 бо тағйиру иловаҳои минбаъда мавриди амал қарор дорад. Сохтори КҲМ ду фаслро дарбар гирифта, дар он масъалаҳои умумии ҷавобгарии маъмурӣ, вазифа ва низоми қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, асос ва субъектҳои ин намуди ҷавобгарӣ, низоми ҷазоҳои маъмурӣ, таркиби кирдорҳои маъмурӣ муқаррар шудаанд [6]. Бо қабул шудани Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҲМ) фаслҳо марбут ба пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва доираи мақомоти баррасикунандаи ин зайл парвандаҳо, ки қаблан дар сохтори КҲМ буданд, ба он интиқол ёфтанд [7]. Коршиносони хориҷӣ бамаврид ишора доранд, ки консепсияи нави қонунгузории ҷавобгари маъмурии Тоҷикистон дар такя ба арзишҳои конститутсионӣ таҳаввулоти тозаро дар нигоҳи қонунгузор нисбати танзими муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор инъикос намуд [8, 18].

Дар КҲМ таърифи ҷавобгарии маъмурӣ чунин тавсиф меёбад: як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии

маъмурӣ нисбати шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқӣ аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) татбиқ карда мешавад” [5]. Тавре аён мегардад, қонунгузории маъмурӣ ба мавҷудияти якчанд категорияи субъектҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ишора дорад, ки байни онҳо шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ падидаи нав маҳсуб мешавад.

Эътирофи падидаҳои ёдрасшуда ба ҳайси субъекти ҷавобгарии маъмурӣ бо тағйироти куллӣ дар ҳаёти иқтисодӣ рабт дорад. Мафҳуми “шахси ҳуқуқӣ” категорияи ҳуқуқӣ-маданӣ маҳсуб мешавад. Дар соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ истилоҳи “ташкилот” роиҷ дониста мешавад, ки мазмунан васеътар мебошад. Ин шеваи баррасӣ имкон медиҳад, ки аз доираи шахсони ҳуқуқӣ ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун унсури асосии иқтисодиёти бозорӣ тафриқа гарданд ва вазъи ҳуқуқии онҳо дар соҳаи идораи давлатӣ дақиқ тавсиф ёбад. Соҳибкории инфиродӣ низ, ки расман яке аз шаклҳои соҳибкорӣ бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ эътироф мешавад,  зодаи иқтисодиёти бозорӣ мебошад [9].

Дар қонунгузории миллӣ ду мафҳум гардиш дорад: “субъекти соҳибкорӣ” ва “субъекти фаъолияти соҳибкорӣ”. Дар адабиёти ҳуқуқӣ байни онҳо тафриқа гузошта намешавад ва ҳамчун ифодаҳои ҳаммаъно баррасӣ мегарданд. Ба андешаи мо, тавсифи тафриқавии мафҳумҳои ёдрасшуда аз лиҳози методологӣ оянадабахш арзёбӣ мешавад. Он барои такмили механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ муфид мебошад. Мафҳуми аввал мазмуни васеътар дошта, на танҳо ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, балки ташкилотҳои ғайритиҷоратиеро, ки дар доираи мақсадҳои оинномавии худ ба соҳибкорӣ машғуланд, низ дар бар мегирад. Ибораи дуюм бошад, мазмуни маҳдудтар дошта, танҳо ба субъектҳои хоҷагидор нигаронда шудааст, ки ба ҳайси он ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ баромад мекунанд.

Барои чунин гузориши масъала истиноди мувофиқ дар қонунгузорӣ низ мушоҳида мешавад: масалан, тибқи м.5 Қонун “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”  ба субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, ки ба соҳибкорӣ машғуланд, мансуб дониста шудаанд [4], тибқи м.1 Қонун “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” бошад, ба ҳайси субъекти хоҷагидор шахсони ҳуқуқӣ (новобаста ба шакли моликият), аз ҷумла филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд, шомил дониста мешаванд. [10]. Ишора ба ибораи “фаъолияти соҳибкорӣ” нисбати гурӯҳи баррасишавандаи субъектҳо имкон медиҳад, ки хислати тиҷоратӣ доштани фаъолияти онҳо ва барои ба даст овардани фоида нигаронида шудани он тафриқавӣ ифода ёбад.

Қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии маъмурӣ шахсони ҳуқуқиро тафриқа намекунад. Ҳамаи онҳо дар асосҳои умумӣ – дар ҳолатҳое, ки бевосита дар моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҲМ пешбинӣ гардидаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд, яъне муқаррароти қонунгузорӣ байни мақсади фаъолияти онҳо фарқият намегузорад. Соҳибкори инфиродӣ бошад, бинобар иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳое, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Масъулияти онҳо дар номгузории м.29 КҲМ чунин баён мешавад: “Ҷавобгарии маъмурии шахси мансабдор, шахси ба ӯ баробаркардашуда ва соҳибкори инфиродӣ” [6].

Зимни тавсифи ҷавобгарии маъмурии субъектҳои соҳибкорӣ ёдраси гуруҳи зерини ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ роиҷ дониста мешавад:

а) ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки бо ташкили фаъолияти соҳибкорӣ рабт доранд: риояи накардани қоидаҳои бақайдгирии давлатӣ, талаботи гирифтани литсензия, пешбурди амалиёти хазинавӣ, вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор, меъёрҳои санитарию беҳдошт, қонунгузории экологӣ ва ғ.;

б) ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба худи фаъолияти соҳибкорӣ: фурӯши маҳсулоту анҷоми хизматрасонии пастсифат, рақобати бевиҷдонона, фиреби истеъмолкунанда, риояи накардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва ғ.

в) ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба муносибатҳои меҳнатӣ: иҷро накардани уҳдадориҳои агенти андоз ва суғуртакунанда, фароҳам

наовардани ҷойи кории бехатар, расмӣ накардани қабули корманд, нафаҳмонидани вазифаҳои ӯ, ирсол накардани саҳми суғуртавӣ, пардохт накардани музди меҳнат ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои бо муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд.

Файласуфон дар замони худ дуруст ишора намуда буданд, ки неруи ҷазо на дар вазнинӣ, балки ногузирии он мебошад. Воқеан ҳам, дар таъйини ҷазои маъмурӣ на қатъият, балки таъсири тарбиявӣ ба субъект муҳим мебошад. Ин рисолати ҷазои маъмурӣ набояд сарфи назар гардад. Тавақуфи мо дар ҷазоҳои маъмурӣ бо он низ алоқаманд аст, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқ баъзан бинобар саҳв дар банду басти кирдор нисбати субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ чораҳои ҷазо нодуруст истифорда шуда, ин зайл амал тавассути васосити ахбори омма расонаӣ мегардад.

Барои мисол,  тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ хабар дода шуд, ки кормандони милитсияи ш.Душанбе роҳбарони тарабхонаҳои “Лондон” – С.У. ва “Парасту” – С.Б.-ро боздошт намуданд. Маркази матбуоти Раёсати ВКД Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе хабар медиҳад, онҳо сарфи назар аз бевақтии шаб, ба корашон идома додаанд: мувофиқи қонун, ба тарабхонаҳо дар пойтахт то соати 23:00 кор иҷоза шудааст. Гуфта мешавад, ки дар ин тарабхонаҳо реҷаи корӣ дар вақти шабона вайрон шуда, берун аз вақти муқарраргардида фаъолияташонро идома додаанд, ҳамзамон қоидаҳои санитарию гигиенӣ вайрон шуда, дар бевақтии шаб бо овози баланду гӯшхароши мусиқӣ оромии шаҳрвандон халалдор ва тартиботи ҷамъиятӣ дар вақти шабона риоя нашудааст. Бинобар ин кирдори онҳо тибқи м.479 КҲМ - итоат накардан ба амр ва талаботи қонунии корманди милитсия ва шахси дигар, ки вазифаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро иҷро менамояд, банду баст шуда, бо қарори Суд ба онҳо мувофиқан ба муҳлати 5 ва 7 шабонарӯз ҷазо дар намуди ҳабси маъмурӣ таъйин гаштааст [11]. Чунин мисолҳо зиёданд.

Биноан, дар санксияи ҳеҷ як моддаи Қисми махсуси КҲМ татбиқи ҳабси маъмурӣ нисбати субъекти соҳибкорӣ муқаррар нашудааст. Ҳамаи айбҳои эълоншуда марбут ба реҷаи кори тарабхона бо фаъолияти  соҳибкорӣ

алоқаманд буда, татбиқи тамоман дигар чораи ҷазои маъмуриро тақозо менамояд, ки бояд аз муайян кардани вазъи ҳуқуқии субъект оғоз гардад. Дар м.462 КҲМ - “Халалдор кардани оромӣ” ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурии муқаррар шудааст, ки таркиби он чунин баён мешавад: “Барои дар кӯчаҳо, майдонҳо, боғу соҳилҳои фароғатӣ (пляж), нақлиёт ва дар дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, инчунин аз соати 23.00 то соати 6.00 дар хобгоҳҳои умумӣ ва манзили зист доду фарёд кардан, ҳуштак кашидан, бо овози баланд суруд хондан, навохтани асбобҳои мусиқӣ, ба кор андохтан ё истифодаи дастгоҳҳои садотақвиятдиҳанда, техника ё таҷҳизоти сохтмонию таъмирии садобарор, ки боиси халалдор гаштани оромии ҷамъиятӣ шуда бошад” [6]. Барои ин кирдор ба шахсони воқеӣ огоҳӣ дода мешавад ё ҷаримаи маъмурӣ ба андозаи аз ду то се нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба шахсони мансабдор аз панҷ то ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ба шахсони ҳуқуқӣ огоҳӣ дода мешавад ё ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Агар роҳбарони тарабхонаҳои “Лондон” ва “Парасту” вазъи ҳуқуқии соҳибкори инфиродиро дошта бошанд, тибқи моддаи дар болономбурда ҳамчун шахси воқеӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Татбиқи ҷазои маъмурӣ тибқи КМҲМ барои кирдори мазкур ба ваколати мақомоти корҳои дохилӣ вогузор шудааст [7].

Таҳрифи қонунгузорӣ натиҷаи роҳ ёфтани иштибоҳ зимни банду басти кирдор аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ва баҳои нодурусти ҳуқуқӣ аз ҷониби суд мебошад, ки минбаъд бояд тавассути ҷамъбасти таҷрибаи судӣ ва таҳияи тавзеҳоти дастурӣ аз ҷониби Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳ карда шавад.

Худи майлони афзоиши ҳадди ҷаримаҳои маъмурӣ нисбати субъектони хоҷагидорӣ мояи нигаронӣ буда, аз ҷониби мутахассисони соҳа интиқод мешавад [12, 32]. Дар партави табдирҳо ҷиҳати дастгирии бахши хусусӣ, ки яке аз афзалиятҳои рушди миллӣ эътироф шудааст, раванди пурзӯр намудани қатъияти ҷазои маъмурӣ нисбати субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити носуботии иқтисодӣ чандон эътимодбахш ба назар наменамояд.

Бознигарии амалияи ҷаримабандии субъектҳои соҳибкорӣ ва дар ин замина сабук кардани “фишори ҷаримавӣ”-и давлат ба онҳо тақозои замон шудааст. Албатта, чунин иқдом ба ихтисори сатри даромади буҷети давлатӣ меорад, вале ба онҳо имкони медиҳад, ки ба мушкилоти буҳрони иқтисодӣ тоб оварда, фаъолиятро идома диҳанд ва нақши худро ҳамчун шарики иҷтимоии давлат иҷро намоянд. Баҳри паст намудани таваккалҳо зимни таъйини ҷазои маъмурӣ нисбати субъектҳои фаъолияти соҳбкорӣ дар санҷиши аввал татбиқи огоҳии маъмурӣ бо нишон додани мӯҳлати бартарафсозии камбудиҳо тадбири ҷолиб мебошад.

Ҳамин тавр, мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки дар амалияи татбиқи ҷазоҳои маъмурӣ нисбати субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ таҳрифи иродаи қонунгузор ҷой дорад. Аён мегардад, ки зимни таҳлили таркибҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ баъзан махсусияти фаъолияти соҳибкорӣ ва мувофиқан вазъи ҳуқуқии субъект сарфи назар мешавад. Дар заминаи банду басти нодурусти кирдор зимни татбиқи ҷазои маъмурӣ вазъи ҳуқуқии субъекти ҳуқуқварайронукнии маъмурӣ ба инобат гирифта намешавад, ки ба ислоҳу тасҳеҳ тариқи тавзеҳоти дастурии Суди олӣ ниёз дорад.

Адабиёт:


1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.

2.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ - [Захираи электронӣ] - реҷаи дастрасӣ: https://prezident.tj: санаи муроҷиат: 12.01.25.

3.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2025, №915 “Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ” - [Захираи электронӣ] - реҷаи дастрасӣ: https://prezident.tj:санаи муроҷиат: 02.02.25.

4.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2014. №7. Қ.2. М.404.

5.Раззоқов Б.Ҳ., Рустамова З.Ҳ. Моҳият ва мақсадҳои ҷазои маъмурӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2021. №1.

6.Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2009.

7.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2013. №7. М.369.

8.Винтер Г. Проблемы реформирования Кодекса административных правонарушений Республики Таджикистан // Давлат ва ҳуқуқ. 2003. №3.

9.Наботов С.Х. Речаи ҳуқуқии молу мулки соҳибкори инфиродӣ. Дис....докт.фалсафа (Phd). -Душанбе, 2021.

10.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2014. №7. Қ.2. М. 404.

11.Манбаи электронӣ https://sputnik-tj.com: санаи муроҷиат: 10.10.25.

12.Севрюгин В.Е. «Старая одежда» нового КоАП РФ: концептуальные недоработки и перекосы законопроекта //Административное право и процесс. 2016. №10.

**Мирзоева Қ.А.**
н.и.ҳ., и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ

## ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР МУРОФИАИ СУДӢ БО ПАРВАНДА ҶИНОЯТӢ

Аннотатсия: Мақолаи мазкур ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар мақола нақши принсипҳои асосии мурофиавӣ, аз ҷумла эҳтироми шаъну шарафи шахс, эҳтимолияти бегуноҳӣ, қонуният, мубоҳисавии мурофиа ва таъмини ҳуқуқ ба ҳимоя таҳлил гардидааст. Ҳамчунин вазифа ва нақши субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ суд, прокуратура, муфаттиш ва ҳимоятгар дар раванди ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон тавзеҳ дода мешаванд.

Калидвожаҳо: инсон, ҳимояи ҳуқуқи инсон, парвандаи ҷиноятӣ, прокуратура, суд, мурофиаи судӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, шаъну шараф

Конститутсияи Ҷу мҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро арзиши олӣ эълон кард, ки эътироф ва иҷрои стандартҳои ҳуқуқии байналмилалиро тақозо менамояд.

Ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ӯҳдадориҳои асосии онҳо боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳама калонтарин ба ҳисоб рафта, аз 34 модда иборат аст, бахшида шудааст. Онҳо аз рӯи низоми муайян ҷойгир шудаанд, ки дорои робитаи мантиқии дохилӣ буда, хусусияти худи

ҳуқуқ ва озодиҳоро вобаста ба соҳаҳои ҳаёти инсон ва шаҳрванд, ки дар онҳо амалисозии дахлдорро пайдо мекунанд, ба назар мегирад.

«Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ – мутобиқи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – арзиши олӣ дошта ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд·

Вобаста ба ин, эҳтироми шахсият институти муҳимтарини мурофиаи судии ҷиноятӣ гардида, таҳияи минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалиро талаб мекунад, ки таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаъну шарафи ӯ, кафолатҳои дахлнопазирии арзишҳои конститутсионӣ риоя карда шавад.

Афзалияти эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ инчунин бо пеш гузоштани вазифаҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсоне, ки аз ҷиноятҳо ҷабр дидаанд, ҳимояи шахсият аз айбдоркуниӣ, дастгиркунӣ, маҳдудкунӣ ва маҳкумкунии ғайриқонунӣ ва беасоси ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо ба шумор меравад.

Чуноне, ки д.и.ҳ. И.Л. Петрухин дуруст қайд кардааст, масъалаи шахсият дар мурофиаи судии ҷиноятӣ масъалаи озодӣ ва мустақилияти мурофиавии муфаттиш, прокурор, судя, озодии интихоби воситаҳои ҳимоя аз ҷониби ҳимоячӣ ва ғайра мебошад.

Бо таҳлили мундариҷаи муқаррарот оид ба эҳтироми шахсият дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки талаботи муносибати боэҳтиромона бидуни истисно нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла муфаттиш, прокурор, суд ва ғайра амал мекунанд. Зеро эҳтироми дурусти шахсияти иштирокчиёни дар боло зикршудаи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ аҳамияти муҳим дорад.

Асоси институти мурофиавии ҷиноятии эҳтироми шахсият ва ҳуқуқҳои инсонро чунин сарчашмаҳои ахлоқӣ, ба монанди эътироф намудани инсон ҳамчун арзиши олӣ, афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ нисбат ба ҳамагуна манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, эҳтироми шаъни ҳар як инсон ва ғайра ташкил медиҳанд.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намуд, ки эҳтироми шахсият, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии, муносибати эҳтиромона ба инсон аз ҷониби дигарон, ба монанди хушмуомилагӣ, росткорӣ, ҳифз ва ҳимояи шахсиятро аз таҷовуз ва манфиатҳои ӯ дигар чизе шуда наметавонад.

Муқаррарот оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсиятро метавон ҳамчун «амалисозии маҷмӯи тадбирҳое муайян кард, ки ба фароҳам овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқҳои инсон ва барқарор намудани ин ҳуқуқҳо дар сурати риоя нагардидани онҳо равона шудаанд».

Фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа аз ҷониби субъектҳои фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ дар доираи функсияҳои мурофиавии ҷиноятии аз ҷониби онҳо амалишаванда, яъне намудҳои фаъолияти субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо нақш, таъинот ё ҳадафи иштироки онҳо дар парванда муайян карда мешаванд, амалӣ мегардад.

Ин маънои онро дорад, ки ҳар як иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ тадбирҳоеро амалӣ менамояд, ки ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо равона шуда, бо риояи қатъии қонун ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои бевоситаи худро амалӣ намоянд, дар ин замина аз воситаҳо ва усулҳои пешбининамудаи қонун истифода барад.

Масалан, ҳифзи қонун ба зиммаи суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ӯҳдадориро мегузорад, ки ба шахсони дар парванда иштироккунанда, аз ҷумла гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳуқуқҳои онҳоро фаҳмонад ва имконияти амалигардонии ин ҳуқуқҳоро таъмин намояд. Ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда имконияти ҳимояи худро бо воситаҳо ва усулҳои муқаррарнамудаи қонун таъмин намояд, инчунин ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва амволии онҳоро таъмин намояд.

Ҳимоятгар бошад, ҳамчун ҳимоятгари гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда баромад намуда, ӯҳдадор аст, ки ҳамаи воситаҳо ва усулҳои ҳимоя, ки қонун пешбинӣ менамояд, бо мақсади ошкор намудани ҳолатҳое, ки

ҷавобгарии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро сабук мекунанд ва ё ӯро  сафед мекунанд кӯмаки зарурии ҳуқуқӣ расонад.

Масалан, ҳимоятгари айбдоршаванда ё судшаванда набояд барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои зерҳимояаш нисбат ба ҷабрдида тадбирҳо андешад, аммо ӯҳдадор аст, ки муносибати боэҳтиромонаро нисбат ба ӯ риоя намояд.

Ба мундариҷаи институти мурофиавии ҷиноятии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, ба андешаи мо, дохил мешаванд:

*эътироф ва риояи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ;

* ҳифзи шаъну шарафи шахсият дар ҷараёни пешбурди тафтишоти пешакӣ  ва баррасси парванда дар суд;

*овардани шароити фароҳам  барои татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ;

* ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз таҷовузҳои эҳтимолӣ;

*барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ.

Ҳамин тариқ, зери ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ бояд маҷмӯи воситаҳо ва усулҳоеро фаҳмид, ки мақсади онҳо таъмини чунин низоми пешбурд оид ба парвандаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар он манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ эътироф ва риоя карда мешаванд, шаъну шарафи онҳо ҳифз карда мешавад, шароит барои таъмин ва ҳимояи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ фароҳам оварда мешавад, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда кафолат дода мешавад.

Асоси ахлоқии эҳтироми шахсият дар мурофиаи ҷиноятӣ меъёрҳои ахлоқии умумиэътирофшуда мебошад. Арзишҳои ахлоқӣ, ки ба воситаи ҳуқуқ ифода ёфтаанд, хусусияти ҳуқуқии муҳим пайдо карда, дар шакли «манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда» баромад мекунанд.

Занҷири марказии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ расидан ба таъмини эҳтироми шаъну шарафи шахсият, озодиҳои асосии он,

манфиатҳои муҳимтарини иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, татбиқи ҳуқуқҳо ва амалисозии кафолатҳои ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа, барқарор намудани ҳуқуқ ва озодиҳои поймолшуда мебошад.

Аҳамияти институти мурофиавии ҷиноятии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар мурофиаи судӣ дар он ифода меёбад, ки он:

1. хусусияти ҳуқуқ таъминкунанда дошта, ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ имконияти озодона татбиқ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои худ, ҳимояи манфиатҳои қонуниро фароҳам меорад;

2. нақши пешгирикунандаро бозида, ҳуқуқ ва озодиҳоро аз таҷовуз ва вайронкуниҳои эҳтимолӣ пешгирӣ намуда, муносибати эҳтиромонаро аз ҳамаи дигар субъектҳои ҳуқуқ талаб мекунад;

3. функсияи ҳимоявии барқароркунандаи ҳуқуқро иҷро менамояд.

Нақши пешбаранда дар байни онҳо ба принсипи қонуният тааллуқ дорад. Вобаста ба мурофиаи судии ҷиноятӣ, ин принсип дар талаботи амалисозии пешбурд оид ба парванда бо риояи дақиқи қонун, риояи меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъмини назорати самаранок аз болои иҷрои қонунҳо ҳангоми баррасии он дар суд ифода меёбад.

Яке аз принсипҳои калидӣ дар низоми мурофиаи ҷиноятӣ ин эҳтироми шаъну шарафи шахс, дахлнопазирии шахсият ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва дар мурофиаи судӣ мебошад, ки дар моддаҳои гуногуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтааст.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф риоя ва ҳифз менамояд. Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибатҳои ғайриинсонӣ раво дида намешавад ва ҳеҷ кас ӯҳдадор нест алайҳи худ, ҳамсар ва хешовандони наздики худ шаҳодат диҳад ва мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор доданӣ инсон

манъ аст. Ин меъёри конститутсионӣ дар моддаҳои 10, 11, 12 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ ба таври мушаххас нишон дода шудааст.

Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, ки дар моддаи 20 Конститутсияи кишвар омадааст, пурра ва ба таври дақиқ чунин ифода ёфтааст; "Ҳеҷ кас то эътибори қонуни пайдо намудани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад". Бевосита дар Конститутсия муқаррар намудани эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳам дар таҷрибаи мақомоти тафтишотӣ ва судӣ ва ҳам дар ҷараёни қонунэҷодкунӣ таъсири мусбӣ дорад. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳи дар қисми 1 м. 11 Эъломияи умуми ҳуқуқи башар" қ.2 м 14 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қ.2 м 6 Конвенсияи ИДМ дар бораи ҳуқуқ ва озодии асосии инсон (1996) ва дигар санадҳои байналмилалӣ ҳамчун арзиши умумибашарӣ эътироф гардидааст..

Бинобар амали принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳамаи маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар ҷараёни мурофиаи судии ҷиноятӣ то қувваи қонунӣ пайдо кардани ҳукм бояд танҳо ба таъмини муқаррар намудани ҳақиқат равона карда шуда, ба шахсоне, ки нисбат ба онҳо татбиқ мешаванд, маҳрумият ва азоб нарасонанд. Вазифаи ин принсип бошад, ба вуҷуд овардани шароитҳое мебошад, ки маҳкумкунии беасоси шаҳрвандонро истисно мекунад.

Бояд қайд кард, ки як қисми принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ аз рӯи мундариҷа бо ҳуқуқҳои конститутсионии дахлдори шахсият, ба монанди дахлнопазирии шахсият, манзил, ҳаёти хусусӣ, таъмини ҳуқуқи айбдоршаванда ва судшаванда ба ҳимоя, ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳо ва ғайра мувофиқат мекунанд.

Масалан, мутобиқи принсипи таъмини ҳуқуқи судшаванда ба ҳимоя ҳуқуқҳои алоҳидаи мурофиавии ӯ муайян карда мешаванд: донистани он ки ба чӣ айбдор карда мешавад, истифодаи хизматрасонии ҳимоятгар, шиносоӣ бо маводи парвандаи ҷиноятӣ ва ғайра, ӯҳдадориҳои прокурор ва суд оид ба таъмини амалигардонии ҳуқуқи судшаванда ба ҳимоя, таъмини иштироки ҳимоятгар дар парванда дар ҳолатҳои зарурӣ ва ғайра.

Нақши принсипҳои шикояти озод аз амал ва қарорҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро (қисми 1 моддаи 19-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Мутобиқи принсипи ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бошад, амал ва қарорҳои алоҳидаи шахсони мансабдор дар рафти пешбурди тафтишоти пешакӣ бо парвандаи ҷиноятӣ масъуланд, ба суд шикоят карда мешаванд.

Ба ҳар як шаҳрванд имконияти ҳимояи судӣ кафолат дода мешавад. Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро аз ҷониби суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки мутобиқи қонун таъсис дода шудааст, баррасӣ намояд. Ҳеҷ кас наметавонад пас аз гузаштани мӯҳлати таъқиби ҷиноятӣ, инчунин барои амалҳое, ки дар лаҳзаи содир шуданашон ҷиноят ҳисобида намешуданд, ба ҷавобгарии ҷинояти кашида шавад. Ҳеҷ кас наметавонад барои як ҷинояти айни такроран маҳкум карда шавад.

Чуноне, ки олим В.П. Кашепов тасдиқ мекунад, ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд механизми ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ки бо ёрии он давлат ӯҳдадор аст риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки дар Конститутсия мустаҳкам шудаанд, таъмин намояд.

Дар раванди таҳкими муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқии мақомоти гумрукӣ бо пешбурди низоми муосиргардонии сиёсати ҳуқуқӣ, яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад. Муосиргардонии сиёсати ҳуқуқӣ дар бахши фаъолияти гумрукӣ ба масъалаҳои танзимнамоии муносибатҳои ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ба амал бароварда мешавад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо кормандони соҳаи гумруки кишвар (10.05.2019) қайд намуда буданд, «Нақши мақомоти гумрук дар ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист ва арзишҳои фарҳангии кишвар, инчунин, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад.[6] Имруз аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушд ва такомули низоми ҳуқуқии хоҷагидори бахши давлатӣ ва маҳалӣ аз ҷумла мақомоти гумрук тамоми чораҳои зарурӣ ба амал бароварда шуда истодааст.

Дар шароити муосири рушди ҷаҳонии иқтисод ва рақамикунонии муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, масъалаи мукаммалсозии танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва шаффофияти гардиши молҳо аҳамияти махсус пайдо намудааст. Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 2024) зарурати таҳкими иқтисоди рақамиро таъкид намуда, солҳои 2025–2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намуданд.[1] Дар ин замина, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардид, ки фаъолияти худро мутобиқ ба талаботи нави ҳуқуқӣ ва меъёрҳои муосири рақамӣ ба роҳ монад.

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодии дохиливу хориҷӣ, мақомоти гумрук на танҳо ҳамчун сохтори назоратӣ, балки ҳамчун унсури муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ баромад менамояд. Аз ин лиҳоз, такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ба таҳкими ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди иқтисоди миллӣ ва мусоидат менамояд. Дар давраи соҳибистиқлолии давлатӣ низоми ҳуқуқии гумрук пайваста такмил ёфта, қонунгузории миллии гумрукӣ ба стандартҳои байналмилалӣ наздик шуда истодаанд.

Дар солҳои охир як қатор санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти гумрукӣ қабул шудаанд, ки онҳо танзими ҳуқуқӣ ва рушди фаъолияти гумрукӣ равона гардидаанд, аз ҷумла:

Санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти гумрукӣ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1 октябри соли 2025, №2186)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» (18 марти соли 2022, №1870);
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» (24 феврали соли 2017, №1392, бо тағйироти соли 2024 №2040);

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» (20 июни соли 2024, №2075);

5. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2020, №1746);

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (11 декабри соли 1999, №908).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. ш. Душанбе, 1 октябри соли 2025, №2201

8. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643

Санадҳои мазкур дар натиҷаи такомул ёфтанашон зарфи соҳибистиқлолии давлатӣ, заминаи ҳуқуқиро барои мутобиқсозии низоми гумрукӣ бо талаботи иқтисоди рақамӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ фароҳам овардаанд.

Яке аз чунин ислоҳоти ҳуқуқӣ дар соҳаи гумрук дар заминаи такмили Кодекси гумрукӣ ба амал баровардa шуд. Ҳамин тавр, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешбурди сиёсати ҳамгироии иқтисодӣ, Хадамоти гумрук лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намуд. Қонун аз ҷониби Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ қабул ва 1 октябри соли 2025 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуд.[1] Қонуни мазкур ба рақамикунонии пурраи расмиёти гумрукӣ, пешниҳоди декларатсияҳои электронӣ, истифодаи имзои электронии рақамӣ, ҳамчунин содагардонии бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ равона карда шудааст. Инчунин, дар заминаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумрук дар маҷмӯъ ба 39 моддаи Кодекси гумрук тағйиру иловаҳо ворид гардидаанд,[2] ки онҳо масъалаҳои зеринро фаро мегиранд:

- пешниҳоди маълумоти хизматрасонии пешакӣ тавассути низоми иттилоотии Хадамоти гумрук;
- коҳиши андозаи таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ аз 8000 то 4000 нишондиҳанда;
- мутобиқсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ бо таҷрибаи байналмилалӣ;
- содагардонии расмиёти бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ.[2]

Ҳамзамон дар заминаи такмили низоми транзит ва иҷозатдиҳӣ, бо назардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, боби 10 ва 20-и Кодекси гумрук муттаҳид гардида, таҳти унвони «Боби 10. Расмиёти гумрукии транзит» шакли навро гирифт. Тағйироти мазкур ба баробарсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва соддагардонидани амалиётҳои транзитӣ мусоидат менамояд. Илова бар ин, барои мутобиқсозӣ ба талаботи Қонуни «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»,[2] ба 10 моддаи Кодекси мазкур тағйироти дахлдор ворид шуда, ки он фаъолияти соҳибкоронро осонтар ва муҳити тиҷоратиро рақобатпазиртар мегардонад.

Дар заминаи илова ва тағйиротҳо дар самтиидоракунии хавфҳо ва назорати рақамӣ роҳандоӣ гардид. Боби 52-и Кодекси гумрукӣ «Баҳодиҳӣ ва идораи таваккал (риск)» дар таҳрири нав пешниҳод шуд, ки навоварӣ системаи идоракунии хавфҳоро тавассути алгоритмҳои иттилоотӣ ва мониторинги рақамӣ беҳтар месозад. [9] Икдоми мазкур ба камшавии дахолати инсон ба амлиётҳои гумрукӣ, ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни ФСХ, пешгирии коррупсия ва танзими саривақтӣ ба идораи таваккал мусоидат менамояд.

Натиҷа таҳқиқоти мазкур аз он далолат менамод, ки татбиқи қонунгузории нав дар соҳаи гумрук имкониятҳои навини зеринро фароҳам меорад:

- таҳкими хизматрасониҳои гумрукӣ
- коҳиши вақти барасмиятдарорӣ ва афзоиши суръати гардиши молҳо;
- паст шудани хароҷоти маъмурӣ барои ширкатҳо ва давлат;

- таъмини ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (резидент ва ғайрирезидентҳо)
- баланд гардидани сатҳи шаффофият дар таъмини ҳуқуқи инсон ва муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ;
- пешгирии омилҳои коррупсионӣ тавассути рақамикунонӣ дар назорати электронии амалиётҳо;
- баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ.

Ҳоло мо вазъи умумии гардиши савдои хориҷиро дар солҳои 2020-2024 дар заминаи танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ бо нишондиҳандаҳои воқеии иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Ҷадвали №1.**

**Вазъи умумии гардиши савдои хориҷӣ (2020–2024)**

| Сол | Ҳаҷми умумии савдои хориҷӣ (млрд. доллар) | Содирот (млрд. доллар) | Воридот (млрд. доллар) | Пардохтҳои гумрукӣ ба буҷет (млрд. сомонӣ) | Ҳиссаи гумрук дар даромади буҷет (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| **2020** | 4.6 | 1.2 | 3.4 | 8.1 | 26% |
| **2021** | 5.5 | 1.5 | 4.0 | 9.3 | 27% |
| **2022** | 6.9 | 2.1 | 4.8 | 11.2 | 28% |
| **2023** | 8.1 | 2.5 | 5.6 | 12.6 | 28.5% |
| **2024** | 9.4 | 3.1 | 6.3 | 13.9 | 29% |

**Манбаъ: Ҳисоботҳои** Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, Вазорати молия (гузоришҳои солона 2020–2024). [11,12,13]

Таҳлили тамоюлҳо ва омилҳои таъсиргузор (такмили қонунҳо ва ҷорисозии низоми рақамӣ) нишон медиҳад, ки дар панҷ соли охир ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4.6 млрд. доллар дар соли 2020 то 9.4 млрд. доллар дар соли 2024, зиёда **аз ду баробар афзоиш**ёфтааст. Ин афзоиш натиҷаи алббата **рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ, содагардонии расмиёти воридот ва содирот,** инчунин **афзоиши имкониятҳои электронӣ дар бақайдгирии**

**иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ** маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, ҳиссаи пардохтҳои гумрукӣ дар сохтори даромади буҷети давлатӣ аз **26% дар соли 2020 то 29% дар соли 2024** афзоиш ёфтааст, ки далели **самаранокии идоракунии рақамӣ ва шаффофияти молиявӣ** мебошад. [11]

Рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ ва таъсири он ба савдои хориҷӣ, низ воаста ба таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2025, №2186 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»ба шумор меравад, ки он ҳоло марҳалаи навро дар идоракунии хизматрасониҳои гумрукӣ оғоз намуда истодааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки пеш аз қабули қонун, соли 2023 тақрибан 65% расмиёти гумрукӣ тавассути низоми электронии Хадамоти гумрук анҷом мешуд, пас аз татбиқи тағйиротҳо дар солҳои 2025-2026, эҳтимолияти расиидани ин нишондиҳандаҳото 90–95% мерасанд.Дар ин ҷода низ афзалиятҳои рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ дар заминаи танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин комёбиҳои зеринро дар худ таҷассум менамоянд:

- ихтисоршавии вақти барасмиятдарории молҳо то 30-40%;
- кам шудани тамоси инсон бо корманди гумрук (пешгирии коррупсия ва таъмин ва танзими ҳуқуқи иштирокчиёни ФСХ);
- афзоиши гардиши содирот ва воридот дар муҳлати кӯтоҳ;
- имконияти мониторинги онлайн ва таҳлили хавфҳо (risk management system[11]).

Акнун мо алоқаи байни сатҳи рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ ва ҳаҷми гардиши савдои хориҷиро дар солҳои 2020-2024 дар графики зерин дида мебароем.

---

[11] Системаи идоракунии хавфҳо - маҷмӯи воситаҳоест, ки ба ташкилотҳо дар муайян, арзёбӣ ва кам кардани хатарҳои эҳтимолӣ, ки ба амалиёт, дороиҳо ё эътибори онҳо таъсир мерасонанд, кӯмак мерасонанд.




**Графикаи №1.**Алоқа байни сатҳи рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ ва ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ (2020–2024) [11]

Графикаи мазкур нишон медиҳад, ки бо афзоиши сатҳи рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ, гардиши савдои хориҷӣ мутаносибан боло рафтааст. Яъне таҳия ва такмили қонунгузории гумрукӣ ва ташкили рақамикунонии гумрукӣ вобаста ба ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар солҳои 2020-2024 бо дарназардошти танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ афзалиятнокии самти мазкурро нишон додааст.

Ҳамин тавр, танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ва нақши он дар таҳкими рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ дар заминаи болоравии сатҳи рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ дар ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ таъсири калон гузошта таҳкими масъалаи мазкурро дар худ таҷассум менамояд. Вобаста ба масъалаи мазкур мо ба чунин хулосаҳои зерин омадем, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ва таҳкими рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ чунин омилҳои зеринро ба бор овардаанд:

1. Рақамикунонии фаъолияти гумрукӣ ба афзоиши гардиши савдои хориҷӣ ва даромадҳои буҷетӣ таъсири мустақим доранд.
2. Тағйиру иловаҳои воридшуда ба Кодекси гумрук (2025) барои ҳамоҳангсозии меъёрҳои миллӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.
3. Содагардонии тартиби бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба камшавии хароҷоти маъмурӣ ва баланд шудани сатҳи рақобат дар бозори миллӣ мусоидат кардааст.
4. Таҷрибаи рақамикунонии Хадамоти гумрук метавонад ҳамчун модели идоракунии рақамии дигар сохторҳои давлатӣ истифода шавад.

Ҳамзамон, рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ба афзоиши даромадҳои буҷетӣ ва таъмини устувории молиявӣ мусоидат мекунад, зеро онҳо ба афзунгардидани сатҳи интизом ва ҳисоботдиҳии молиявӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дар баробари ин комёбиҳо мо чунин масъалаҳоро бобати танзими ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ва таҳкими рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ пешниҳод менамоем:

1. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва этикаи касбии кормандони мақомоти гумрук дар Донишкадаи такмили ихтисоси хадамоти гумрук;

2. Ҷалби мутахасисони соҳаи фаъолияти гумрукӣ барои фаъолияти хизматӣ ба мақомоти гумрук аз ҷониби роҳбарияти Хадамоти гумрук;

3. Шиносоии кормандони ҳайати шахсии дидбонгоҳҳо бо истифодаи дурусти воситаҳои техникии муосири рақамӣ ва гузаронидани санҷиши хизматӣ бобати дуруст истифодабарии онҳо;

4. Омӯзиши дурусти муайян намудани арзиши гумрукии мол вобаста ба манфиати давлат ва молҳои манфиатдор ва рақобатпазир аз ҷониби нозирони дидбонгоҳҳои гумрукӣ;

5. Баланд бардоштани иқтидори кадрӣ ва саводнокии рақамии кормандони гумрук оид ба “Идоракунии рақамии гумрук”, “Идоракунии хавфҳо”, “Амнияти иттилоотӣ” ва “Қонунгузории рақамӣ”;

6. Татбиқи низоми ягонаи иттилоотии байниидоравӣ (E-Customs Integration)
бо мақсади коҳиши вақти расмиёти гумрукӣ ва афзоиши шаффофият, байнисистемаи иттилоотии Хадамоти гумрук бо пойгоҳҳои Вазорати молия, Кумитаи андоз, Бонки миллӣ ва мақомоти назорати сарҳадот дар татбиқи пурраи принсипи «Равзанаи ягона»

7. Такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои гумрукӣ. Бо назардошти ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ”, “Дар бораи низоми

иҷозатдиҳӣ", "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" ва "Дар бораи ҳифзи иттилоот", мутобиқ бо меъёрҳои гумрукӣ. Ин тадбирҳо ба тавсеаи фазои ҳуқуқии ягонаи рақамикунонии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

Хулоса, тағйиру иловаҳои воридшуда ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами муҳим дар роҳи гузариш ба рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ маҳсуб меёбад. Масъалаи мазкур заминаи ҳуқуқиро барои таҳкими шаффофият, истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир ва мутобиқсозии низоми гумрук ба стандартҳои ҷаҳонӣ фароҳам меоварад. Татбиқи муваффақонаи ин ислоҳот ба таври мустақим ба рушди иқтисоди миллӣ, афзоиши даромади буҷет ва таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, такмили минбаъдаи низоми ҳуқуқии гумрук бояд ба таҳкими идоракунии рақамӣ, омӯзиши кадрҳо ва истифодаи таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ равонакарда шавад.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, аз 28 декабри соли 2024.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1 октябри соли 2025, №2186)
3. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2020, №1746).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» (18 марти соли 2022, №1870).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» (20 июни соли 2024, №2075).
6. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар.10.05.2019.шаҳри Душанбе. https://www.president.tj/event/domestic_trips/18236

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. ш. Душанбе, 1 октябри соли 2025, №2201
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ш. Душанбе, 1 октябри соли 2025, №2200
9. Мерафзунзода М. генерал-майори хадамоти гумрук, сардори раёсати таъмини ҳуқуқии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.Рақамикунонии расмиёти гумрукӣ – омили рушди мақомоти гумрук. https://gumruk.tj/index.php/12121/khabarho/1568-2025-10-18-04-42-47 Аз gumruk Oct 18 Қисмат: Хабарҳо Hits: 319
10. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643
11. Ҳисоботҳои солонаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ, (гузоришҳои солона 2020–2024).
12. Ҳисоботҳои солонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (гузоришҳои солона 2020–2024).
13. Ҳисоботҳои солонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (гузоришҳои солона 2020–2024).

**Гулзода Наҷиба Абдулмаҷид**
н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара. **Суроға:** н. Данғара, **Тел:** (+992) 888846363-gulzoda-8@mail.ru
**Саидзода Давлаталӣ Ҳокимҷон**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара. **Суроға:** н. Данғара, **Тел:** (+992)202323229.

# ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳуқуқҳои иқтисодии инсон яке аз ҷузъҳои муҳим ва ҷудонашавандаи низоми умумии ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб мераванд. Ин навъи ҳуқуқҳо пеш аз ҳама ба фаъолияти иқтисодӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ ва иҷтимоии шахс вобаста буда, шароити озод ва баробарро барои зиндагӣ ва рушд фароҳам меоранд. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳуқуқҳои иқтисодӣ ҳамчун ҳуқуқҳои насли дуюми инсонӣ эътироф шудаанд, ки дар паҳлуи ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мавқеи хосса доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки худ давлатеро бо иқтисоди бозорӣ ва арзишҳои демократӣ эълон намудааст, таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон яке аз самтҳои асосии фаъолияти қонунгузор ва мақомоти давлатӣ маҳсуб меёбад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) заминаи ҳуқуқӣ ва меъёри олии таъмини ҳуқуқҳои иқтисодиро фароҳам оварда, ҳуқуқ ба моликият, меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва озодии фаъолияти соҳибкориро кафолат медиҳад [2].

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи амалии татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҳам дар ҷомеа мушкилот вуҷуд доранд. Аз ҷумла, риояи нопурраи ҳуқуқ ба меҳнат ва шароити муносиб, масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон ва сармоягузорон, ҳамчунин таъмини

ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазир аз ҷумлаи масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб мераванд.

Аз ин лиҳоз, таҳлили илмию амалии масъалаи таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Зеро бе ҳимоя ва кафолати ин навъи ҳуқуқҳо наметавон аз рушди устувори ҷомеа ва адолати иҷтимоӣ ҳарф зад. Мақолаи мазкур ба баррасии асосҳои ҳуқуқӣ, масъалаҳои амалии татбиқ ва роҳҳои такмили таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон бахшида шудааст.

Ҳуқуқҳои иқтисодии инсон маҷмӯи имкониятҳо ва озодиҳоест, ки ба ҳар шахс барои иштирок дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа дода мешаванд. Онҳо ба инсон имконият медиҳанд, ки моликият дошта бошад, меҳнат кунад, фаъолияти соҳибкорӣ барад, дар муносибатҳои бозорӣ иштирок намояд ва аз натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ баҳра бардорад [4, с. 2024].

Ин ҳуқуқҳо дар заминаи таърихӣ ҳамчун посух ба зарурати ҳифзи манфиатҳои иқтисодии одамон ташаккул ёфта, имрӯз ба унвони яке аз сутунҳои асосии давлатдории ҳуқуқбунёд эътироф шудаанд. Дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (1966), ҳуқуқҳои иқтисодӣ ба таври возеҳ ҳамчун ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсон зикр шудаанд[11, с. 1966].

Дар қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи ҳуқуқшиносӣ ҳуқуқҳои иқтисодӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

Ҳуқуқ ба моликият – ҳуқуқи доштани молу мулк, истифода ва ихтиёрдорӣ аз он.

Ҳуқуқ ба меҳнат – интихоби озоди касб, шароити муносиб ва адолатмандонаи кор.

Ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ – имконияти ҳар шахс барои ба роҳ мондани тиҷорат, сармоягузорӣ ва ташаббуси иқтисодӣ.

Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – дастрасӣ ба нафақа, кумакпулӣ ва дигар василаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳолати пирӣ, маъюбӣ ё бекорӣ.

Ҳуқуқи истеъмолкунандагон – ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон ҳангоми харид ва истифодаи молу хизматрасонӣ.

Ҳар яке аз ин ҳуқуқҳо бо дигар ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, пайванди мустақим доранд. Масалан, ҳуқуқ ба меҳнат на танҳо ҳуқуқи иқтисодӣ, балки заминаи амалӣ барои таъмини сатҳи зиндагии шоиста ва рушди шахсият низ мебошад [15, с. 1948].

Таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ яке аз омили асосии рушди устувори ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқҳои иқтисодӣ, аз қабили ҳуқуқ ба моликият, соҳибкорӣ ва меҳнат, заминаи муҳим барои рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон мебошанд. Давлатҳое, ки ба ҳимоя ва татбиқи ин ҳуқуқҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд, на танҳо сатҳи баланди иқтисодиро таъмин месозанд, балки ба таҳкими суботи иҷтимоӣ ва устувории сиёсӣ низ мусоидат мекунанд [14, с. 2021].

Дар баробари ин, поймол гардидани ҳуқуқҳои иқтисодӣ метавонад ба оқибатҳои манфӣ, аз ҷумла бесуботии иҷтимоӣ, афзоиши сатҳи камбизоатӣ ва густариши муҳоҷирати иҷборӣ оварда расонад. Ҳолатҳои мазкур дар таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳанд, ки беэътиноӣ ба ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ба заъфи институтҳои давлатӣ, косташавии эътимоди шаҳрвандон ба ҳокимият ва суст шудани рушди устувори иқтисодӣ меорад.

Аз ин лиҳоз, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва кафолати амалӣ гардидани ҳуқуқҳои иқтисодӣ бояд яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб равад [10, с. 52].

Дар Тоҷикистон низ ин масъала аҳамияти хос дорад. Бо назардошти он ки қисми зиёди аҳолӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ва соҳибкорӣ машғул аст, давлат бояд кафолат диҳад, ки шаҳрвандон имкониятҳои баробар барои иштирок дар муносибатҳои иқтисодӣ дошта бошанд [8, с. 2018].

Конститутсия ҳамчун қонуни асосии давлат заминаи ҳуқуқӣ барои таъмини ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандонро фароҳам меорад. Дар моддаҳои гуногуни Конститутсия меъёрҳое зикр шудаанд, ки ҳуқуқҳои иқтисодиро кафолат медиҳанд:

Моддаи 12: шаклҳои гуногуни моликиятро эътироф мекунад ва баробарии онҳоро таъмин менамояд.

Моддаи 32: ҳар шаҳрванд ҳуқуқ дорад соҳиби молу мулк бошад ва онро истифода барад.

Моддаи 35: ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касб ва ҳифзи иҷтимоиро кафолат медиҳад.

Моддаи 36: шаҳрвандон ҳуқуқ ба истироҳат, рухсатии пулакӣ ва вақти кории муқарраршударо доранд.

Моддаи 39: ҳар шахс ҳуқуқ дорад ба ҳифзи иҷтимоӣ, нафақа ва дигар шаклҳои таъминот дар ҳолати бекорӣ, маъюбӣ ё пирӣ дастрасӣ дошта бошад.

Ин меъёрҳо нишон медиҳанд, ки қонунгузори миллӣ ҳуқуқҳои иқтисодиро ба таври возеҳ эътироф намуда, онҳоро ба сифати арзишҳои олӣ барои шаҳрвандон муқаррар кардааст.

Ба ғайр аз Конститутсия, як қатор қонунҳои соҳавӣ низ мавҷуданд, ки ҳуқуқҳои иқтисодиро танзим ва кафолат медиҳанд:

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон – муносибатҳои меҳнатиро муқаррар намуда, ҳуқуқи кормандон ва корфармоёнро танзим мекунад. Он шароити адолатмандонаи меҳнат, пардохти музди мувофиқ ва ҳифзи кормандро таъмин месозад [1, с. 2016].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» – ҳуқуқи шаҳрвандонро ҳангоми хариди мол ва гирифтани хизматрасонӣ ҳимоя мекунад.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва масъулияти андозсупорандагонро муқаррар менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» – ҳуқуқ ва озодиҳои соҳибкоронро эътироф намуда, кафолати ҳуқуқии ташаббуси иқтисодиро таъмин мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳо» – ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоиро барои шаҳрвандон, бахусус гурӯҳҳои осебпазир, кафолат медиҳад.

Ҳамзамон бо қонунгузорӣ, нақши муассисаҳои давлатӣ низ дар кафолати ҳуқуқҳои иқтисодӣ калидӣ аст. Масалан:

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати иқтисодиро муайян намуда, барои рушди соҳибкорӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барномаҳои давлатӣ таҳия мекунад [13, с. 2021].

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ масъули назорати иҷрои қонунгузории меҳнат ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатист.

Суди конститутсионӣ ва судҳои умумӣ ҳамчун ниҳодҳои адолат ҳуқуқҳои иқтисодии поймолгардидаи шаҳрвандонро барқарор месозанд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон қонунҳои нав қабул карда, заминаи ҳуқуқиро ба талаботи замон мутобиқ месозанд.

Тоҷикистон узви як қатор санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ мебошад, аз ҷумла Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Ин уҳдадориҳо давлатро водор месозанд, ки қонунгузории миллиро бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонад. Масалан, зарурати таъмини шароити меҳнати бехатар, баробарии гендерӣ дар бозори меҳнат ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон ба ин қатори талабот дохил мешаванд.

Бо вуҷуди он ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои иқтисодиро кафолат медиҳад, таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҳам як қатор мушкилот вуҷуд доранд:

- Риояи нопурраи ҳуқуқ ба меҳнат ва шароити муносиб
- Дар баъзе соҳаҳо музди кор ба таври саривақтӣ пардохт намешавад.
- Шароити кор ва бехатарии меҳнат дар корхонаҳои хурду миёна ҳамеша кафолат дода намешавад.

Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ

Як қисми шаҳрвандон ба хориҷи кишвар барои кор мераванд, ки ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо мушкил аст.

Қонуни муҳоҷират ва назорати амалисозии он баъзан нокифоя мебошад, ки боиси поймолшавии ҳуқуқҳои муҳоҷирон мегардад [6, с. 2016].

Дар шароити бюрократия ва норасоии дастрасӣ ба иттилооти молиявӣ, ҳуқуқҳои соҳибкорон пурра таъмин намешаванд.

Мушкилоти андоз ва санҷишҳои номуносиб метавонад фаъолияти соҳибкориро маҳдуд кунад.

Таъмини ҳифзи иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазир

- Баробарии дастрасӣ ба нафақа, кумакпулӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамеша пурра таъмин намешавад.
- Коҳиши сатҳи иҷтимоӣ ва камбизоатӣ метавонад ба поймолшавии ҳуқуқҳои иқтисодӣ оварда расонад.

–Барои беҳтар намудани вазъи амалии таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ, қонунгузор ва мақомоти давлатӣ бояд як қатор тадбирҳоро амалӣ кунанд:

- Муҳайё сохтани механизми назорат ва иҷрои қонунҳо
- Назорати қатъӣ ва мунтазам ба иҷрои қонунҳои меҳнатӣ ва андоз.

Муассисаву ташкилотҳо бояд барои шаҳрвандон дастрасии осон ба иттилооти ҳуқуқӣ фароҳам оранд.

- Такмили қонунгузорӣ ва мутобиқсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ
- Ворид кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва баробарии гендерӣ.
- Мутобиқсозии қонунҳои соҳавӣ бо меъёрҳои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.
- Ташаккули механизми ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон ва сармоягузорон
- Осон кардани дастрасӣ ба қарз, иттилоот ва дастгирии молиявӣ.
- Ҳифзи ҳуқуқи моликият ва кафолати амнияти тиҷорат.
- Таъмини дастрасӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ барои тамоми шаҳрвандон
- Барқарор кардани механизми таъминоти иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои осебпазир.

Ҷорӣ кардани барномаҳои махсус барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон.

Омӯзиши доимии қонунгузорӣ: ба шаҳрвандон ва соҳибкорон омӯзишҳои ҳуқуқии мунтазам фароҳам овардан.

Татбиқи технологияҳои муосир: истифодаи системаи электронӣ барои бақайдгирӣ, назорат ва ҳисоботдиҳӣ.

Рушди ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ: истифодаи таҷриба ва стандартҳои ҷаҳонӣ барои беҳтар кардани сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодӣ.

Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон ва роҳҳои таъмини онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ ҳамчун унсури асосии ҳуқуқҳои инсон ва заминаи рушди устувори ҷомеа аҳамияти калидӣ дорад [9, с. 2016].

Конститутсия ва қонунҳои соҳавии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии кафолати ҳуқуқҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба моликият, меҳнат, фаъолияти соҳибкорӣ ва таъминоти иҷтимоиро фароҳам меоранд. Нақши мақомоти давлатӣ низ дар татбиқи ин ҳуқуқҳо, назорат ва ҳифзи онҳо муҳим мебошад [5,с. 2016].

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи амалии татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз мушкилот вуҷуд доранд. Аз ҷумла, риояи нопурраи ҳуқуқи меҳнат, мушкилот дар ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, маҳдудиятҳои соҳибкорӣ ва дастрасӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ аз масъалаҳои асосии рӯзмарра мебошанд [3, с. 2024].

Барои такмили вазъ, лозим аст:

- мутобиқсозии қонунгузорӣ бо стандартҳои байналмилалӣ,
- таҳкими механизми назорат ва иҷрои қонунҳо,
- ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва сармоягузорон,
- дастрасии ҳамаҷониба ба ҳифзи иҷтимоӣ.

Татбиқи ин чораҳо ба давлат имконият медиҳад, ки ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандонро пурра таъмин намояд ва рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар ҷомеа таъмин созад[12, с. 87].

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқии

1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1994.

3. Кодекси мадани Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ», 2016.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳо», 2012.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ», 2018.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016.

**Адабиёт**

9. Абдуллоев, Ш. «Ҳуқуқҳои иқтисодии инсон дар Тоҷикистон», Душанбе, 2019.
10. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, 1966.
11. Раҳимов М. Ҳуқуқи иқтисодӣ. – Душанбе: ДМТ, 2019.
12. Сафаров, Р. «Механизми ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодӣ», Душанбе, 2021.
13. Солеҳов А. Ҳуқуқи меҳнат ва ҳуқуқи иҷтимоӣ. – Душанбе: Ирфон, 2021.
**14.** Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Созмони Милали Муттаҳид, 1948.

**Ғайбуллоева Матлюба Лутфуллоевна**
ассистенти кафедраи ҳуқуқшиносии
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ
E-mail: khysainova81@mail.ru

## ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲЛАТҲО ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

**Аннотатсия:** Муҳлат метавонад аз рӯи санаи рӯз, гузаштан ба марҳилаи вақт, ҳамчунин нишондоди воқеа, ки фаро расиданаш аз эҳтимол дур нест наздик шуданд, ишора ба рӯзи аниқи тақвим бисёртар дар шартнома дида мешавад. Бавуҷудоварии ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳо ба доираи аниқи вақт вобаста аст.

**Аннотация:** Срок может быть основан на дате, промежутке времени или указании на событие, которое, вероятно, произойдёт в ближайшее время. Указание на конкретный календарный день чаще встречается в договорах. Существование гражданских прав и исполнение обязательств зависят от конкретных сроков.

**Abstract:** A deadline may be based on a date, a period of time, or a reference to an event likely to occur in the near future. References to a specific calendar day are more common in contracts. The existence of civil rights and the fulfillment of obligations depend on specific deadlines.

**Калидвожаҳо:** муҳлат, давомнокии вақт, рӯз, моҳ, сол, воҳиди ченаки муҳлат, муҳлати кафолат, тартиби ҳисоби муҳлат

**Ключевые слова:** срок, продолжительность времени, день, месяц, год, единица измерения срока, гарантийный срок, порядок исчисления срока

**Key words:** term, duration of time, day, month, year, unit of measurement of term, warranty period, procedure for calculating the term

Худи муҳлат ифодакунандаи давра ба давраи вақт, муайянкунандаи нишондод, аз рӯи давомнокии сол ба ҳисоб гирифта мешавад. Масалан, моҳ, ҳафта, рӯз. Муҳлате, ки бо солҳо ҳисоб карда мешавад, дар моҳу санаи дахлдори соли охири муҳлат хотима меёбад. Нисбати муҳлате, ки ним сол муайян шудааст, қоидаҳои барои муҳлати бо моҳҳо ҳисобшаванда истифода мешаванд.

Ба муҳлате, ки бо семоҳаҳои сол ҳисоб карда мешавад, қоидаҳо барои муҳлати бо моҳҳо ҳисобшаванда истифода бурда мешаванд. Дар айни замон ҳисоби семоҳа аз аввали сол шурӯъ мешавад. Муҳлате, ки бо моҳҳо ҳисоб карда мешавад, дар санаи дахлдори моҳи охири муҳлат хатм меёбад. Муҳлате, ки ним моҳ муайян шудааст, ҳамчун муҳлати бо рӯз ҳисобкардашаванда шуморида шуда, баробар ба понздаҳ рӯз дониста мешавад. Агар хатми муҳлати бо моҳ ҳисобшаванда ба моҳе рост ояд, ки санаи дахлдор надорад, пас муҳлат дар рӯзи

охирини ҳамин моҳ хотима меёбад. Муҳлате, ки бо ҳафта ҳисоб карда мешавад, дар рӯзи дахлдори ҳафтаи охирини муҳлат хотима меёбад.

Хатми муҳлати бо давраи вақт муайянгардида бо ҳисоби оғози давраи дахлдор муайян карда мешавад. Агар муҳлат бо солҳо ҳисоб карда шавад, пас хатми он дар соли дахлдор, ба ҳамон рӯзи тақвимӣ рост меояд, ки аз ҳамон рӯз ҷараён гирифта буд. Яъне, муҳлат дар моҳу санаи дахлдори соли охири мӯҳлат хотима меёбад.

Агар давраи вақт бо як қатор санаи моҳ ҳисоб карда шуда бошад, пас хатми он ба он санаи дахлдори моҳе рост меояд, ки дар он санаи оғози ҷараёни он ифода ёфтааст (масалан, муҳлати семоҳа, ки 1 октябр оғоз гардидааст, 1 январи соли минбаъда хотима меёбад). Агар хатми муҳлати бо моҳҳо ҳисобшуда ба санаи охирини моҳ рост ояд, пас метавонад вазъе ба миён ояд, ки ҳангоми он моҳи охирин муҳлат санаи дахлдор надорад. Чунин шуморида мешавад, ки дар ҳолати мазкур муҳлат дар рӯзи охирини ҳамин моҳ хотима меёбад (масалан, муҳлати думоҳа, ки аз 31 октябр оғоз ёфтааст, 30 ноябр хотима меёбад).

Тақсими воҳиди ченаки муҳлат ҳангоми муқаррар намудани он (ним сол, ним моҳ) боиси зарурати ифодаи муҳлат бо воҳидҳои ченаки касрии нисбатан хурд мегардад. Аз ин рӯ, модда чунин мешуморад, ки нисбат ба муҳлати ним сол қоидаҳое истифода гарданд, ки барои ҳисоби мӯҳлат бо моҳ муайян карда шудаанд. Бо ҳамин усул тавсия дода мешавад, ки ин қоидаҳо барои ҳисоби муҳлат бо рӯзҳо низ истифода гардад ва нисфи ҳама гуна моҳҳо ба 15 рӯз (новобаста аз 30-рӯза ё 31-рӯза будани моҳи дахлдор) баробар дониста шавад.

Субъектҳои хоҷагидорӣ ва ташкилотҳо аксар ба сифати воҳиди ченак муҳлати семоҳаро (кварталро) истифода мебаранд; барои рафъи шубҳа ва нофаҳмиҳо дар муайян намудани хатми семоҳаҳо модда чунин мешуморад, ки ҳар як квартал ба се моҳ баробар дониста шуда, ҳисоби он аз оғози сол, яъне 1 январ шурӯъ гардад.

Баъзе иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ метавонанд инчунин дигар воҳидҳои ченаки муҳлатро истифода баранд. Дар муассисаҳои таълимӣ,

аз ҷумла барои ин мақсад давраҳое истифода мегардад, ки семестр, триместр, чоряк ва ғайра номида мешаванд.

Истифодаи ҳафта ҷиҳати ҳисоби муҳлат барои муайян намудани санаи хатми он баҳисобгирии рӯзи ҳафтаро тақозо менамояд, ки аз он рӯз муҳлат оғоз гардидааст. Масалан, муҳлати се ҳафта, ки ҷараёни он рӯзи душанбе оғоз гардида буд, дар рӯзи душанбеи ҳафтаи охирин – ҳафтаи сеюм хатм мегардад.

Махсусан муҳлат тариқи нишондоди ҳодисаҳое, ки иштирокчиёни ҳодисае, ки ҳатман фаро мерасад дар он истодагарӣ мекунад, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ санаро аниқ пеш намедонанд. Масалан, ба охир расидани муҳлати шартномаи таъминоти якумрӣ бо саробонӣ ба марги шахс алоқаманд аст, вобастагӣ дорад.

Барои дуруст ҳисоб кардани муҳлати даъво мазмуни зарурӣ метавонад оғоз ва анҷоми он бошад. Мувофиқи моддаи 211 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни мӯҳлати бо давраи вақт муайянгардида дар рӯзи дигари пас аз санаи тақвимӣ ё фаро расидани ҳодисае оғоз меёбад, ки бо он муайян шудааст. Яъне, лаҳзаи ибтидоии ҷараёни муҳлат танҳо барои муҳлатҳое тақозо мегардад, ки бо зикри давраи вақт муайян гардидаанд, на ба лаҳзаи вақт. Ғояи асосии моддаи тафсиршаванда аз он иборат аст, ки санаи тақвимӣ ё рӯзи фарорасии ҳодиса, ки оғози муҳлатро аз ҳисоби он муайян менамояд, истисно карда шавад. Масалан, мерсогузор рӯзи 14 сентябр фавтад, дар давоми 6 моҳ меросгир метавонад амволи меросиро қабул намояд, ё ин ки аз мерос даст кашад, ки ин муҳлат аз рӯзи 15 сентябр, яъне пас аз воқеае, рӯзи 14 сентябр фаро расида буд, ҷараён мегирад. Барои ҳамин ҳам, агар муҳлати охирини баҳисобгирии моҳ, моҳе бошад, ки дар он санаи мувофиқ набошад, ҷараёни муҳлат то рӯзи охирини ин моҳ идома меёбад. Агар рӯзи охирини муҳлат ба рӯзи ғайрикорӣ рост ояд, рӯзи анҷоми муҳлат рӯзи наздиктарини кории баъди он фаро расида ба ҳисоб меравад. (Моддаи 211 КМ ҶТ). Ин моддаи Кодекси маданӣ онро ба инобат мегирад, ки рӯзи ғайрикорӣ танҳо барои хатми муҳлат дорои аҳамият мебошад. Агар рӯзи охирини муҳлат ба чунин рӯз рост ояд, рӯзи

хатми муҳлати рӯзи наздиктарини кории баъди он фаророасида ба ҳисоб меравад.

Вақти дамгирӣ вақте мебошад, ки корманд дар давоми он тибқи қонун аз иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ озод буда, онро мувофиқи хоҳишаш барои қонеъ намудани манфиатҳои худ ва барқарор сохтани қобилияти меҳнатиаш истифода мебарад.

Навъҳои вақти дамгирӣ инҳоянд:

а) танаффусҳо дар давоми рӯзи корӣ;

б) танаффусҳо байни рӯзҳои (сменаи) корӣ;

в) рӯзҳои истироҳат (истироҳати ҳарҳафтаина);

г) рӯзҳои ид;

д) рухсатиҳои меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда;

е) рухсатиҳои иҷтимоӣ.

Ба ҳамаи кормандон рӯзҳои истироҳат (истироҳати бефосилаи ҳарҳафтаина) дода мешавад. Дар ҳафтаи панҷрӯзаи кор ба кормандон дар ҳафта ду рӯзи истироҳат ва дар ҳафтаи шашрӯзаи корӣ – як рӯз истироҳат дода мешавад. Рузӣ истироҳати умумӣ – якшанбе мебошад. Рӯзи истироҳати дуюм, дар ҳафтаи панҷрӯзаи корӣ, тибқи ҷадвали кории ташкилот муқаррар карда мешавад. Ҳар ду рӯзи истироҳат, чун қоида паи ҳам дода мешавад.

Дар рӯзҳои ид корҳое иҷозат дода мешаванд, ки боздоштани онҳо бинобар шароити истеҳсолию техникӣ (ташкилотҳои муттасил амалкунанда) номумкин аст, корҳое, ки барои хизматрасонии аҳолӣ зарур мебошанд, инчунин корҳои таъхирнопазири таъмир, борфурорӣ ва боркунӣ. Агар рӯзи истироҳат ба рӯзи ид рост ояд, рӯзи истироҳат ба рӯзи аввали корӣ баъди рӯзи ид гузаронида мешавад.

Ҳамзамон моддаи 212 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби иҷрои амал дар рӯзи охирини муҳлат муқаррар намудааст, ки он:

1. Агар барои иҷрои ягон амал муҳлат муайян шуда бошад, онро то соати бисту чори рӯзи охирини муҳлат анҷом додан мумкин аст. Вале агар ин амал дар ягон ташкилот бояд анҷом дода шавад, пас муҳлат дар ҳамон соате ба охир

мерасад, ки иҷрои амали дахлдор дар ин ташкилот мутобиқи тартиби муқаррааргардида қатъ карда мешавад.

2. Аризаҳои хаттӣ ва огоҳиномаҳое, ки ба ташкилотҳои алоқа то соати бисту чори рӯзи охирини муҳлат супорида шудаанд, сари вақт супоридашуда ба ҳисоб мераванд [3].

Вақти рӯзро, ки ба арзёбии иҷрои саривақтии амали дар рӯзи охирин мӯҳлат иҷрошаванда имкон медиҳад, мушаххас гардонида, моддаи тафсиршаванда аксари масъалаҳоеро, ки метавонанд дар амалияи муомилот ба миён оянд, аз байн мебарад. Амал сари вақт иҷрошуда эътироф мегардад, агар то соати 24 рӯзи охирини муҳлат иҷро шуда бошад. Вақти гузаштани муҳлат бо соат, бо вақти маҳаллӣ муайян карда мешавад, яъне бо вақте, ки дар маҳалли иҷрои амал муайян карда мешавад.

Агар, масалан, амал дар доираи муҳлати муайян иҷро шавад, он сари вақт анҷомдодашуда ба ҳисоб меравад, агар то соати 24 рӯзи охирини ҳамин муҳлат иҷро шуда бошад. Ин қоида маъмулан бо масъалаҳо оид ба вақти корӣ алоқманд карда мешавад. Аз ҷумла, агар амали зикргардида дар ин ё он ташкилот иҷро гардад (дар бонк, идораи нотариалӣ ё анбори бор ва ғайра), дар ин сурат лаҳзаи хатми муҳлат бояд аз лаҳзаи ба охир расидани рӯзи корӣ дар чунин ташкилот ё лаҳзаи қатъи ин ё он амалиёт дар он ҳисоб карда шавад. Баъзе амалҳо, бигузор агар барои чунин ташкилотҳо таъин гардида бошанд ҳам, метавонанд ҳатто баъди ба охир расидани вақти корӣ иҷрошуда ба ҳисоб раванд, агар сухан дар бораи фароҳам овардани ҳуҷҷатҳои мухталиф (ариза, огоҳинома ва ғайра) равад. Барои ин кифоя аст, ки ин ҳуҷҷатҳо то ба охир расидани муҳлати охирини рӯз тариқи воситаи дахлдори коммуникатсия (масалан, почтаи телеграфӣ) ирсол гардад.

Агар дар натиҷаи гузарондани муҳлат аз ҷониби қарздор иҷрои уҳдадорӣ барои кредитор аҳамияташро гум карда бошад, он метавонад аз қабули иҷрои уҳдадорӣ даст кашад ва ҷуброни зиёнро талаб намояд. То замоне, ки иҷрои уҳдадорӣ бо сабаби муҳлатро гузарондани кредитор имконнопазир аст, қарздор муҳлатро гузаронда ҳисоб намешавад [3].

Муҳлатҳои ҳуқуқи маданӣ хеле гуногунад. Онҳо метавонанд ба гурӯҳҳо ба тариқи ҳисоб кардан бо таъсис ва барқарор кардан, характери муайян бо таъин кардан ҷудо карда мешавад. Ҳамин тавр, онҳо метавонанд муайян карда шудани қисми фосилаи вақт, лекин дар ҳолати аниқ муҳлат метавонад дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шавад. Дар адбиётҳои ҳуқуқӣ муҳлатро ба намудҳои зерин ҷудо менамоянд:

1. Аз рӯи оне, ки муҳлатро кӣ муқаррар кардааст, муҳлатҳоро ба:

меъёрӣ, шартномавӣ ва судӣ тасниф мекунанд.

Муҳлатҳои меъёрӣ он муҳлатҳое мебошанд, ки дар қонун ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд.

Муҳлати шартномавӣ он муҳлате мебошад, ки дар асоси созиши тарафҳо ба вуҷуд меоянд.

Муҳлати судӣ бошад, он муҳлате мебошад, ки бо қарори суд муқаррар шудааст. Иҷро намудани амал, додани амвол ва ғайра.

2. Аз рӯи оқибатҳои ҳуқуқӣ муҳлатҳоро ба:

Ҳуқуқэҷодкунанда, ҳуқуқтағйирдиҳанда, ҳуқуққатъгардонанда [1, с.159] ҷудо мекунанд.

3. Аз рӯи характери муайян намуди қонун ё шартнома тақсим карда додани муҳлат муҳлатҳоро ба:

Императивӣ, диспозитивӣ, муайяншаванда ва муайяннашаванда, умумӣ ва махсус ҷудо менамоянд [2, с.9-10].

Муҳлатҳоро ба муҳлати баамалбарории ҳуқуқҳои маданӣ, муҳлати иҷрои уҳдадориҳо ва муҳлати ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ҷудо намудан аҳамияти муҳим дорад [4, с.262].

Муҳлати ба амалбарории ҳуқуқҳои маданӣ гуфта, он муҳлатеро меноманд, ки дар муддати он субъекти ваколатдор метавонад (ҳатто баъзан вазифадор аст) ҳуқуқашро бевосита ба амал барорад ё аз шахси уҳдадор барои амалигардонии ин ҳуқуқ иҷрои амалиётеро талаб намояд. Бояд байни муҳлати ба амал баровардани ҳуқуқи маданӣ, муҳлати вуҷуд доштани ҳуқуқҳои маданӣ, қатъ гаштан, кафолат ва ғайра фарқ карда шавад.

Муҳлати иҷрои уҳдадорӣ чунин мӯҳлатест, ки дар муддати он қарздор бояд амалиёте содир намояд, ки мазмуни уҳдадорӣ бошад. Агар ухдадорӣ рӯзи иҷро ё давраи муҳлатеро, ки дар ҷараёни он уҳдадорӣ бояд иҷро шавад, пешбинӣ намуда бошад, ё имкон медиҳад, ки муайян карда шавад, ухдадорӣ бояд дар ҳамон рӯз ё дар ҳар давраи ҳамон муҳлат иҷро карда шавад.

Баъзан иҷрои ухдадорӣ пеш аз муҳлат ҳам ҷой дорад, аммо, агар дар қонун, асноди дигари ҳуқуқӣ, ё шартҳои уҳдадорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ё аз моҳияти он барнаояд. Танҳо дар ҳамин ҳолат қарздор метавонад уҳдадории худро то фаро расидани муҳлат иҷро намояд. Аммо иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадорӣ, ки бо фаъолияти соҳибкории тарафҳои он алоқаманд мебошад, танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки имконияти пеш аз муҳлат иҷро намудани уҳдадориро қонун, дигар асноди ҳуқуқӣ ё шарти уҳдадорӣ пешбинӣ намуда бошад, ё аз анъанаҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ бaрояд [3].

Агар қарздор уҳдадориро дар муҳлати муқарраркардашуда иҷро накунад, мӯҳлат гузаронидашуда эътироф карда мешавад. Агар дар натиҷаи ҳолатҳое, ки қарздор ҷавобгар нест, уҳдадорӣ иҷро карда нашавад, аз ҷумла, дар натиҷаи муҳлатгузаронии кредитор муҳлати иҷро намегузарад.

Аз тарафи карздор гузаронидани муҳлати уҳдадорӣ вайро водор менамояд, ки товони зарари ба кредитор дар натиҷаи муҳлатгузаронӣ расонидаашро диҳад. Агар дар натиҷаи чунин мӯҳлатгузаронӣ ӯҳдадорӣ нафъи барои кредитор доштаи худро гум карда бошад, кредитор метавонад аз қабули иҷрои уҳдадорӣ даст кашад ва додани товони зарарро талаб намояд.

Ҳамин тавр, ба ақидаи рисоланавис вайрон кардани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ ба он мерасонад, ки нисбати вайронкунандаи мухлат ҷазои характери амволӣ дошта дида мешавад.

Муҳлати вуҷуд доштани ҳуқуқҳои маданӣ – муҳлати амали ҳуқуқ дар замон мебошад. Ин муҳлат ба соҳибҳуқуқ имконият медиҳад, ки дар ҳамин муддат ҳуқуқи маданиро ба амал барорад, мақсадҳояшро амалӣ гардонад. Бо гузаштани ин муҳлат ҳуқуқи субъективии маданӣ қатъ мегардад.

Муҳлати кафолат чунин муҳлатест, ки дар тӯли он маҳсулотистеҳсолкунанда (пудратчӣ, молфурӯш ва ғайра) дар бораи бешикаст хизмат кардани маҳсулоташ кафолат медиҳад. Агар дар муддати ин мӯҳлат бе айби молхаранда дар амволи харидааш камбудӣ ошкор гардад, маҳсулотистеҳсолкунанда уҳдадор мешавад, ки камбудиҳои маҳсулоте, ки барои он мӯҳлати кафолат муқаррар карда шудааст, бепул ислоҳ намояд, ё онро иваз кунад, агар исбот накунад, ки камбудиҳо дар натиҷаи қоидаҳои истифодабарии маҳсулот ё доштани онро вайрон кардани харидор пайдо шудаанд.

Муҳлати кафолат ба кафолати маҳсулот вобаста мебошад. Муҳлати каофлатии маҳсулот ба стандарти давлатӣ ё шартҳои техникӣ муқаррар карда мешавад. Агар стандартҳои давлатӣ ё шартҳои техникӣ муҳлати кафолатро пешбинӣ накарда бошад, ин гуна муҳлатро дар шартнома муқаррар намудан мумкин аст. Инчунин дар шартнома назар ба стандартҳои давлатӣ ё шартҳои техникӣ муҳлати дарозтари кафолатро пешбинӣ кардан имконпазир мебошад.

Муҳлати иддао чунин муҳлате мебошад, ки барои ихтиёрона ба амал баровардани ҳуқуқи субъективии маданӣ кафолат медиҳад. Дар баъзе мавридҳо қонун тартиби ҳатмии бо ҳамин роҳ ҳал кардани масъаларо пешбинӣ менамояд. Масалан, дар шартномаи боркашонӣ аз тарафи боркашонанда камбудие шуда бошад, барои ҳалли ин масъала даъвогар ҳатман бояд ба боркашонанда иддао пешниҳод кунад. Агар ҷавобан ба иддао масъала ҳал карда нашавад, пас даъво пешниҳод кардан мумкин аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Гражданское право: часть первая. Отв. редактор В.П. Мозолин, А.И. Масляев.- М., 2001
2. Грибанов В.П. Сроки в гражданском праве.- М., 2002
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 декабри соли 2022 қабул гардида, аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дорад.Қисми I. // [Манбаи электронӣ] //URL:http://mmk.tj
4. Сергеев А.П., Толстой Ю.К. Гражданское право Т.1. ИЗД. 2-е - М., 2000

**Зарипова Гулчеҳра Саидмуҳаммадовна**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносии
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ
E-mail: khysainova81@mail.ru

# ХУСУСИЯТҲОИ БАКОРТАЪМИНКУНӢ, БАСТАН ВА ҚАТЪ КАРДАНИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ БО ЗАНОН

**Аннотатсия:**

Мақолаи мазкур ба масоили хусусиятҳои бакортаъминкунӣ, бастан ва қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо занон бахшида шудааст.

Муаллифи мақола дар асоси санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои бакортаъминкунӣ, бастан ва қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо занонро зикр намудааст.

**Аннотация:**

Данная статья посвящена проблемам работообеспечения, заключения и росторжения трудового договора с женщинами.

Автор статьи на основе международно-правовых актов и национального законодательства Республики Таджикистан подчеркнул о некоторых особенностиях работообеспечения, заключения и расторжения трудового договора с женщинами.

**Annotation:**

This article is devoted to the problems of employment, conclusion and termination of labor contracts with women.

The author of the article, on the basis of international legal acts and national legislation of the Republic of Tajikistan, emphasized some of the features of work provision, the conclusion and termination of an employment contract with women.

**Калидвожаҳо:** шартномаи меҳнатӣ, корфармо, коргар, шароити меҳнат, табъиз, кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои хатарнок, рӯзҳои истироҳат

**Ключевые слова:** трудовой договор, работодатель, работник, условия труда, дискриминация, Трудовой кодекс Республики Таджикистан, вредная работа, выходные дни.

**Key words:** employment contract, employer, employee, working conditions, discrimination, Labor Code of the Republic of Tajikistan, hazardous work, days off

Тибқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ҳуқуқ ба музд ба андозаи на каматр аз ҳадди ақали музди меҳнат дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст [2].

Ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ манфиатҳои корфармо ва шахсе, ки шартномаи меҳнатиро бастан мехоҳад, бояд ба пуррагӣ мувофиқа карда шуда бошанд. Ҳамин тавр, дар марҳилаи муносибатҳои меҳнатӣ қонунгузорӣ кафолатҳои муҳимро барои занҳои ҳомиладор ва занҳои кӯдакони то 1,5 сола дошта муқаррар мекунад, ки дар манъи қатъи шартномаи меҳнат бинобар бо ҳомиладорӣ ва доштани кӯдакони то синни 1,5 солагӣ ифода мегардад.

Ҳамин тавр, мутобиқи моддаи 1 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 [8] табъизи нисбати занон ба рад кардан ё маҳдуд кардани баробарии онҳо бо мардон оварда расонида, беинсофӣ мебошад ва ҷиноятро муқобили шаъну эътибори инсонӣ нишон медиҳад.

Ҳамаи шаҳрвандон ба меҳнат ҳуқуқи баробар доранд, табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ аст. Ҳама гуна фарқияггузорӣ, роҳ надодан, афзалият гузоштан ё рад кардан аз қабул ба кор қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ки баробарии имконияткро дар меҳнат халалдор мекунад, манъ аст (моддаи 7 КМ ҶТ).

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат тартиб ва шартҳои ба кор дохил шуданро муқаррар кардааст. Ҳар як шаҳрванд зимни амалисозии ҳуқуқ ба меҳнат, бояд ин тартиб ва шартҳоро риоя намояд. Корфармо низ ӯҳдадор аст, ки ин талаботҳоро мавриди иҷро қарор диҳад. Яъне дар мавриди аз ҷониби шаҳрванд риоя кардани шартҳои дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат муқарраргардида, корфармо вазифадор аст. ки ӯро ба кор қабул намояд.

Манъи табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ барои амалӣ кардани имконияти баробари шаҳрвандон ва муҳайё кардани шароити якхелаи корӣ равона карда шудааст.

Фарқият дар меҳнат вобаста ба талаботи махсуси намуди муайяни кор ва ё вобаста ба ғамхории махсуси давлат нисбат ба шахсоне, ки мӯҳтоҷи ҳимояи махсуси иҷтимоӣ мебошанд (аз рӯи ҷинс, синну сол, норасоиҳои ҷисмонӣ, ӯҳдадориҳои оилавӣ, дараҷаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ), табъиз намебошад.

Ҳолати зикргардида дар қонунгузории оид ба меҳнат баъзе талаботҳои манъкуниро дар назар дорад, ки он ба пешгирии баъзе аз бемории касбӣ, умуман баҳри ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандони гурӯҳи муайянкардаи қонун равона шудааст. Ба гурӯҳи шахсоне, ки мӯҳтоҷи ҳимояи махсуси иҷтимоии давлат мебошанд, аз ҷумла занон, кӯдакон, шахсони тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ расман маъюби гурӯҳи дахлдор эътирофгардида, занони ҳомиладор ва дигар кормандоне, ки дар тарбияву нигоҳубинашон кӯдаки то чордаҳсола ва кӯдаки маъюб доранд, инчунин дигар шахсонеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, дохил кардан мумкин аст.

Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон (Фасли III) ба танзим даровварда шудааст. Дар моддаҳои 208, 216, 259 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати кормандони мувофиқан ба синни ҳаждаҳ нарасида, занон ва маъюбон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ, кор бо шароитҳои зарарнок ва хавфнок манъ аст, муқаррар гардидааст.

Ҳолатҳои зикргардида бо қонун ба танзим дароварда шудаанд ва ҳамчун табъиз эътироф намегарданд. Баръакс мақсади ин талаботҳо баҳри таъмини сиҳативу саломатии ҷавонон. амният ва ҳифзи маъюбон ва дигар шахсони зикргардида, равона шудааст.

Ба кор қабул накардани занон ва кам кардани музди меҳнати онҳо ба сабаби ҳомиладорӣ ё фарзанддорӣ манъ аст. Ҳангоми ба кор қабул накардани зани ҳомиладор, занон ё дигар шахсони дорои ӯҳдадориҳои оилавӣ, ки кӯдаки то сесола ё кӯдаки маъюб доранд, корфармо ӯҳдадор аст, ки сабабҳои ба кор қабул накарданашро хаттӣ хабар диҳад. Шахсони мазкур метавонанд аз саркашии корфармо барои қабул кардан ба кор ба суд мурочиат намоянд.

Ҳар гоҳ, ки асоси риоя нашудани ҳуқуқи инсон ба миён меояд, Ваколатдор ӯҳдадор аст ин ҳолатҳоро фавран ва беғаразона ҷиҳати ислоҳи қазия ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор чора андешад. Қарзи хизматии ӯ аз мудохилаи ошкоро ва оммавӣ ба қарорҳо ё амали (беамалии) ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони мансабдор, ки сабабгори поймол шудани ҳуқуқҳои инсон гардидаанд, бо мақсади амалӣ намудани ҳимояи давлатии онҳо ва мусоидат намудан ба мурожиаткунандагон ҷиҳати барқарор намудан ва ба онҳо додани товони зарар иборат аст.

Ваколатдор шикоятҳоро дар ҳолате аз шаҳрвандон қабул карда месанҷад, ки онҳо ба дораи салоҳияти ӯ дохил шаванд. Ваколатдор шикоятҳоеро оид ба риоя нашудани ҳуқуқи инсон баррасӣ менамояд, ки дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ ва гражданӣ, инчунин ҳангоми истеҳсолот оид ба корҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба онҳо роҳ дода шудаанд.

Қабул ва баррасии мурожиатҳои шаҳрвандон, мусоидат ба барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи онҳо яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Масалан, тӯли соли 2013 дар Дастгоҳи ВҲИ 492 (соли 2012 – 604 адад) мурожиати шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо мурожиатҳои хаттӣ – 290 адад (соли 2012 – 258 адад) ва мурожиатҳои шифоҳӣ – 202 адад (соли 2012 – 346 адад) мебошанд. Дар ин давра аз тарафи қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ 2036 мурожиати шаҳрвандон баррасӣ шудаанд, ки аз онҳо 115 адад мурожиатҳои хаттӣ ва 1921 адад мурожиатҳои шифоҳӣ мебошанд [3].

Ваколатдор дар доираи фаъолияти худ оид ба баррасии шикоятҳо ба мурожиаткунандагон кӯмаки ройгони ҳуқуқии тахассусӣ мерасонад.

Қобили қайд аст, ки фаъолияти Ваколатдор фақат бо қабули чораҳо аз рӯи шикоятҳо маҳдуд намегардад. Ӯ инчунин метавонад санҷишро бо ташаббуси худ дар ҳолатҳои гирифтани маълумот оид ба поймолкунии оммавӣ ё

дағалонаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон оғоз намояд ё дар ҳолатҳое, ки дорои аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ ё ҳимояи манфиатҳои шахсоне зарур аст, ки мустақилона наметавонанд воситаҳои ҳимояи ҳуқуқиро истифода баранд, масалан шахсони имконияташон маҳдуд ва ғайра.

Барои ба таври матлуб иҷро намудани вазифаҳои худ оид ба санҷиши поймолкунии эҳтимолии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, Ваколатдор дорои имконияти гирифтани далелҳое мебошад, ки ба масъалаи санҷидашаванда дахл доранд. Масалан, ҳангоми санҷиши шикоятҳо Ваколатдор ҳуқуқ дорад ба ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, қисмҳои ҳарбӣ, инчунин идораҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бемамониат ташриф оварда мустақилона ё якҷоя бо мақомоти дигар санҷиш гузаронад. Ба ғайр аз ин ӯ ҳуқуқ дорад маълумот, ҳуҷҷату маводҳо ва аз роҳбарон ва шахсони мансабдор оид ба масъалаҳое, ки дар рафти баррасии шикоят муайян карда мешаванд, баёнот гирад. Ваколатдор инчунин аз ҳуқуқи бетаъхир қабул гардиданаш аз ҷониби роҳбарон ва шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин муассисаҳои пӯшида истифода менамояд.

Натиҷаи баррасии шикоятҳои мурочиаткунандагон оид ба поймолкунии ҳуқуқи инсон аз тарафи Ваколатдор на фақат мусоидат ба барқарор намудани онҳо, инчунин таҳлил, ҷамъбаст ва ташкили иттилооти мураттаб оид ба риояи онҳо ба ҳисоб меравад. Иттилооти мазкур ба Ваколатдор имконият медиҳад, ки тамоюли нисбатан муҳимтар, сабабу ҳолатҳои поймолкуниҳои ҳуқуқи инсонро ошкор намояд, инчунин чорабиниҳои ташкилӣ ва амалиро оид ба барҳам додани онҳо ба нақша гирад ва амалӣ созад.

Тибқи қонунгузорӣ Ваколатдор ҳуқуқ дорад шикоятҳоро оид ба поймол гардидани ҳуқуқи инсон, ки танҳо аз тарафи шахсони воқеӣ ворид мегарданд, баррасӣ намояд. Аммо мурочиати коллективона, аз ҷумла мурочиати шахсони ҳуқуқӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшудаи шахси мушаххас пешниҳод шудаанд, метавонанд қобили қабул эътироф гарданд.

Ҳуқуқи муроҷиат ба Ваколатдор дар бештари мамлакатҳо бо ҷинс, синну сол, мансубияти миллӣ, вазъи молумулкӣ ва вазифавӣ, ҷойи доимии истиқомат, ақидаҳои сиёсӣ, муносибат ба дин, узвияти ягон иттиҳодияи ҷамъиятӣ, вазъи иҷтимоӣ ва мансубияти забонӣ маҳдуд намешавад.

Манфиати ноболиғон ҳангоми шикоят овардан ба Ваколатдор аз тарафи волидайни онҳо ё намояндаи қонунии онҳо ҳифз карда мешавад. Ҳуқуқи ашхосро, ки дар ҷойҳои нигаҳдории маҷбурӣ қарор доранд ё аз тарафи суд ғайриқобили амал эътироф шудаанд, ҳимоятгарон, хешовандон, мақомоти васоят ва парасторӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд ҳимоя намоянд.

Матлаби фаъолияти Ваколатдор аз инҳо иборат мебошад:

1.Амалӣ намудани назорати мустақили эътироф ва риояи ҳуқуқи инсон дар қарорҳо ё амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), хизматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва шахсони мансабдори ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳо, новобаста ба шаклҳои ташкилии ҳуқуқии онҳо;

2.Мусоидат ба муроҷиаткунандагон ҷиҳати барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои поймолгардидаи онҳо мебошад.

Қарорҳо ё амале (беамалие), ки ба доираи фаъолияти Ваколатдор тааллуқ доранд онҳое мебошанд, ки ҳуқуқи инсонро поймол карданд, ба амалӣ кардани онҳо монеъ шудаанд, ғайриқонунӣ ба зиммаи ӯ ягон ӯҳдадорӣ гузоштаанд ё ғайриқонунӣ ба ҷавобгарӣ кашидаанд. Ба онҳо пеш аз ҳама санадҳои интишоргардида (ҳуҷҷатҳо) ва амалияи иҷроишӣ (расмиётҳо) дохил мешаванд.

Субъектони фаъолияти Ваколатдор ҳангоми ҳалли масъалаҳо оид ба қобили қабул будани шикоятномаҳои ба ӯ ирсолшуда мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), хизматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва шахсони мансабдори ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳо, новобаста ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо мебошанд. Аммо

дар ин маврид талаботи асосӣ бо тартиби судӣ ё маъмурӣ аз қарорҳо ё аз амал (беамалӣ) пешакӣ шикоят кардани муроҷиаткунанда маҳсуб меёбад.

Новобаста ба он ки унсурҳои ҳуқуқи инсон амалан дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон мавҷуданд (муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ, оилавӣ, манзилӣ, тиҷорат ва ғайра), мандати Ваколатдор мудохила ба салоҳияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ки санҷишу назорати эътироф ва назорати онҳоро амалӣ менамоянд, ба мисли прокуратура пешбинӣ наменамояд. Аммо ногузирии дахолати Ваколатдор ба фаъолияти фаврӣ ва мурофиавии мақомоти прокуратура ва адолати судӣ ҳуқуқҳои мурофиавии ӯро оид ба мусоидат намудан ба муроҷиаткунандагон ҷиҳати барқарор намудани ҳуқуқҳои онҳо, ки дар мурофиаи истеҳсолоти судии ҷиноятӣ ва граждани вайрон карда шудаанд, маҳдуд намекунад.

Ҳамин тавр, Ваколатдор дар бобати дурустии ҳукм хулоса дода наметавонад, аммо ҳолатҳои поймол гардидани ҳуқуқи судшавандаро дар рафти мурофиаи судӣ, ҳангоме ки барояш ҳуқуқи дастрасии кӯмаки ҳимоятгар рад карда мешавад ё аризаи ӯ оид ба татбиқи шиканҷа дар рафти тафтишоти пешакӣ аз тарафи суд баррасӣ намешавад, зикр карда метавонад.

Баъзе хусусиятҳо ҳангоми аз тарафи Ваколатдор баррасӣ шудани шикоятҳои муроҷиаткунандагон оид ба поймол гардидани ҳуқуқи инсон бо қарорҳо ва амали (беамалии) шахсони мансабдор, ба монанди прокурорҳо, муфаттишҳо ва судяҳо бо парвандаҳои ҷиноятӣ ва гражданӣ ва парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки дар истеҳсолоти онҳо қарор доранд, муқаррар карда мешаванд. Чунин шикоятҳо танҳо пас аз қабули қарор дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ ё қатъи парвандаи ҷиноятӣ ё эътибори қонунӣ пайдо кардани қарор (ҳукм) оид ба парвандаи ҷиноятӣ ё гражданӣ ё оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз тарафи Ваколатдор баррасӣ мешавад.

Дар ҷомеаи мутамаддин Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади тақвият додани кафолатҳои конститутсионии ҳифзи давлатии ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, таъсис дода шудааст.

Мутобиқи қонунгузорӣ вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ин мусоидат намудан ба:

- риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд;
- барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд;
- такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он;
- ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- дастрасӣ ба иттилоот, баррасӣ ва санҷиши муроҷиатҳои шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;
- рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Принсипҳои асосии фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз инҳо иборатанд [1, с.14].

**Мустақилият.** Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи салоҳияти худ амал намуда, фаъолияти қонунӣ ва ташкилии худро мустақилона муайян, назорат ва идора намуда, оид ба он ҳисоботи оммавӣ медиҳад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар асос ва бо тартибе, ки қонун муқаррар намудааст, ба мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа оид ба вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маърӯза пешниҳод менамояд.

**Соҳибкасбӣ.** Кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дорои дониш ва малакаи баланди кор дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошанд. Ҳар як корманд нақши худро медонад ва муҳтавои фаъолияти

худро ба ҳар як инсон расонида метавонад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи он ҳангоми амалисозии фаъолияти худ беғараз буда ба дигаргуниҳои соҳаи ҳуқуқи инсон вокуниш нишон дода, барои баррасии саривақтӣ ва самараноки парвандаҳо кӯшиш намуда, принсипи махфият ва ҳимояи маълумоти шахсии муроҷиаткунандагонро риоя менамоянд. Дастрасӣ. Соатҳои кории қабул, забон, мавҷуд набудани боҷи давлатӣ, аз он ҷумла дастрасӣ ба бинои мақомот, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро яке аз мақомоти давлатии нисбатан дастрас барои ҳар як нафар мегардонад.

**Шаффофият.** Нафаре, ки парвандааш дар баррасии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи он мебошад ба маводҳои парвандаи худ ҳуқуқи дастрасӣ дорад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи фаъолияти худ, аз ҷумла оид ба истифодаи манбаъҳои молиявии буҷетӣ тавассути ҳисоботҳо ва нашрияҳои умумӣ ва махсус, саҳифаи интернетӣ ва ВАО ҷомеаро хабардор менамояд. Фаъолияти шаффоф ҳамчунин фарогири шаффофияти дохилӣ дар сиёсати кадрӣ мебошад.

**Баробарӣ ва манъи табъиз.** Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи он дар амалӣ намудани фаъолият нисбат ба ҳар як нафар муносибати якхела доранд, ки ҳар гуна табъизро аз рӯи ҷинс, забон, синну сол, қобилияти ҷисмонӣ ва равонӣ, вазъи иҷтимоӣ, ҷои истиқомат, мансубияти миллӣ, этникӣ, динӣ ва эътиқод истисно менамояд.

## Рӯйхати адабиёти истифодашуда:

1. Зариф Ализода, Диноршоев А, Ашӯров М, Назарова Д. Ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ тарз бояд муроҷиат кард. Душанбе – 2010.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 22.05.2016с. / www.mmk.tj

3. Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014с. / www.ombudsman.tj

4. Прав человека / Учеб. для вузов. Беломестных Л.Л. М.:Учливуз, 2008

**Аджиков Алихан Нуруллоевич** – соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции Дангаринского государственного университета. **Адрес:** улица Маркази, 25, Дангаринский район. **Тел:** (+992) 908999366; **Электронная почта:** ajikovalihon@gmail.com

# ДОГОВОР ОКАЗАНИЯ СТРАХОВЫХ УСЛУГ: СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА США, РОССИИ И КИТАЯ

Договор оказания страховых услуг является ключевым инструментом регулирования отношений между страховщиком и страхователем. В отличие от классического договора страхования, договор оказания страховых услуг охватывает более широкий спектр услуг, включая консультации, оценку рисков и управление страховыми портфелями [1, с. 45]. Цель данной статьи — провести сравнительный анализ законодательства США, России и Китая в области договора оказания страховых услуг и предложить рекомендации для совершенствования законодательства Таджикистана.

В научной литературе договор оказания страховых услуг рассматривается как сложный правовой институт, требующий детального анализа. Российские ученые, такие как Худяков А. И. и Белых В. С., подчеркивают важность четкого определения условий договора и прозрачности в отношениях между страховщиком и страхователем. Худяков А. И. отмечает, что договор оказания страховых услуг должен включать детальное описание предоставляемых услуг и их стоимости, что позволяет минимизировать риски споров [2, с. 78].

Белых В. С. акцентирует внимание на необходимости защиты прав потребителей через прозрачность условий договора [3, с. 56].

Американские исследователи, включая Абрахама К. С. (Kenneth S. Abraham) и Джерри Р. Х. (Robert H. Jerry), уделяют особое внимание роли судебной практики в регулировании страховых отношений. Абрахам К. С. подчеркивает, что судебные решения играют ключевую роль в толковании условий договора, особенно в случаях, когда формулировки являются неоднозначными [4, с. 89]. Джерри Р. Х., в свою очередь, указывает на важность доступности информации для страхователей, что позволяет им принимать обоснованные решения [5, с. 102].

Китайские ученые, такие как Чэнь Су (Chen Su) и Ли Сяомин (Li Xiaoming), акцентируют внимание на влиянии государственного контроля на страховой рынок. Чэнь Су отмечает, что в Китае страховые услуги тесно связаны с государственной политикой, особенно в сельских регионах [6, с. 34]. Ли Сяомин подчеркивает необходимость развития международного сотрудничества для китайских страховых компаний, что позволяет им адаптироваться к глобальным вызовам [7, с. 67].

В России договор оказания страховых услуг регулируется Гражданским кодексом РФ (ст. 779–783) и Законом «Об организации страхового дела» [8, с. 23]. Основные особенности:

- Обязательное лицензирование страховой деятельности.

- Требование к страховщикам предоставлять полную информацию об услугах.

- Защита прав потребителей через судебную практику.

В США регулирование договора оказания страховых услуг осуществляется на уровне штатов. Основные источники права:

- Uniform Commercial Code (UCC) [9, с. 45].

- Законы штатов (например, Нью-Йоркский страховой кодекс).

- Федеральное регулирование через National Association of Insurance Commissioners (NAIC).

В Китае договор оказания страховых услуг регулируется Законом КНР о страховании (2009) и контролируется China Banking and Insurance Regulatory Commission (CBIRC) [10, с. 56]. Особенности:

- Сильный государственный контроль.

- Ограничения для иностранных страховых компаний.

- Акцент на развитие цифровых страховых услуг.

Сравнительный анализ законодательства США, России и Китая в области договора оказания страховых услуг позволяет выделить следующие особенности. В России регулирование носит централизованный характер, что обеспечивает единообразие правоприменительной практики. В США, напротив, регулирование децентрализовано, и каждый штат имеет свои законы, что создает гибкость, но также и сложности для страховых компаний, работающих на национальном уровне. В Китае страховой рынок находится под сильным государственным контролем, что отражает общую тенденцию к централизации экономики.

В России и Китае лицензирование страховой деятельности является обязательным и строго регулируется, тогда как в США оно осуществляется на уровне штатов, что создает различия в требованиях. Защита прав потребителей в России и США в основном обеспечивается через судебную практику, в то время как в Китае преобладают административные меры.

На основе проведенного анализа предлагаются следующие изменения и дополнения в законодательство Таджикистана:

1. Уточнение понятия договора оказания страховых услуг

- Внести в Гражданский кодекс Республики Таджикистан четкое определение договора оказания страховых услуг, включая его отличия от классического договора страхования.

- Указать, что договор оказания страховых услуг может включать консультации, оценку рисков, управление страховыми портфелями и другие услуги, связанные с минимизацией рисков.

2. Усиление защиты прав потребителей

- Ввести обязательное требование к страховщикам предоставлять полную и прозрачную информацию об услугах, их стоимости и условиях предоставления.

- Установить механизмы досудебного урегулирования споров между страховщиками и страхователями.

3. Развитие цифровых страховых услуг

- Внести изменения в законодательство, регулирующие использование цифровых технологий (big data, искусственный интеллект) в страховой деятельности.

- Установить требования к защите данных клиентов при использовании цифровых платформ.

4. Упрощение процедуры лицензирования

- Упростить процедуру лицензирования для страховых компаний, предоставляющих услуги в области управления рисками.

- Ввести дифференцированный подход к лицензированию в зависимости от объема и сложности предоставляемых услуг.

5. Международное сотрудничество

- Разработать механизмы взаимодействия с международными страховыми организациями для обмена опытом и внедрения лучших практик.

- Упростить процедуры для иностранных страховых компаний, желающих работать на рынке Таджикистана, при условии соблюдения местного законодательства.

Проведенный анализ показал, что законодательство США, России и Китая в области договора оказания страховых услуг имеет как общие черты, так и существенные различия. В России и Китае преобладает централизованное регулирование, в то время как в США оно децентрализовано. Предложенные изменения и дополнения в законодательство Таджикистана позволят усовершенствовать правовое регулирование договора оказания страховых услуг, сделать его более гибким и адаптированным к современным вызовам.

## СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

1. Гражданский кодекс Российской Федерации. Часть вторая : федер. закон от 26 янв. 1996 г. № 14-ФЗ // Собрание законодательства РФ. – 1996. – № 5. – Ст. 410. – 320 с.

2. Худяков, А. И. Страховое право : учебник / А. И. Худяков. – Москва : Статут, 2018. – 320 с.

3. Белых, В. С. Правовое регулирование страхования в России : монография / В. С. Белых. – Москва : Проспект, 2019. – 256 с.

4. Abraham, K. S. Insurance Law and Regulation: Cases and Materials / K. S. Abraham. – 6th ed. – New York : Foundation Press, 2015. – 890 с.

5. Jerry, R. H. Understanding Insurance Law / R. H. Jerry. – 5th ed. – New York : LexisNexis, 2017. – 720 с.

6. Chen, S. Insurance Law in China / S. Chen. – Berlin : Springer, 2016. – 210 с.

7. Li, X. The Development of Insurance in China / X. Li. – Beijing : China Legal Publishing House, 2020. – 180 с.

8. Об организации страхового дела в Российской Федерации : федер. закон от 27 нояб. 1992 г. № 4015-1 // Собрание законодательства РФ. – 1992. – № 50. – Ст. 5672. – С. 23–30.

9. Uniform Commercial Code (UCC). – Art. 5. – P. 45–50.

10. Закон Китайской Народной Республики о страховании : принят 28 окт. 2009 г. – Пекин, 2009. – С. 56–62.

### Аннотация

Статья посвящена исследованию договора оказания страховых услуг в законодательствах США, России и Китая. Проведен анализ теоретических подходов, рассмотрены мнения ученых, а также выявлены особенности правового регулирования в каждой из стран. На основе сравнительного

анализа предложены рекомендации для совершенствования законодательства Таджикистана в области договора оказания страховых услуг.

**Ключевые слова:** договор оказания страховых услуг, страховые услуги, законодательство, США, Россия, Китай, Таджикистан.

## Фишурда

Мақола ба таҳқиқи шартномаи таъминҳои хидматрасонии таъминӣ дар қонунгузориҳои ИМА, Россия ва Чин бахшида шудааст. Таҳлили равияҳои назариявӣ анҷом дода шуда, назарияҳои олимон баррасӣ карда шудаанд, инчунин хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ дар ҳар як кишвар ошкор карда шудаанд. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ тавсияҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмин пешниҳод карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** шартномаи таъминҳои хидматрасонии таъминӣ, хидматрасонии таъминӣ, қонунгузорӣ, ИМА, Россия, Чин, Тоҷикистон.

## Annotation

The article is devoted to the study of the contract for the provision of insurance services in the legislation of the USA, Russia, and China. Theoretical approaches are analyzed, the opinions of scientists are considered, and the features of legal regulation in each country are identified. Based on a comparative analysis, recommendations for improving the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of insurance services are proposed.

**Keywords:** contract for the provision of insurance services, insurance services, legislation, USA, Russia, China, Tajikistan.

**Зарипова Гулчеҳра Саидмуҳаммадовна**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд
E-mail: G_zaripova@mail.ru
**Ғайбуллоева Матлюба Лутфуллоевна**
ассистенти кафедраи ҳуқуқшиносӣ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд
E-mail: G_matluba@mail.ru

# КАФОЛАТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТ МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия:** Мақолаи мазкур ба масоили кафолати давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнат мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Кафолати давлатӣ дар соҳаи пардохти музди меҳнат ба ҳамаи кормандоне, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ ва шартҳои кироя бо корфармоёни ҳама гуна шакли моликият мебошанд, тааллуқ дошта, сатҳи онро ҳангоми бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ паст кардан мумкин нест.

**Аннотация:** Статья посвящена вопросам государственных гарантий по выплате заработной платы в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Государственные гарантии в области оплаты труда распространяются на всех работников, состоящих в трудовых отношениях и заключивших трудовые договоры с работодателями любых форм собственности, и их уровень не может быть снижен при заключении трудового договора.

**Abstract:** This article focuses on issues of state guarantees for wage payments in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. State guarantees for wages apply to all employees in employment relationships and with employment

contracts with employers of any type, and their level cannot be reduced upon conclusion of an employment contract.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ ба меҳнат, ҳифзи меҳнат, шартномаи меҳнатӣ, корфармо, корманд, андозаи музди меҳнат, кафолати давлатӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

**Ключевые слова:** право на труд, охрана труда, трудовой договор, работодатель, работник, размер заработной платы, государственная гарантия, нормативные правовые акты.

**Key words:** right to work, labor protection, employment contract, employer, employee, wage amount, state guarantee, regulatory legal acts.

Ҳуқуқ ба меҳнат яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардад. Тибқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад [1]. Ҳуқуқ ба меҳнат маънои онро дорад, ки ҳар як фард озодона қобилияти меҳнатии худро ба амал бароварда, ба он ихтиёрдорӣ менамояд ва ҳеҷ касро ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб намудан мумкин нест, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи озодии меҳнатро эълон доштааст, ки асосан тавассути шартномаи (карордоди) меҳнати амалӣ мегардад. Дар навбати худ, озодии меҳнат ва озодона бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ якчанд оқибтҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Баъди бастани шартномаи меҳнатӣ корфармо бояд шароити меҳнатро фароҳам оварда, вақт дар вақташ пурра музди меҳнати кормандро диҳад, корманд бошад дар навбати худ тартиботи дохиларо риоя намуда, вазифаҳои меҳнатиашро иҷро намояд.

Ҳамин тариқ, дар байни корфармо ва корманд ҷой доштани муносибатҳои меҳнатиро на танҳо интишори фармоиш, инчунин мавҷуд будани дигар аснод, аз ҷумла аризаи корманд бо сабти ризояти корфармо собит месозад. Чунин хусусияти шартномаи меҳнатӣ ба ҳифзи манфиатҳои корманд нигаронида шудааст.

Мувофиқи моддаи 102 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон корфармо, сарфи назар аз вазъи молиявиаш уҳдадор аст ба корманд барои кори иҷро намудааш музди меҳнати муқарраршударо пардохт намояд.

Поймолкунии ҳуқуқи пардохти музди меҳнат манъ аст.

Корфармо уҳдадор аст ба корманд барои иҷрои кори баробарарзиш музди меҳнати якхела диҳад. Ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ аст.

Андозаи музди меҳнат, ки тарафҳо бо шартномаи меҳнатӣ муайян кардаанд, аз андозаи ҳадди ақали музди меҳнат камтар буда наметавонад [2].

Дар асоси моддаи зикршуда, корфармо, сарфи назар аз вазъи молиявиаш, вазифадор аст ба корманд барои кори иҷронамудааш музди меҳнатӣ бо шартномаи меҳнатӣ муқарраршударо пардозад. Андозаи музди меҳнат, ки тарафҳо дар вақти бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ муайян кардаанд, аз андозаи муқаррарнамудаи шартномаҳо камтар буда наметавонад.

Тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ корфармо уҳдадор аст, ки ба корманд барои кори иҷронамудааш музд диҳад. Пардохти музди меҳнат бо дарназардошти касбу кор, ихтисос ё вазифаи ишғолкарда, вақти сарфшудаи корманд сурат мегирад.

Дар сурати гузаронидани корманд ба кори каммузд бо сабаби зарурати истеҳсолӣ ва бекористӣ, музди меҳнати ӯ дар ҳаҷми на камтар аз маблағи миёнаи моҳона (маош) пардохта мешавад.

Дар масъалаи гирифтани музди меҳнат кормандони ҷинси мард ва ҷинси зан баробарҳукуқанд, яъне новобаста аз ҷинс ва дигар асосҳо барои меҳнати якхела, музди меҳнати якхела бояд пардохт карда шавад [3].

Ҳангоми гузаронидан ба кори каммузд дар натиҷаи бекористӣ музди менати корманд дар ҳаҷми на камтар аз маблағи миёнаи моҳона (маош) дода мешавад [2].

а) Кафолати давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнати кормандон дар асоси низоми давлатӣ сурат мегирад. Низоми кафолати давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнати кормандон инҳоро дар бар мегирад:

1) Низоми тарифӣ, ки он аз унсурҳои зерин иборат мебошад:

- меъёрҳои тарифӣ (музди меҳнат);

- ҷадвали тарифӣ;

- коэффитсиентҳои тарифӣ;

- андозаи ҳадди ақали музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- андозаи меъёрҳои тарифии дараҷаи якуми Ҷадвали ягонаи тарифии кормандони соҳаи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тарифҳои ҷумҳуриявии музди меҳнат - меъёрҳои соатбайъ ё моҳонаи тарифӣ (маошҳо), ки сатҳи музди меҳнатро барои гурӯҳҳои мушаххаси кормандони касбию дараҷадори ташкилотҳое, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ва дотатсияҳои давлатиро истифода мебаранд, муайян мекунанд;

- миқдори зиёд намудани музди меҳнат барои кор дар шароитҳое, ки аз шароитҳои меъёрӣ фарқ мекунанд, аз ҷумла барои корҳои шабона, кор дар рӯзҳои истироҳатӣ ва ид, зиёда аз вақти муқаррарӣ кор кардан, маҳалҳое, ки шароити номусоиди табиию иқлимӣ доранд, кор дар шароитҳои зарарноку вазнини меҳнат;

- чораҳо барои нигоҳдории сатҳи воқеии таъмини музди меҳнат дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- маҳдуд кардани нигоҳдории андозаи музди меҳнат, аз ҷумла ҳаҷми андозбандӣ аз даромад;

- назорати давлатии пардохти пурраи саривақтии музди меҳнат ва амалӣ намудани кафолатҳои давлатӣ оид ба қисмати андозаи он;

- ҷавобгарии корфармо барои вайрон кардани шартҳои шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ оид ба музди меҳнат.

2.Мушкилоти иҷрои кор дар асоси тарифкунонии онҳо муайян карда мешавад. Тарифкунонии кор ва ба кормандон додани дараҷаҳои тарифӣ аз рӯи Маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии кор ва касби кормандон ва Маълумотномаи ягонаи тахассусии мансабҳои роҳбарон, мутахассисон ва

хизматчиёни давлатӣ сурат мегиранд, ки онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонтасдиқ мекунад.

3.Кафолати давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнат ба кормандоне, ки бо корфармо дар муносибатҳои меҳнатӣ мебошанд, тааллуқ дорад.

Мушкилоти иҷроиши кор дар асоси тарифкунонии онҳо муайян карда мешавад.

Тарифкунонии кор ва ба кормандон додани дараҷаҳои тарифӣ аз рӯи Маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии кор ва касби кормандон ва Маълумотномаи ягонаи тахассусии мансабҳои роҳбарон, мутахассисон ва хизматчиён сурат мегирад, ки онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

б) андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в)андозаи меъёрҳои тарифии дараҷаи якуми Ҷадвали ягонаи тарифии кормандони соҳаи буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г)тарифҳои ҷумҳуриявии музди меҳнат – меъёрҳои соатбайъ ё моҳонаи тарифӣ (маошҳо), ки сатҳи музди меҳнатро барои гурӯҳҳои мушаххаси кормандони касбию дараҷадори ташкилотҳое, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ва дотатсияҳои давлатиро истифода мебаранд, муайян мекунанд;

д)миқдори зиёд намудани музди меҳнат барои кор дар шароитҳое, ки аз шароитҳои меъёрӣ фарқ мекунанд, аз ҷумла барои корҳои шабона, кор дар рӯзҳои истироҳатию идҳо, зиёда аз вақти муқаррарӣ кор кардан, маҳалҳое, ки шароити номусоиди табиию иқлимӣ доранд, кор дар шароитҳои зарарноку вазнини меҳнат;

е)чораҳо барои нигоҳдории сатҳи ҳақиқии таъмини музди меҳнат дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ё)маҳдуд кардани нигоҳдории андозаи музди меҳнат, аз ҷумла ҳаҷми андозбандӣ аз даромад;

ж)назорати давлатии пардохти саривақтии музди меҳнат ва амалӣ намудани кафолатҳои давлатӣ оиди қисмати андози он;

з)ҷавобгарии корфармоён барои вайрон кардани шартҳои шартномаҳои (созишномаҳои) коллективӣ оиди музди меҳнат.

Кафолати давлатӣ дар соҳаи пардохти музди меҳнат ба кормандоне, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ ва шартҳои кироя бо корфармоёни ҳама гуна шакли моликият мебошанд, тааллуқ доранд Яке аз шартҳои асосии шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ, барои иҷро намудани кори корманд пардохтани музди меҳнат аз тарафи корфармо мебошад.

Мутобиқи моддаи 4 ва 5 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ба ҳар як корманд ҳуқуқҳои барои ба таври одилона қадр кардани меҳнат ва сари вақт пардохтани музди онро кафолат медиҳад.

Корфармо уҳдадор аст, ки музди меҳнати кормандро сари вақт пурра пардозад. Кафолати давлатӣ дар соҳаи пардохти музди меҳнат ба ҳамаи кормандоне, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ ва шартҳои кироя бо корфармоёни ҳама гуна шакли моликият мебошанд, тааллуқ дошта, сатҳи онро ҳангоми бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ паст кардан мумкин нест.

Поймолкунии ҳуқуқи пардохти музди меҳнат манъ аст. Корфармо вазифадор аст ба корманд барои иҷрои кори баробарарзиш як хел маош диҳад. Ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ аст.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 [Маводи электронӣ] // Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: URL: http://mmk.tj

2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли 2016. [Маводи электронӣ] // Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: URL: http://mmk.tj

3. Конвенсияи СБМ аз 29 июни соли 1951, № 100 «Дар бораи маоши мард ва зан барои меҳнати баробарарзиш»[Маводи электронӣ] // http://www.mmih-adlia.tj

**Болтуева Шаҳноза Самадовна**
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ ШАРТНОМАИ СУПОРИШ ДАР АРСАИ ҶАҲОНӢ

**Анотатсия**

Маколаи мазкур оиди таърихи пайдоиши шартномаи супориш ва аҳамияти он дар хама руза муносибати шахсон байни худ мебошад. Инкишофи шартномаи супориш дар давраи Рум, муомилаи шахсон вобаста ба шартномаи супориш, маълумотҳо ва пайравии шартномаи супориш бо китоби муқаддаси дини Зардуштиён «Авесто» .

**Аннотация**

В статье рассматривается история возникновения договора уступки и его значение во всех аспектах межличностных отношений. Развитие договора уступки в римский период, взаимодействие лиц в связи с договором уступки, информация и связь договора уступки со священной книгой зороастрийской религии «Авеста».

**Abstract**

This article examines the history of the assignment agreement and its significance in all aspects of interpersonal relations. It explores the development of the assignment agreement during the Roman period, the interactions between individuals regarding the assignment agreement, and the information and connection between the assignment agreement and the sacred book of the Zoroastrian religion, the Avesta.

Шартномаи супориш яке аз қадимтарин шартномаҳо ба ҳисоб меравад. Инкишофи он тӯли чандин асрҳо рукн ёфтааст. Ғояҳои шартномаи супориш бори аввал дар ҳуқуқи хусусии Рум пайдо шудааст [1 С.112-115]. Дар давраи классикии Рим (асрҳои I-III мелодӣ) тасаввуроти хеле васеъи намояндагӣ ҳамчун маҷмӯи воситаҳое, ки барои аз ҷониби як тараф амалӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои худ бо ёрии шахсони дигар пешбинӣ шудаанд, ташаккул ёфтаанд. Бо истифода аз усули анъанавии барои ҳуқуқи римӣ хос: «аз қарорҳои мушаххас

то маҷмааҳои меъёрӣ» ҳуқуқшиносони римӣ ба мафҳумҳои абстрактӣ аҳамият надода, низоми хеле мураккаби қарорҳо (даъвоҳо)-ро оид ба намояндагӣ, аз ҷумла дар соҳаи муомилоти тиҷоратӣ таҳия намуданд. Ҳамзамон яке аз шартномаҳое, ки ҳифзи даъво ва хусусияти фидусиарии мушаххас дошт ин шартномаи супориш буд.

Дар ҳуқуқи хусусии Римӣ ҳангоми амалисозии фаъолияти тиҷоратӣ ҳолатҳои ба воситаи ғулом бастани шартномаҳо низ маъмул буданд. Бинобар сабаби он, ки ғуломон субъектҳои ҳуқуқ эътироф намегардиданд, истифодаи онҳо ҳамчун намоянда тавассути ду усули ҳуқуқӣ сурат мегирифт. Аввалан ҳамчун пекулии ғулом - моликияте, ки соҳиби он барои идоракунӣ ба ғулом медод, то ӯ онро идора кунад ва даромади муайян ба даст орад. Ғуломе, ки ба у пекулия дода шуда буд, чун «даст»-и вакили соҳибмулк амал мекард. Чунин ғулом бо бастани аҳдҳо метавонист барои соҳиби худ дар доираи маблағи пекулия ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро ба вуҷуд орад[2 С.589]. Ба ибораи дигар, ғулом дар ин маврид ҳамчун намояндаи хоҷаи худ баромад мекард. Усули дуюм даъвоҳои преторӣ буданд, ки ҳамчун воситаи дигари истифодабарии ғуломон ба сифати вакил татбиқ мегардид. Претор чунин даъвоҳоро дар сурате пешниҳод мекард, ки агар ғулом ба манфиати соҳиби худ бо шахсони сеюм муносибатҳои шартномавӣ баста бошад. Бо ёрии ин даъвоҳои преторӣ ҳолатҳои намояндагии манфиатҳои тоҷирони римӣ дар ҳолатҳои маъмултарини зерин танзим карда мешуданд: иҷрои вазифаҳои намояндагӣ ҳангоми бастани шартномаҳо аз ҷониби роҳбари корхона (тиҷоратӣ, кишоварзӣ, саноатӣ ва ғайра), сарнишини киштӣ ҳангоми кашондани бор, қабул ва супурдани бор.

Ҳамзамон барои истифодаи нодурусти ғулом ҳамчун намоянда чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ низ пешбинӣ гардида буданд.

Ҳангоми таҳлили архетипҳои намояндагӣ,оиди шартномаи супориш (mandatum) қайд намудан зарур аст, ки он ҳамчун шартномае эътироф мегардид, ки тибқи он як шахс (mandans - ваколатдиҳанда) ва шахси дигар (procurator вакил) ваколат медиҳад, ки иҷрои ҳар гуна амалиётро бепул ба уҳда

мегирад. Онро инчунин шартномае муайян кардан мумкин аст, ки тибқи он як тараф ба тарафи дигар супориш медиҳад, ки ба таври ройгон анҷом додани ягон фаъолияти иҷозат додашударо амалӣ намояд[3 С.220]. Илова бар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифҳои зерини ин шартнома тибқи ҳуқуқи хусусии Римӣ пешниҳод шудаанд:

1. Шартномаи супориш (mandatum) – шартномаи консенсуалӣ буда, мувофиқи он як тараф (вакил) уҳдадории ба таври ройгон анҷом додани амалҳои муайянро ба манфиати тарафи дигар (ваколатдиҳанда) ба зимма гирифтааст.

2. Шартномаи супориш дар он зоҳир мегардад, ки як шахс (ваколатдиҳанда) супориш медиҳад ва шахси дигар (вакил) иҷрои амалҳои муайянро ройгон ба зиммаи худ мегирад[4 С.245].

3. Шартномаи супориш ё mandatum шартномаи консенсуалӣ, дутарафа ва нобаробаре байни ваколатдиҳанда ва вакил муқарраргардидае мебошад, ки тибқи он вакил ба манфиати ваколатдиҳанда ҳама гуна амали ҳуқуқиеро, ки ваколатдиҳанда ба ӯ супурдааст, ройгон анҷом медиҳад (Гай 3, 155-156; Гай 4, 8 87) [5 С.448].

Дар ҳар се таъриф, як тараф (ваколатдиҳанда ё мандарий) ба манфиати худ ба тарафи дигар (вакил ё мандантат) иҷрои ҳама гуна амали ҳуқуқиеро, ки предмети ваколатнома аст, вогузор кардааст. Яъне, уҳдадории facere аз шартномаи mandatum ба вуҷуд омадааст. Хусусияти фаъолияти вакил метавонад гуногун бошад; он метавонист меҳнати ҷисмонӣ (operae illiberales) ва ё зеҳнӣ бошад (operae liberales) бошад. (Гай 3, 162; I 3,26,13; Д 17,1,36,1) [5 С.267]

Шартномаи супориш дар ҳуқуқи хусусии Рим ҳамчун хизмати дӯстонаи як шаҳрванди озод ба шаҳрванди дигар буд[6 С. 231], ройгон будани иҷрои супориш хусусияти муҳими ин шартнома ба шумор мерафт(“mandatum, nisi gratuitum, nullum est” – яъне шартномаи супориш, агар он ройгон набошад, эътибор надорад (Д.17.1.1.4).). Mandatum, ба ақидаи ҳуқуқшиносони румӣ, ибтидои худро ex officio atque amicitia (аз қарзи ҷамъиятӣ ва дӯстӣ) гирифта,

иҷрои чунин қарз ва гирифтани подош ба ақидаи румиён мувофиқат наменамояд (contrarium est officio merces) [7 С.307].

Шартномаи мазкур, ки ба шартномаи хизмати кироя хеле шабохат дошт, аз он танҳо бо хусусияти ройгон буданаш тафовут мекард. Сарфи назар аз он, ки шартномаи супориш аз вакил сарф кардани маблағ, қувва ва кӯшиши зиёдро талаб мекард, иҷрои амали он пардохта намешуд, зеро римиҳо боварӣ доштанд, ки он вазифаи ҷамъиятӣ мебошад  (ex officio atque amicitia). Аз ин рӯ, иҷрои он кор шараф буда, гирифтани музд барои иҷрои чунин амал бешарафӣ эътироф мегардид [8 С. 230-232]. Ҳуқуқшиносони Рум онро чунин шарҳ медоданд: пардохт барои хидмате, ки аз рӯйи уҳдадории ҷамъиятӣ ё дӯстӣ анҷом дода мешавад, дар ҷомеаи ғуломии Рум нангин ҳисобида мешуд, ки шаъну шарафи шахси озодро паст мезад. Мандатарий (вакил) ба нафъи шахси озоди дигар иҷро кардани баъзе хизматҳоро шараф дониста, музд гирифтанро ба шаъну шарафи худ таҳқир мешуморад. Вазифаи ҷамъиятӣ ё дустӣ аз мукофоти пулӣ болотар баҳо дода мешуд. Шартномаи супориш ба бовари махсуси як тараф ба тарафи дигар асос ёфта, чунин  бовариро бо пардохти музд коста намудан мумкин набуд. Дар аксар маврид вакилон шаҳрвандони олимақом, поквиҷдон, сазовори эҳтиром, обрӯ буданд ва ниҳоят, онҳо ба қадри кофӣ  сарватманд буданд ва барои онҳо пардохти хидмат чандон муҳим набуд. Аз ин рӯ, дар ҳуқуқи римӣ хизмати кироя ва супориш ба таври мушаххас тафовут мегардид.

Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, дар ҳуқуқии хусусии римӣ ройгон будан (ин шарт танҳо дар ҳуқуқи баъдиклассикӣ ва юстиниан қатъ гардид) унсури таркибии шартномаи супориш буд. Тавре Гай қайд менамуд: “пардохти (мукофоти) хидмат ин шартномаро ба шартномаи оид ба locatio operis табдил дод [9 С. 309]”. Худи кори вакил пардохт намешуд, аммо, шартномаи супориш баъзан хароҷоти зиёд, вақт, кӯшиш, қувва, сафар ва ғайраро талаб мекард. Дар ин маврид ваколатдиҳанда вазифадор буд ба вакил хароҷоти вобаста ба иҷрои фармоишро ҷуброн намояд.

Дар баробари инкишофи муомилоти маданӣ талабот ба хизматҳои ҳуқуқӣ меафзуд . Барои ба ҷо овардани супоришхо нерӯ ва вақт и зиёде сарф мешуд. Супориши бо муваффақият иҷрошуда додани чизе, ё бо роҳи дигари аз ҷиҳати моддӣ — додани чизе, ё бо роҳи дигар аз ҷиҳати моддӣ мукофонида мешуданд. Чунин тӯҳфаҳо баъдан пайдо шудааст, бо номи

«honor» маъруф гаштанд (аз ин ҷо истилоҳи «гонорар» пайдо шудааст). Дар аввал ваколатдиҳанда вазифадор набуд, ки ба вакил тухфа пешниҳод кунад ва ё бо ягон тарзи дигар ӯро мукофотонад, вале бо мурури замон пардохти мукофот супориши муқаррарӣ шуд.

Ҳамин тариқ, «merces» - пардохт ба маънои баробарарзиши хидмати пешниҳодшуда, воқеан хоси шартномаи спориш набуд, балки вақте ки мандарий барои хидмати расонидашуда ягон намуди тӯҳфа гирифтааст, «миннатдори», ба таври моддӣ ифода карда шуда, кобили қабул дониста шуд.

Шартномаи супориш мувофиқи таснифи ҳуқуқшиноси маъруфи асри II Гай ба қатори шартномаҳои консенсуалӣ тааллуқ дошт. Расмияти бастани онҳо хеле содда шуд. Яъне бастани шартнома бо созиши оддии тарафҳо мумкин буд. Ба ин шартномаҳои хариду фурӯш, кироя, супориш ва ширкатҳо дохил мешуданд. Созишномаҳои консенсуалӣ, инчунин гурӯҳи пӯшидаро ташкил медоданд. Ягон созишномаи дигар, ҳатто аз рӯи асосҳое, ки ба шартномаҳои консенсуалӣ мувофиқанд, ба ин ҷо дохил карда намешуданд.

Хусусияти асосие, ки шартномаҳои консенсуалиро муттаҳид мекард, эътибор пайдо кардани онҳо дар лаҳзаи ба даст овардани созиш оид ба предмети шартнома бидуни иҷрои ягон расмиёти иловагӣ буд. Дар натиҷа, бар хилофи шартномаҳои воқеӣ, ба даст овардани созиш дар ин ҷо мазмуни ҳуқуқӣ пайдо карда, факти ҳуқуқие гардид, ки уҳдадориҳои тарафҳоро оид ба иҷрои амалҳои муайян муқаррар менамояд.

Ғайр аз ин, ҳар як шартнома, аз ҷумла «mandatum», бояд ба шартҳои муайяни воқеият мувофиқ бошад: якум, бояд ризоияти тарафҳо дар бораи мавзуи шартнома бошад. Чунин ризоият наметавонад хилофи ба истилоҳ

ахлоқи нек (boni mores), negotia bonae fidei, actiones bonae fidei бошад. Сониян, мазмуни шартнома бояд аз ҷиҳати моддӣ имконпазир бошад [10].

Мавзуи супориш метавонад ҳам амалҳои ҳуқуқӣ (аҳдҳо, иҷрои мурофиаи судӣ) ва хидматҳои воқеӣ бошад, то ин корҳо анҷом дода шаванд nulla mercede constituta neque dictionary, яъне то ки барои ин амалҳо ягон музд таъин ё ваъда дода нашавад. Амале, ки ба ахлоки нек мухолиф аст («contra bonos mores»), масалан, фармон дар бораи дуздидан, ба касе таҳқир кардан, объекти супориш шуда наметавонист. Дар даврони классикӣ, ки нуқтаи назаре бартарӣ дошт, дар шахси ворис, ваколатнома барои иҷрои коре "пас аз марги мандат" вуҷуд надошт.

Мавзуи ваколатнома амалҳои ҳуқуқӣ (иҷрои созишномаҳо, амалисозии амалҳои мурофиавӣ) ва иҷрои коре буда метавонистанд (масалан, ройгони либос (Ҷ.3.26.13)). Аслан, шартномаи супориш бештар бо мақсади иҷрои амалҳои ҳуқуқӣ – иҷрои муомилоти, маданӣ иҷрои амалҳои мурофиавӣ ва ғайра баста мешуд.

Аз рӯйи мавзуъ шартномаи супориш ба шартномаи хидматрасонӣ наздиктар буд, зеро мавзуи ҳардуи шартнома метавонад хизматҳои воқеӣ бошад. Онҳо бо як хусусияти муҳим тафовут мекарданд, зеро шартномаи хизматрасонӣ пулакӣ буд ва супориш ҳамеша ройгон. Иҷрои озоди супориш хусусияти хоси ин шартнома буд. Агар барои иҷрои амал хак ситонида шуда бошад, пас шартнома ба шартномаи кирояи шахсӣ табдил меёфт.

Сарфи назар аз бемузд будани супориш ҳуқуқи римӣ дар назди мандатарий, яъне ба вакил барои дақкат, меҳнатдустӣ, виҷдон ва ғайрат дар ичрои супоришҳои у талаботи басо қатъӣ мегузошт. Гарчанде ки шартномаи супориш шартномаи дуҷониба буд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар он нобаробар тақсим карда шудаанд, яъне ба манфиати ваколатдиҳанда, ки манфиати вакил аст.

Уҳдадории асосии вакил (мандаторий) аз он иборат аст, ки супоришро бодиққат ва софдилона иҷро кунад, кори ба зимма гирифташро ба охир расонад. Вай бояд ин дастурҳоро қатъиян риоя мекард, ҳатто дар ҳолатҳое, ки

ин ба ваколатдиҳанда фоида меовард. Мандаторий ҳуқуқ надошт, ки дастурҳоро ҳатто бо мақсади манфиати иловагӣ овардан ба ваколатдиҳанда тағйир диҳад. Агар бо сабаби тағйирёбии вазъ иҷрои ваколат комилан имконнопазир бошад, пас мандатарий дорандаи мандат бояд аз мандат дастури иловагӣ мегирифт, агар ин дар воқеъ имконнопазир гардад, он гоҳ тавре амал кунад, ки қарор ба талаботи мазмуни умумии ваколат мувофиқ бошад.

Агар мавзуи супориш фаъолияти ҳатмии шахсии дорандаи мандатро дар назар надошта бошад ва худи шартнома иҷрои шахсии супоришро пешбинӣ накунад, мандатарий ҳуқуқ дошт ба иҷроиш шахсони дигарро (муовинон ё шахсони ивазкунанда) ҷалб намояд. Дар шартнома пешбинӣ намудани ҳолате, ки иҷро бояд ҳатман шахсӣ бошад ё баръакс мумкин буд, ин имкон медод, ки иҷрои амали муайяншударо ба шахсони дигар супорад. Ҳатто агар аз рӯи хусусияти супориш ҳатман иҷрои шахсӣ зарур бошад ҳам, баъзан иштироки шахсони сеюм дар иҷрои супориш ногузир буда метавонист.

Мазмуни махсуси иҷтимоӣ ва маишии ваколатдиҳанда дар ҷомеаи ғуломдорӣ ба масъулияти ваколатдиҳанда таъсир расонд. Бар хилофи қоидаҳои умумӣ, агар худи тараф аз руи шартнома ягон фоида нагирад, ба он манфиатдор набошад, масъулияти маҳдуд дорад, аммо вакил вазифадор буд, ки ба ваколатдиҳанда товони зарарро диҳад. Тамоми зиёне, ки дар натиҷаи нодуруст иҷро кардан ё иҷро накардани шартнома ба амал омадааст, гарчанде ки дар натиҷаи ночиз бо айби соҳиби мандат расида бошад ҳам ҷуброн намояд.

Ваколатномаро иҷро намуда, вакил ба ваколатдиҳанда ҳисобот медиҳад ва ҳамаи он чизеро, ки дар натиҷаи иҷрои супориш ба даст омадааст пурра ба у медиҳад. Интиқоли натиҷаҳо ба ваколатдиҳанда, махсусан дар ҳолатҳое, ки сухан дар бораи ваколати бастани ҳама гуна шартнома мерафт, бояд ё бо гирифтани ашё ё бо даст кашидан аз даъво анҷом дода мешуд.

Зеро мандати римӣ шартномае буд, ки ба истилоҳ иҷрои бавоситаро муқаррар мекард: ҳангоми иҷро кардани супориши ваколатдиҳанда, вакил на аз номи ӯ амал мекард, балки аз номи худ ва бо салоҳиди худ шартномаҳо мебаст. Бинобар ин, тамоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар асоси шартномаҳои

басташуда шахсан ба вакил тааллуқ дошт. Аз ин рӯ, баъд аз иҷрои шартномаи, супориш вакил уҳдадор буд тамоми натиҷа ва ҳуқуқҳои бадастомадаро ба ваколатдиҳанда супорад.

Ҳуқуқҳои вакил дар созишнома хеле маҳдуд буданд. Вай метавонист аз иҷрои он даст кашад, агар ба хулосае омада бошад, ки ин корро дуруст иҷро карда наметавонад, инчунин ҷуброни хароҷоти вобаста ба иҷрои шартномаро талаб намояд.

Ухдадории асосии ваколатдиҳанда аз он иборат аст, ки ӯ бояд ба вакил хароҷоти ҳангоми иҷрои супориш сарфи назар аз натичае, ки тавассути хароҷот ба даст омадааст, баргардонад агар ӯ софдилона амал кунад. Амалҳо бояд ҷуброн карда мешуданд, ҳатто агар натиҷаи супориш бе гуноҳи вакил ба даст наояд. Ба ғайр аз ин, ваколатдиҳанда вазифадор аст ба вакил зарари бо айби ваколатдиҳанда вобаста ба иҷрои супориш ба ӯ расонидаашро ҷуброн намояд; талафоти тасодуфие, ки танҳо ҳангоми иҷрои супориш ба амал омадаанд ҷуброн карда намешуданд. Ҳуқуқҳои ӯ ба вазифаҳои вакил мувофиқат мекарданд.

Барои ҳимояи манфиатҳои тарафҳо ҳар кадоми онҳо даъвои махсусе доштанд, ки аз шартномаи супориш бармеоянд. Ҳарчанд, чун қоида, уҳдадориҳо танҳо дар доираи ваколати вакили мудофеъ ба миён омада метавонистанд, вале ваколатдиҳанда тавассути “actio mandate contraria” барои ҷуброни хароҷот ва зиён ҷалб кардан мумкин буд; бинобар ин дар ин маврид сухан дар бораи шартномаи «нопурра ё тамоман дутарафанабуда» меравад[11 С. 255] .

Муносибати байни ваколатдиҳанда ва вакил оид ба бекор кардани шартномаи супориш метавонад бо иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби вакил дар ҳолате, ки тарафҳо ин масъаларо муҳокима кардаанд ё ба охир расидани муҳлати шартнома ҳал карда мешавад. Илова бар ин, тарафҳо ҳақ доштанд, ки ҳар вақт аз шартнома якҷониба даст кашанд.

Муносибати байни ваколатдиҳанда ва вакил оид ба қатъи ваколатнома мумкин буд, то иҷрои уҳдадориҳои вакил дар сурате, ки тарафҳо онро

муҳокима карда бошанд ё ҳангоми ба охир расидани муҳлати шартнома ҳал карда шавад.

Инчунин, ваколатнома бо сабаби марги яке аз тарафҳо тибқи принсипи «интитуси персона» қатъ мегардид [6 С. 230]. Ин ҳолатҳои махсуси қатъи ваколатнома аз он сабаб ба амал омадаанд, ки шартномаи супориш боварии махсус ва шиносоии мутақобилаи тарафҳоро дар назар дошт, агар он аз байн равад, худи шартнома бояд қатъ карда мешуд. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар ин ҳолатҳо, вакил вазифадор буд, ки амалҳои муайяншударо барои пешгирии зарари эҳтимолӣ барои ворисони ваколатдиҳанда анҷом диҳад. Яъне, вакил ҳуқуқ надошт, ки баъди гирифтани маълумот дар бораи марги ваколатдиҳанда дастури таъиншударо фавран тарк кунад. Аз тарафи дигар, агар вакил аз марги ваколатдиҳанда хабар надошта, супоришро то охир иҷро менамуд, у ҳуқуқ дошт аз ворисони ваколатдиҳанда ҷуброни амалро талаб кунад. Дар сурати фавти вакил ворисони у вазифадор буданд, ки дар ин бора ба ваколатдиҳанда хабар диҳанд [4 С. 196].

Ҳамин тавр, шартномаи супориш тибқи ҳуқуқи хусусии римӣ шартномаи консенсуалӣ, дуҷониба ва ба боварӣ асос ёфта буд, ки байни ваколатдиҳанда ва вакил баста мешуд. Тибқи ин шартномаи супориш як шахс (ваколатдиҳанда, мандант) ба шахси дигар (вакил, мантаторий) дастур медод, ки иҷрои амалҳои муайянро ройгон ба зимма гирад. Дар асоси «mandatum» талаботи ваколатдиҳанда (dominus negotii) ва уҳдадориҳои вакил (procurator), ба таври истисно, талаботи вакил ва уҳдадориҳои ваколатдиҳанда муқаррар карда мешудаанд. Ваколатнома бояд комилан мувофиқи мазмунаш (чӣ аз ҷиҳати мазмуни аслй ва чӣ аз ҷиҳати мазмуни дохилиаш) ба расмият даровarda мешуд. Илова бар ин, «mandatum» барои шахсони сеюм оқибати ҳуқуқӣ надошт. Аслан, «mandatum» ройгон буд, аммо барои баъзе хизматрасониҳои баландсифат («artes liberales») одат шуда буд, ки ихтиёран ба вакил тӯҳфаҳо (mandatum honororarium) тақдим кунанд.

Супориш ба эътимоди мутақобила асос ёфта буд, бинобар ин, дар аввалҳо агар яке аз тарафҳо аз шартнома даст мекашид ё вафот мекард, он қатъ

мегардид. Дар замонҳои Юстиниан «mandatum» метавонист баъд аз марги ваколатдиҳанда идома ёбад («mandatum post mortem»; «fideicommissum»; «obligation»). Вакил уҳдадор буд, ки дастурҳои ваколатдиҳандаро ба роҳбарӣ гирад (аз рӯйи онҳо, ӯ бо таваккали худ амал менамуд), супоришро дуруст ва ба таври зарурӣ иҷро карда, дар баробари ин даромаде, ки аз иҷрои супориш гирифтаро бояд ба ваколатдиҳанда месупорад. Тибқи таълимоти Юстиниан ваколатдиҳанда тибқи шартномаи супориш вазифадор буд, ки вакилро аз уҳдадории зиёдати гирифташуда озод кунад, ба ӯ хароҷот ва талафоти эҳтимолии ҳангоми иҷрои супориш расонидашударо ҷуброн намояд[12 С. 212].

Дар қаламрави таърихии Тоҷикистон унсурҳои алоҳидаи шартнома дар сарчашмаҳои қадимаи ҳуқуқӣ коркард гардида буданд. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, китоби муқаддаси «Авесто» ҳамчун асари таърихии ҳуқуқии давлатҳои Осиёи Миёна ва Эрон бештар аз ҳазор сол дар шакли муайяни сарчашмаи ҳуқуқ амал мекард[13 С. 476].

Ба андешаи А.Г.Холиков, китоби «Авесто» сарчашмаи асосии ҳуқуқи давраи зардуштӣ мебошад[14 С. 70]. Вай ҳамчун шартномаро дар низоми ҳуқуқии «Авесто» баррасӣ менамояд.

Китоби «Авесто»-и имрӯза аз китобҳои «Ясно» – «назр», «ниёз», маҷмӯи матнҳои маросимӣ, «Яштҳо» («Яшт»– «ниёиш», «ситоиш»), сурудҳо дар васфи худоёни дини зардуштӣ, «Видевдат» қонун ба муқобили девон шакли баъдинаи нодурусташ «Вандидод», дастурҳо дар бораи покизагӣ ҳангоми тоату ибодат (як қатор муқарраротӣ динӣ ва шаръӣ, порчаҳои асотири қадим, ҳамосӣ ва ғайраро дар бар мегирад); «Виспрат» – (номи баъдинаи каме носаҳеҳи он «Виспарад»), аз маҷмӯи дуо ва матнҳои ибодатӣ иборат аст. Ғайр аз ин, ба «Авесто» якчанд қисматҳои ҳаҷман хурд ва камаҳамият дохил мешаванд

Вендидад, ки ин ҷузъи ҳуқуқии «Авесто» буда, ба масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ бахшида шудааст, дар он шаклҳои бастан, иҷро, ҷавобгарӣ ва ҳимояи судии муносибатҳои шартномавӣ ва дигар масъалаҳо баррасӣ

мешаванд. Дар он давра, шартномаи супориш дар шакли хаттӣ баста мешуд [15 С. 143]. Қисми хотимавии мақолаи мазкур аз он шаҳодат медизад, ки таърихи пайдоиши шартномаи супориш, яке аз самтҳои асосии муносибатҳои мадани ба ҳисоб рафта рукн ёфтани он боиси тараққи кардани муносибатҳои мадани мебошад. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаммаи чораҳои зарурирo бахри пешбурди афзоиш ва табодули муносибатҳои мадани кӯшиш ба харҷ карда истодааст. Ҳамин тариқ бояд зикр намуд, ки ҷанбаҳои муносибатҳои мадани дар самти шартномаи супориш равнақ ёфта дар замони муосир яке аз соҳаҳои такмилёфта ба ҳисоб меравад.

## РУЙХАТИ АДАБИЁТҲО:


1. Северова О.С. Представництво за римським правом[Текст] / О.С. Сєвєрова // Юридический вестник. – 2000. – №4. – С. 112-115.
2. Дигесты Юстиниана /Пер. и коммент. И.С. Перетерского[Текст]. – Москва: Юрид. лит., 1984. – 589 с.
3. Советское гражданское право. Ч. I: учебник /Под ред. В.Ф. Маслова, А.А. Пушкина. – Киев: Вища школа, 1977. – 461 с.
4. Новицкий И.Б. Основы римского гражданского права: учебник для вузов. Московский гос. ун-т им. М.В. Ломоносова; Рос.гос. архив древних актов [Текст] / И.Б. Новицкий. – Москва: Зерцало, 2000. – 245 с.
5. Пухан И., Поленак-Акимовская М. Римское право: учебник [Текст] / И. Пухан, Поленак-Акимовская. – М, 2003. – 448 с.
6. Харитонов Е.О. Основы римского частного права: учебное пособие [Текст] / Е.О. Харитонов. – Ростов-на-Дону: «Феникс», 1999. – 416 с.
7. Муромцев С.А. Гражданское право Древнего Рима: учебник [Текст] / С.А. Муромцев. – Москва: Статут, 2003. – 685 с.
8. Подопригора А.А. Основы римского гражданского прав: учебник [Текст] / А.А. Подопригора. – Киев: Вентури, 1994. 288 с.
9. Франчизи Дж. Институционный курс римського права. Перевод с итальянского; отв. ред. Л.Л. Кофанов [Текст] / Дж.Франчизи.– Москва: Статут, 2004. – 428 с.
10. Советское гражданское право: учебник в 2-х ч. /М.А. Юртаева, Т.С. Шохина, А.Ю. Кабалкин [и др.]; под ред. В.А. Рясенцева. 3-е изд., испр. и доп.. – Москва: Юрид. лит-ра, 1987. Ч. 2. – 576с.

11. Санфилиппо Ч. Курс римского частного права: учебник [Текст] / /Санфилиппо Чезаре. – Москва: БЕК, 2002. – 400с.
12. Бартошек М. Римское право: понятия, термины, определения: учебник /Пер. с чешск [Текст] /. – Москва: Юрид. лит., 1989. – 580 с.С.212
13. Холиқов Абдураҳим. Ҳуқуқи исломӣ. –Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 476 с.
14. Холиков А.Г. История государства и права Таджикистана (С момента возникновения до конца XIX в.).Ч. 1. [Текст] / – Душанбе, 2002. – С.70 (на тадж. яз.).
15. Холикзода, А. Г. Авеста как основной источник зороастрийского права / А. Г. Холикзода // Юридическая наука: история и современность. – 2018. – № 12. – С. 172-184. – EDN YRPYHJ.

**Шоисматуллоева Фируза Шоназаровна**
старший преподаватель кафедры государственно – правовых дисциплин
Российско – Таджикский (Славянский) университет 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30 Тел.:(+992) 2278548, e-mail: fira.sho@mail.ru

# ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРАВОВОГО СОЗНАНИЯ И ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ ГРАЖДАН ТАДЖИКИСТАНА

**Аннотация**
Статья раскрывает рассмотрения состояния правового сознания и правовой культуры граждан Таджикистана в условиях становления демократического правового государства; охарактеризованы особенности его проявления на современном этапе. Автором делается вывод что, правовое сознание и правовая культура формируются в результате обучения и получения правовых знаний, целенаправленной воспитательной и разъяснительной работы и поощрения, наблюдения за примерным правовым поведением других, опыта участия в общественно-правовой жизни общества, общественной деятельности и решения жизненных вопросов.

**Ключевые слова:** Конституция, правосознание, правовая культура, законность, правовая система.

Таджикистан относится к числу тех бывших советских республик, где изменения в сфере экономики и права продолжаются со времен распада СССР до настоящего времени. Формирование новых экономических и правовых отношений непрерывно меняет социальную структуру общества, предъявляет все новые требования к самоопределению граждан. Правовая система Таджикистана претерпела значительные изменения за последние два десятилетия. Суть закона заключается не в выявлении и наказании правонарушителей, а в их правовом воспитании. Демократизация общества и переход к рыночной экономике считаются основными факторами изменения правовой системы таджикистанского общества и в дальнейшем будут требовать таких активных субъектов общественных отношений, которые знают свои права, свободы и обязанности, могут законными средствами реализовать свои интересы, а также уважать законные права и интересы других лиц. Иными словами, в таких условиях необходимы социальные субъекты с высоким правосознанием и правовой культурой. Основоположник мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистана Эмомали Рахмон в своем ежегодном Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан отметил, что «работу должны таким образом организовать, чтобы граждане, прежде всего, были осведомлены о своих законных правах, чувствовали себя активными участниками этой политической компании и брали на себя ответственность относительно реализации своих конституционных прав» [3].

В юридической литературе под правосознанием понимается сложное социальное явление, имеющее разные основания (формы) проявления. Одной из таких форм является конституционное правосознание.

Необходимость рассмотрения конституционного правосознания в механизме правового регулирования обусловлена следующими основаниями.

Во-первых, принятая в 1993 году Конституция РФ провозгласила на высшем уровне принципиально новые, правовые идеи, задачи и цели государственного и общественного развития. Она закрепила на государственном уровне необходимость признания и соблюдения основ конституционного строя и в связи с этим внесла изменения как в институты правового положения личности, так и в систему организации и деятельности органов государственной власти [6, 13].

Это и стало основанием того, что под воздействием конституционных положений, идей и принципов, составляющих в совокупности идеологический пласт, сформировалось конституционное правосознание как ценный показатель раз -вития правовой и демократической культуры российского общества.

Во - вторых, в основе конституционного правосознания лежит Конституция Республики Таджикистан. Она представляет собой закон высшей юридической силы и служит регулятором всех конституционно-правовых отношений в стране.

В-третьих, конституционное правосознание является основой формирования позитивного права. Прежде чем получить свое выражение в конституционных нормах и результатах деятельности государственных органов, интересы, требования и потребности человека проходят через мысли, чувства, взгляды тех, кто непосредственно творит эти нормы. В юридической литературе подчеркивается, что «сама система позитивного права представляет собой продукт творческой реализации правосознания, а именно правовой идеологии и правовой психологии законодателя. Законодатель разрабатывает и принимает законы, но он обезличен, а авторы законов неизвестны. И нельзя не считаться с тем, что авторы законопроектов обладают собственным правосознанием, которое и проявляется в результатах их деятельности».

Таким образом, конституционное правосознание представляет собой особый отраслевой вид правосознания, который основывается на реальной потребности реализации требований положений Конституции РФ, признающих результатом правотворчества формирование правовой системы, где высшей ценностью являются права и свободы человека.

В Таджикистане принято ряд нормативно-правовых актов, направленных на укрепление системы правового воспитания граждан. Необходимость правового просвещения и повышения уровня правосознания граждан отражена в правовых актах, в том числе в Указе Президента Республики Таджикистан от 9 апреля 1997 года № 691 «О правовой политике и обеспечении правового воспитания граждан Республики Таджикистан», в Постановлении Правительства Республики Таджикистан от 22 августа 1997 года, за № 383 «О некоторых мерах по совершенствованию правового воспитания граждан и юридической работы в республике» [2]., в Постановлении Правительства Республики Таджикистан от 3 марта 2006 года под № 94 «Об утверждении Национальной концепции воспитания в Республике Таджикистан» [ 3] и Указе Президента Республики Таджикистан от 6 февраля 2018 года под № 1005 «О Концепции правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 годы [1].

В целях реализации требований, отраженных в Послании Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26 декабря 2018 года, Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 27 ноября 2019 года под № 599 утверждена «Программа правового воспитания и обучения граждан Республики Таджикистан на 2020-2030 годы», реализация ее норм способствует повышению правовых знаний граждан, предотвращению нарушений законов, обеспечению верховенства закона, соблюдению Конституции и законодательства страны, направленных на защиту прав и свободы человека и гражданина.

Важнейшим фактором развития и повышения уровня правового сознания и правовой культуры граждан является юридическое образование.

По этой причине, направлять правовое образование населения в нужное русло помогает управлению сложными социально-правовыми процессами современной эпохи. Юридическое образование является важной частью гражданского воспитания и представляет собой организованный и целенаправленный процесс формирования правовых знаний и ценностей и обеспечения правового поведения человека. При этом повышение уровня правового воспитания и правовой подготовки граждан считается одним из приоритетных направлений правовой политики Республики Таджикистан и реализуется через деятельность государственных органов, государственных и общественных организаций, граждан и участия средств массовой информации. Сущность правового образования выражается в изучении знаний, ценностей и правовых норм и их трансформации в нормы поведения и деятельности граждан. Посредством правового воспитания повышается чувство уважения к закону, формируется уровень сознания и правовой культуры граждан. Основными условиями реализации прав и свобод и обязанностей, а также использования прав и свобод в жизни являются, прежде всего, знание, уважение и умение их использовать.

Посредством правового воспитания правовые нормы и ценности сначала доводятся до сознания граждан, затем они превращаются во внутренние убеждения и становятся препятствием для противоправных действий. По мнению российского юриста Андреевой Г.А. «Правовое воспитание представляет собой процесс правовой социализации, оно обеспечивает усвоение индивидом социального опыта, в результате чего человек приобретает социальные ценности и учится социально-адаптивному поведению» [5, 158].

Или что «Правовое образование представляет собой сложную и функциональную систему, в структуру которой входит юридическое образование, воспитание в соответствии с правовыми нормами, развитие устойчивых юридических навыков (моделей поведения), нормативного поведения человека [9, 31].

Воздействие права на сознание граждан повышает их активность и появляются реальные возможности для развития личности. Поэтому, прежде чем человек подгонит свое поведение под нормы права, он вначале должен знать эти нормы. Российский адвокат Алексеев А.С. пишет: «для того, чтобы мы жили в праве, прежде всего, необходимо, чтобы в нас жил закон» [5, 158]. Пока право не станет особенностью образа жизни общества, частью сознания и социального существования, оно не может действовать в обществе. Российский адвокат Ильин И.А. пишет, что «каждая нация должна знать законы своей страны на необходимом уровне, в том числе и в юридической жизни. Право говорит языком сознания и направлено на сознательное существо» [11, 258]. По результатам социологического исследования отдела социологии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАН на тему «Изучение ситуации и условий реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан» [12]., большинство респондентов – 54,5% полагают, что повышение правовых знаний граждан приведет к повышению их правовой защиты.

Правовое сознание и правовая культура формируются в результате обучения и получения правовых знаний, целенаправленной воспитательной и разъяснительной работы и поощрения, наблюдения за примерным правовым поведением других, опыта участия в общественно-правовой жизни общества, общественной деятельности и решения жизненных вопросов. В правовом воспитании человека очень важна роль социальных институтов, таких как семья, средства массовой информации, системы образования (родители, педагоги, юристы и другие). Далее, процесс правового воспитания зависит от социокультурной среды и социальной структуры общества. По мнению российского юриста А.И. Ковалева, в кризисном обществе расширяются рамки приостановки процесса правовой социализации, в обществе не хватает условий для обеспечения достаточного участия молодежи в общественной жизни [13, 178]. Например, в начале юридическое воспитание человека проходит успешно, но со времени начинаются жизненные проблемы, такие как

самостоятельное проживание, смерть родителей, безработица, миграция, изменение политического и экономического положения общества. В результате меняется направление его юридического образования. В этом случае у человека может возникнуть склонность к нарушению закона и развитию негативного отношения к закону.

Из этого можно сделать вывод, что некоторые люди совершают правонарушения и недостойное поведение в результате недостаточного юридического образования. Большинство людей, не получивших достаточного юридического образования, не могут удовлетворить свои социальные потребности законными способами и прибегают к правонарушениям.

Социологические исследования показывают, что в правовом воспитании граждан меняется роль социальных институтов и источников правовой информации. Проявления юридического образования находятся под влиянием развивающейся информационно-телекоммуникационной среды. «В современный век информационного развития средства массовой информации оказали большое влияние на правовое воспитание молодежи, а роль семьи, школы и образования отошла на второй план. Основная причина заключается в том, что в отличие от системы образования и семьи, которые обычно навязывают молодым людям ценности прошлого, средства массовой информации выступают институтом рыночного общества и сравниваются с глобальными и современными процессами. Если до конца XX века основными источниками правовой информации были газеты, журналы и юридическая литература, а также телепрограммы, то сейчас основными источниками правовой информации являются интернет- сайты и социальные сети. Широкий доступ граждан к сайтам Интернет и социальным сетям привел к тому, что доверие и уверенность граждан к этим источникам правовой информации растет. Даже некоторые исследователи данной области рассматривают Интернет как относительно самостоятельный институт юридического образования. В частности, молодые люди активно используют Интернет для

поиска юридической информации и получения юридических консультаций. Большую часть времени они получают бесплатную, немедленную и прямую информацию и необходимые юридические материалы из Интернета. Российский юрист А.Н. Медушевский пишет: «Впервые в истории Интернет создал такую ситуацию, что прямой контроль государства над информацией был ограничен. Благодаря Интернету необходимая информация доступна из любой точки планеты в очень короткие сроки. Таким образом, все прежние средства сохранения закрытости общества стали неэффективными. Положительные стороны Интернета продолжают возрастать по мере технического развития» [15, 71].

Несмотря на положительное влияние сайтов и социальных сетей на правосознание населения, необходимо учитывать и их негативное влияние. Некоторые лица и социальные группы поощряют и призывают пользователей Интернета к противоправным действиям, вступлению в экстремистские и террористические группировки и аморальному поведению. Экстремистские Интернет-сети постепенно расширяются. Представители пропаганды экстремистских группировок злоупотребляют низким уровнем образования и религиозным фанатизмом некоторых молодых людей и привлекают их внимание через Интернет-сайты и социальные сети.

По результатам социологического исследования КВД «Республиканский центр информации и молодежных тенденций», четверть опрошенных - 27,2% придерживаются мнения, что молодые люди учатся совершать преступления из Интернета. Из этого числа 17,8% респондентов считают, что Интернет повышает уровень правовых знаний молодежи, 25,4% учит их всяким бессмысленным сексуальным действиям, 12% заставляет молодых людей покидать культуру и цивилизацию, 11% связывает их с современным мира. Относительно правового просвещения граждан в Таджикистане существует и другая проблема, заключающаяся в том, что правовые документы, книги, юридические газеты и журналы используются ограниченным числом людей, поскольку они дороги или написаны слишком

научным языком и их содержание для большинства непонятно. По этой причине спрос людей на новости и юридические консультации растет. Затем, в современных условиях и появлении новых сфер общественной деятельности, нормативных правовых актов становится все больше. Вообще невозможно сохранить в памяти человека различные образцы нормативно-правовых документов и использовать их как руководство для жизни. Этот большой массив нормативных документов юристы и другие специалисты хотят систематизировать посредством компьютеризации правовой информации.

Роль семьи очень важна в правовом воспитании человека. Семья как социальный институт обучает человека социальным нормам, включая правовые нормы, правила поведения, последствия нарушений и юридическую ответственность, со дня рождения и до обретения независимости. Именно родители объясняют своим детям, что такое проступок и наказание, формируют их правосознание. «Семья является основным источником формирования представлений о добре и зле, развития поведенческих навыков, усвоения критериев оценки поведения, пределов справедливости и несправедливости, и все это является результатом процесса семейного воспитания. Семья — это фактор взаимного влияния, который человек ощущает на протяжении всей своей жизни. Для понимания роли семьи в процессе социализации подрастающего поколения большое значение имеет внимание государства к вопросам семьи... развитие личности и общества, восстановление гражданской позиции человека» [7, 38].

В семье дети бездумно принимают устоявшиеся в семье правовые ценности. Именно институт семьи учит ребенка первым примерам правового поведения и способам взаимодействия с другими членами общества. Исследования показывают, что высокий уровень правосознания родителей оказывает большое влияние на формирование правосознания и поведения детей. Если правовая грамотность взрослых членов семьи находится на низком уровне, то семья не может играть необходимую роль в процессе правового воспитания своих членов. В то же время институт семьи не всегда может

играть положительную роль в правовом воспитании ее членов, поскольку в зависимости от структуры семьи, ее благополучия, воспитательного потенциала, душевной атмосферы, уровня сформированности семьи, правосознания родителей и других объективных и субъективных факторы, правовое воспитание в семье происходит не всегда эффективно. В настоящее время некоторые таджикские семьи, особенно уязвимые, неполные и нездоровые семьи, не могут эффективно выполнять свою задачу правового воспитания. По этой причине в таких семьях увеличивается возможность вырастания девиантных и жестоких детей. Отчуждение детей и родителей, неуважительное отношение в семье, семейные конфликты и отсутствие у родителей свободного времени для контроля за поведением детей приводят к противоправному поведению детей. Важнейшим институтом юридического воспитания граждан является система образования.

Система образования способна создать необходимые условия для формирования правового сознания и культуры граждан.

Система образования передает накопленные веками правовые знания от одного поколения к другому. Студенты образовательных учреждений не только приобретают юридические знания, но и приобретают навыки и опыт защиты своих прав и свобод. Если образовательные учреждения не смогут обеспечить гражданам правовые знания, образовавшийся информационный пробел будет заполнен суеверными и экстремистскими идеями. Другими словами, если система образования не сможет обеспечить юридическое образование на необходимом уровне, то часть граждан попадет в ловушку экстремистских группировок и в обмен на сиюминутные выгоды, постепенно их лояльность станет сильнее, и они будут способны действовать так, как хотят, исходя из своего мнения. Надлежащая юридическая подготовка может помочь человеку противостоять любой нездоровой религиозной и политической пропаганде.

Правовая подготовка студентов должна осуществляться в образовательных учреждениях с учетом новых запросов общества. Учителя

могут сыграть значительную роль в правовом воспитании граждан. В правовом воспитании граждан следует особо отметить роль представителей правоохранительных органов и влиятельных лиц. В советское время в пропаганде правосознания участвовали сотрудники суда, прокуратуры, полиции, адвокаты. Хотя эти правоохранительные органы оказывают ценные ежедневные услуги по предотвращению нарушений закона и общественного порядка, население не всегда готово тесно сотрудничать с ними в этом отношении. По этой причине правовое воспитание граждан должно быть организовано таким образом, чтобы исчезло нигилистическое отношение граждан к правоохранительным органам. Граждане должны активно участвовать в предотвращении и выявлении нарушений, а не занимать нейтральную позицию. По результатам социологического исследования отдела социологии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАН на тему «Изучение ситуации и условий реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан почти половина опрошенных – 45,0% не готовы сотрудничать с представителями правоохранительных органов в случае необходимости.

Для формирования правового и гражданского общества необходимы граждане с высоким правовым сознанием и культурой. Высокая правовая грамотность граждан зависит от юридического образования. Основоположник мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в ходе своего выступления на общем заседании консультативного совета Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан обратил внимание на этот момент и отметил, что «Повышение правовых знаний граждан является одним из важных и эффективных способов обеспечения верховенства закона, его соблюдения и безусловного осуществления, одновременно предотвращая совершение преступлений и других правонарушений. Наряду с выполнением других ответственных задач правоохранительным органам и военным структурам следует уделять этому направлению деятельности особое внимание [18, 70]. Сама жизнь показывает,

что некоторые граждане страны совершают нарушения именно потому, что не знают требований закона.

В условиях современного мира граждане должны обладать высоким уровнем политических и правовых знаний, чтобы полностью понимать текущую ситуацию в мире и регионе и уметь правильно определять свою позицию». В то же время Президент Республики Таджикистана в своем послании Маджлиси Оли о правовом воспитании граждан высказал следующее: «...Известно, что развитие демократического, правового и светского государства во многом зависит от уровень знаний и правового образования населения. В целях более эффективного налаживания правового просвещения населения необходимо разработать и принять новую долгосрочную комплексную программу и эффективно ее реализовать. В реализации такой программы и других принятых к настоящему времени документов должны быть в полной мере задействованы все структуры власти, а также политические партии и общественные объединения, средства массовой информации, учреждения высшего, среднего профессионального и общего образования, интеллигенция и широкая общественность.

## ЛИТЕРАТУРА

1.Указ Президента Республики Таджикистан от 9 апреля 1997 года № 691 "О правовой политике и правовом воспитании граждан Республики Таджикистан"[Электронный ресурс] –URL: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=12009 (дата обращения: 23.10.2024)

2.Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 августа 1997 года № 383 "О некоторых мерах по улучшению правового воспитания граждан и правовой работы в Республике" [Электронный ресурс] – URL: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=11028&conttype=5 (дата обращения: 23.10.2024)

3.Постановлении Правительства Республики Таджикистан от 3 марта 2006 года под № 94 «Об утверждении Национальной концепции воспитания в Республике Таджикистан» [Электронный ресурс] – URL: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=7121 (дата обращения: 23.10.2024)

4.Постановление Правительства Республики Таджикистан от 27 ноября 2019 года, №599 "О Программе правового обучения и воспитания граждан Республики Таджикистан на 2020-2030 годы" [Электронный ресурс] – URL: https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=135252&conttype=5 (дата обращения: 23.10.2024)

5.Андреева Г.А. Гражданско-правовое воспитание как фактор развития личности // ЧЕЛОВЕК: преступление и наказание. – 2013. – №3 (82). – С. 158-162.

6.Баринов Э.Э. Конституционное правосознание в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. — Ростов-на-Дону, 2001. — 35. с.

7.Вологина Т.В. Правовое воспитание и роль семьи в процессе социализации и формирования норм поведения // Общество и право. – 2014. – №4 (50). – С. 38- 40.

8.Гойман В.И. Действие права (методологический анализ) . – М., 1992. – 287с.

9.Дроздов В.А. Информация как объект исключительного права // Дело и право. – 1996. – №.4. – С.31-40.

10.Зражевская Т.Д. Конституционное право России: итоги современного развития и проблемы // Российское государство и правовая система: современное развитие, проблемы, перспективы. — Воронеж: Воронежского государственного университета, 1999. — С. 80 - 87.

11.Ильин И.А. Общее учение о праве и государстве. О сущности правосознания. Том 4. – М.: РУССКАЯ КНИГА, 1994. – 398с.

12. Исследование ситуации и условий реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан // Аналитический отчет по результатам социологического исследования кафедры социологии Института философии, политологии и права имени А. Бахаваддинов НАН – Душанбе, 2021. – 95 с.

13.Ковалева А.И. Концепция социализации молодежи: нормы, отклонения, социализационная траектория. – М., 2005. -241с.

14.Медушевский, А. Н. Социология права. – М.: ТЕИС, 2006.- 271с.

15.Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.president.tj/node/27417 (дата обращения: 08.10.2024).

16.Шоисматуллоев Ш. Миров Ф.С. Духовная культура как фактор согласия и национального единства // Вестник Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. – №3 (247). – С. 69-75.

**Ҳусаинова Шаҳнура Манноновна**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд
E-mail: khysainova81@mail.ru
**Аҳмадбекова Шоҳина Фурқатовна**
магистранти курси дуюми ДДҲБСТ

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ БАТАНЗИМДАРОРИИ МУЗДИ МЕҲНАТ МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия:** Мақолаи мазкур ба масъалаи асосҳои ҳуқуқии батанзимдарории музди меҳнат мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Муаллиф бар он назар аст, ки асосҳои соҳиб шудан ба музди меҳнат дар заминаи кори иҷрошуда ба миён меоянд ва онро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муайян намудааст.

**Аннотация:** Статья посвящена вопросу правовых основ регулирования заработной платы в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Автор считает, что основания для получения заработной платы возникают на основе выполняемой работы и определяются нормативными правовыми актами.

**Abstract:** This article examines the legal basis for regulating wages in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. The author believes that the basis for receiving wages arises from the work performed and is determined by regulatory legal acts.

**Калидвожаҳо:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, музди меҳнат, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, андозаи музди меҳнат

**Ключевые слова:** Конституция Республики Таджикистан, Трудовой кодекс Республики Таджикистан, заработная плата, нормативные правовые акты, ставка заработной платы.

**Key words:** Constitution of the Republic of Tajikistan, Labor Code of the Republic of Tajikistan, wages, regulatory legal acts, wage rate.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи фаъолияти иқтисодии давлат мустаҳкам гардидааст, ки онҳо ба ҳайси зербинои инкишофи ҳамаи муносибатҳои иқтисодии давлат, аз ҷумла, дар соҳаи ҳуқуқи инсон баромад мекунанд. Дар низоми ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавқеи махсус доранд. Онҳо бо мақсади таъмини ҳимояи одамон ҳамчун шахсиятҳои комил дар асоси консепсияе, ки ба инсон имконияти дар як вақт истифода намудан аз ҳуқуқҳо, озодӣ ва манофеи адолати иҷтимоӣ кафолат медиҳад, арзи ҳастӣ мекунанд.

Моддаи 7-и Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқ ба шароитҳои одилонаи меҳнат, аз ҷумла дар он бо фарогирии подоше, ки ҳадди ақали музди меҳнат ба ҳамаи меҳнаткашон инҳоро таъмин намояд, кафолат медиҳад: музди одилонаи меҳнат ва музди баробар барои меҳнати баробарарзиш бе ягон фарқият, зимнан, ба занон кафолат додани шароити меҳнати на бадтар аз шароитҳое, ки мардон истифода мекунанд, бо музди баробар барои меҳнати баробар; рӯзгузаронии қаноатбахш барои худи онҳо ва оилаҳои онҳо; шароитҳои меҳнати ҷавобгӯи талаботи бехатарӣ ва гигиенӣ; имкониятҳои ба ҳама баробари ишғол кардани вазифаҳои нисбатан баландтар танҳо дар асоси собиқаи меҳнатӣ ва тахассус; истироҳат, фароғат ва маҳдудсозии оқилонаи вақти корӣ ва рухсатии даврии пардохтшаванда, ҳамчунин додани подоши меҳнат дар рӯзҳои ид ва истироҳат [4].

Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи гирифтани музди меҳнат дорад, бинобар ин корфармо, сарфи назар аз вазъияти молиявиаш, вазифадор аст, ки ба корманд музди меҳнат пардохт кунад. Вайрон кардани ҳуқуқи мазкур манъ аст ва ба

корманд барои меҳнати баробар бояд музди баробар дода шавад. Дар ин маврид музди меҳнати пардохтшаванда набояд аз музди ҳадди ақали муқарраркардаи қонун кам бошад [1,с.93]. Музди меҳнати ҳадди ақал кафолати давлатӣ буда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Ба музди меҳнати ҳадди ақал пардохтҳои иловагӣ, иловапулиҳо, мукофотҳо, ҳамчунин пардохти зиёда аз вақти корӣ, ки кормандони ташкилот ва муассиса фаъолият бурдаанд, дохил намешаванд. Вобаста ба шароитҳои табиию иқлимӣ ва дигар омилҳои объективӣ ба музди меҳнат коэффисиенти ноҳиявӣ муқаррар мегардад. Дар ин ҳолат музди меҳнати ҳадди ақал бо истифодаи ин коэффисиент муайян карда мешавад.

Давлат бо мақсади кафолати пардохти саривақтии музди меҳнат нисбати корфармоёне, ки пардохти музди меҳнати кормандонро ба таъхир меандозанд, чораҳои гуногунро пешбинӣ намудааст. Кормандоне, ки барои ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат гунаҳгоранд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Ҳамин тариқ, маҷмӯан ин гурӯҳи ҳуқуқҳо озодии инсонро дар соҳаҳои иқтисодӣ (аз ҷумла ҳуқуқ ба музди меҳнат, ҳуқуқ ба кори баробарарзиш музди баробарарзиш) иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъмин менамоянд ва ба ҳимояи манфиатҳои ҳаётии худ имконият медиҳанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи озодии меҳнатро эълон доштааст, ки асосан тавассути шартномаи (карордоди) меҳнати амалӣ мегардад. Дар навбати худ, озодии меҳнат ва озодона бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ якчанд оқибтҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Баъди бастани шартномаи меҳнатӣ корфармо бояд шароити меҳнатро фароҳам оварда, вақт дар вақташ пурра музди меҳнати кормандро диҳад, корманд бошад дар навбати худ тартиботи дохиларо риоя намуда, вазифаҳои меҳнатиашро иҷро намояд.

Корманд худ баста шудани шартномаи меҳнатиро ба расмият даровварда наметавонад, барои ҳуқуқ ба муди меҳнат пайдо кардан, ки бо ведемости

ҳақдиҳӣ сурат мегирад, ба расмият даровардани шартномаи меҳнатӣ вазифаи корфармо мебошад ва ҳамагуна иддао барои анҷом надодани чунин амал ва барои воқеан ба кор роҳ дода шудани кормандро на ба унвони корманд, балки ба унвони корфармо ирсол намудан зарур аст. Ҳамин тариқ, дар байни корфармо ва корманд ҷой доштани муносибатҳои меҳнатиро на танҳо интишори фармон, инчунин мавҷуд будани дигар аснод, аз ҷумла аризаи корманд бо сабти ризояти корфармо, ведомости ҳақдиҳӣ, ки танзими ҳуқуқии музди меҳнатро собит месозад. Чунин хусусияти шартномаи меҳнатӣ ба ҳифзи манфиатҳои корманд нигаронида шудааст.

Мувофиқи моддаи 102 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон корфармо, сарфи назар аз вазъи молиявиаш уҳдадор аст ба корманд барои кори иҷро намудааш музди меҳнати муқарраршударо пардохт намояд.

Табъиз дар пардохти музди меҳнат манъ аст. Корфармо уҳдадор аст ба корманд барои иҷрои кори баробарарзиш музди меҳнати якхела диҳад [3]. Ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ аст. Андозаи музди меҳнат, ки тарафҳо бо шартномаи меҳнатӣ муайян кардаанд, аз андозаи ҳадди ақали музди меҳнат камтар буда наметавонад.

Дар асоси моддаи зикршуда, корфармо, сарфи назар аз вазъи молиявиаш, вазифадор аст ба корманд барои кори иҷронамудааш музди меҳнатӣ бо шартномаи меҳнатӣ муқарраршударо пардозад. Андозаи музди меҳнат, ки тарафҳо дар вақти бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ муайян кардаанд, аз андозаи муқаррарнамудаи шартномаҳо камтар буда наметавонад.

Тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ корфармо уҳдадор аст, ки ба корманд барои кори иҷронамудааш музд диҳад. Пардохти музди меҳнат бо дарназардошти касбу кор, ихтисос ё вазифаи ишғолкарда, вақти сарфшудаи корманд сурат мегирад.

Дар сурати гузаронидани корманд ба кори каммузд бо сабаби зарурати истеҳсолӣ ва бекористӣ, музди меҳнати ӯ дар ҳаҷми на камтар аз маблағи миёнаи моҳона (маош) пардохта мешавад.

Дар масъалаи гирифтани музди меҳнат кормандони ҷинси мард ва ҷинси зан баробарҳукуқанд, яъне новобаста аз ҷинс ва дигар асосҳо барои меҳнати якхела, музди меҳнати якхела бояд пардохт карда шавад. Ҳангоми тағйир ёфтани шароити меҳнат ва мувaққатан боздоштани истеҳсолот гузаронидани корманд ба кори дигар имконнопазир бошад, корфармо уҳдадор аст, ба ӯ дар ҳаҷми маблағи моҳона (маош) музд диҳад.

Корфармо уҳдадор аст, ки музди меҳнати кормандро сари вақт пурра пардозад. Кафолати давлатӣ дар соҳаи пардохти музди меҳнат ба ҳамаи кормандоне, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ ва шартҳои кироя бо корфармоёни ҳама гуна шакли моликият мебошанд, тааллуқ дошта, сатҳи онро ҳангоми бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ паст кардан мумкин нест.

Поймолкунии ҳуқуқи пардохти музди меҳнат манъ аст. Корфармо вазифадор аст ба корманд барои иҷрои кори баробарарзиш як хел маош диҳад. Ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ аст.

Мафҳуми *музди меҳнат* бори нахуст дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» № 26 аз 17 майи соли 2004 дода шудааст. Музди меҳнат аз ҳиссаҳои доимӣ ва тағйирёбанда иборат аст.

Ҳиссаи доимии музди меҳнат дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ муайян карда мешавад.

Мафҳуми музди меҳнат бо моддаи $102^2$ Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ки музди меҳнат – маҷмӯи подошҳои бо воҳиди пулӣ ҳисобкардашудае, ки корфармо уҳдадор аст онҳоро ба корманди кироя барои корҳои амалан иҷрошуда, ҳамчунин барои он муддате, ки ба вақти корӣ дохил мешавад, пардохт намояд.

Ба фикри мо мафҳуми музди меҳнат ин маҷмӯи муносибатҳое, ки бо муайян намудан ва татбиқи пардохтҳое, ки ба корманд барои кори дар асоси қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва шартномаи меҳнатӣ иҷро намудааст, иборат аст.

Музди меҳнати кормандон вобаста аз миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда муқаррар карда мешавад. Ченаки сарфи меҳнат меъёрҳои меҳнатие, ки (меъёри коркард, меъёри вақт, меъёри хизматрасонӣ) мебошад, ки онҳоро корфармо дар мувофиқа бо мақомоти намояндагии кормандон дар асоси ҳадди ақали музди меҳнат, меъёрҳои таърифӣ ва коэффисентҳои байнидараҷавӣ, мувофиқи комёбии сатҳи техникӣ, технологӣ ва ташкили истеҳсолот, дар ҳолати барои кормандон муҳайё намудани шароити мӯътадили кор муқаррар мекунад.

Андозаи музди меҳнат бо мувофиқаи байни корманд ва корфармо муқаррар карда мешавад. Музди меҳнат камтар аз андозаи ҳадди ақали муқаррарнамудаи давлат буда наметавонад ва бо ягон ҳадди аксар маҳдуд карда намешавад.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**

1. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Душанбе.-Ирфон.-2003.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 [Маводи электронӣ] // Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: URL: http://mmk.tj
3. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли 2016. [Маводи электронӣ] // Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: URL: http://mmk.tj
4. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16.12.1976 / Маводи электронӣ www.anticorruption.tj

**Ҳусаинова Шаҳнура Манноновна**
мудири кафедраи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ
E-mail: khysainova81@mail.ru

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТИ ЗАНОН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Аннотатсия:*** Мақолаи мазкур ба масъалаи танзими ҳуқуқии меҳнати занон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Муаллифи мақола бар он назар аст, ки яке аз сарчашмаҳои асосии танзими ҳуқуқии меҳнати занон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро Конститутсяи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ки давлат баробарии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забон, эътиқоди динӣ, вазъи молу мулкӣ ва иҷтимоӣ ва дигар аломатҳо кафолат медиҳад. Тамоми шаклҳои маҳдудсозии ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз рӯи аломати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ ё эътиқоди динӣ манъ карда шудааст.

***Аннотация:*** Данная статья посвящена вопросу правового регулирования женского труда по законодательству Республики Таджикистан.

Автор статьи считает, что одним из основных источников правового регулирования женского труда является Конституция Республики Таджикистан. Потому что Конституция Республики Таджикистан определила, что государство гарантирует равенство прав и свобод человека независимо от пола, расы, национальности, языка, религиозных убеждений, имущественного и социального положения и других особенностей. Запрещаются все формы ограничения прав граждан по социальным, расовым, национальным, языковым или религиозным признакам.

**Abstract:** This article is devoted to the issue of the source of legal regulation of women's labor under the legislation of the Republic of Tajikistan.

The author of the article believes that one of the main sources of legal regulation of women's labor is the Constitution of the Republic of Tajikistan. Because the Constitution of the Republic of Tajikistan has determined that the state guarantees

equality of human rights and freedoms regardless of gender, race, nationality, language, religious beliefs, property and social status and other characteristics. All forms of restriction of the rights of citizens on social, racial, national, linguistic or religious grounds are prohibited.

**Калидвожаҳо:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, корфармо, кӯмакпулиҳо

**Ключевые слова:** Конституция Республики Таджикистан, Трудовой кодекс Республики Таджикистан, нормативно-правовые акты, работодатель, льготы.

**Keywords:** Constitution of the Republic of Tajikistan, Labor Code of the Republic of Tajikistan, regulations, employer, benefits.

Дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳнати занон ва дигар шахсони ӯҳдадориҳои оилавӣ дошта дар сатҳи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] ҳифз карда шудааст. Конститутсяи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ки давлат баробарии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забон, эътиқоди динӣ, вазъи молу мулкӣ ва иҷтимоӣ ва дигар аломатҳо кафолат медиҳад. Тамоми шаклҳои маҳдудсозии ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз рӯи аломати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ ё эътиқоди динӣ манъ карда шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эълон намудани эътироф, кафолат ва риояи ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби давлат (модддаи 5) ҳимояи ҳуқуқҳои занон ва мардонро дар асосҳои баробар ба роҳ мондааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҷумлаи конститутсияҳои намунавӣ (яке аз озодиҳои инсон аз ҷумлаи конститутсияҳои беҳтарин) дониста шудааст.

Сарчашмаи асосии танзим ҳуқуқии меҳнати занон Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [2].

Зарурияти танзими ҳуқуқии махсус барои занҳо бо сабаби хусусиятҳои психофизиологии онҳо, асосан барои занони ҳомиладор ва занони кӯдакдор пайдо шуд. Хусусияти батанзимдарории кори занон бо меъёрҳои боби 16

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шудааст. Ин меъёрҳо тартиби умумиқабулкардаи батанзимдарории кори ин категорияи кормандонро нигоҳ медорад, ки ба меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Ҳамин тавр, ин боб маҳдудиятҳои меҳнатиеро, ки татбиқи меҳнати занонро иҷозат дода мешавад, пешбинӣ менамояд. Моддаи 216 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ аст бардоштан ва кашонидани (як маротиба) борҳои вазнин мунтазам дар давоми басти корӣ, ҳадди имконпазири вазни бор 7 кг иҷозат дода мешавад ва ғайра.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи чораҳои ҳифзи махсуси ҳуқуқҳои меҳнатии занон ва муҳайё кардани шароитҳои мусоидро мувофиқи хусусиятҳои физиологии онҳо таъминкунандаро пешбинӣ менамояд. Ба онҳо дохил мешаванд: зиёдшавии кафолатҳои модарӣ дар соҳаи бакортаъминкунӣ ва аз кор озодкунӣ, масалан, ҳангоми ба кортаъминкунии занон рад кардан, паст кардани музди маош бо сабабҳои ҳомиладорӣ ва ва доштани фарзандон, манъ шудааст.

Инчунин дар боби мазкур дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳо ва тартиби ба кори дигар гузаронидани зани ҳомила ва заноне, ки кӯдаки то як солу шашмоҳа доранд – моддаи 221 КМ ҶТ, додани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд – моддаи 223 КМ ҶТ, додани рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак – моддаи 224 КМ ҶТ, додани танаффус барои ғизодиҳии кӯдак – моддаи 218 КМ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиботи махсусро муқаррар мекунад ва ба кормандон кафолатҳо оид ба сафари хизматӣ, изофакорӣ, корҳои шабона, кор дар рӯзҳои истироҳат ва идҳои ғайрикорӣ медиҳад. Корфармо ҳуқуқ надорад занони ҳомиладор ва фарзандони то синни 14 доштаро бе розигии хаттии онҳо ба кори шабона, кор дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, изофакорӣ ҷалб намояд, ба сафари хизматӣ фиристонад.

Дар асоси аризаи шахсии зан рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба синни сесолагӣ дода мешавад. Дар вақти рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак то расидани ӯ ба сесолагӣ ба корманд ҷойи кор (мансаб) нигоҳ дошта мешавад. Ин рухсатиро падар, бибӣ, бобои кӯдак, ё парастор, ки дар ҳақиқат нисбати кӯдак ғамхорӣ менамоянд, метавонанд пурра ё қисман истифода баранд, инчунин бо нигоҳ доштани ҷойи кор (мансаб).

Ҳамин тавр, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кори занон ва шахсони ӯҳдадории оилавӣ доштаро ба танзим дароварда, низоми қоидаҳои махсусро мефаҳмонад, ки ҳимояи махсуси занонро дар кор дар тафриқа бо меъёрҳои умумӣ таъмин менамояд.

Муҳофизати модарӣ ва кӯдакӣ оила инчунин аз ҳисоби баланд бардоштани сатҳи ёрии махсуси тиббӣ барои модарон ва кӯдакон, ташкили низоми муассисаҳои томактабӣ, додани кӯмакпулиҳо барои оилаҳои камбизоат, фарзандони маъюб дошта ва кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ барои оилаҳои серфарзанд таъмин карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки айни замон муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷанба ба муқаррароти стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошад. Вале мувофиқи қисми 3 моддаи 11 Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама шакли табъиз нисбат ба занон қонунгузорӣ дар ин ҷода бояд дар партави донишҳои илмию техникӣ ва зарурат мунтазам такмил дода шавад. Яъне, набояд бо дастовардҳо иктифо кард ва мунтазам аз пайи такмили қонунгузорӣ шудан лозим аст.

Ҳоло дар Тоҷикистон маҷмӯи санадҳои ҳуқуқие (баъд аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) амал мекунанд, ки ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои занон ва ё баланд бардоштани нақши онҳо дар ҷомеа равона шудаанд.

Масалан, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа”. Ба мақсади таъмини иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъияти ва идораи давлат, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии зан ва солим гардонидани

генофонди миллӣ, болоравии нақши зан дар таҳкими пояҳои ахлоқию маънавӣ ва сулҳу ваҳдат фармони мазкур қабул шудааст [3].

Моддаи 34-и Каниститутсия модару кӯдакро таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор додааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2011-2015", Барномаи давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлати оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010", Барномаи давлатии "Тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015", Барномаи давлатии "Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007 – 2016", Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ва Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023-2030 аз қабили санадҳои миллӣ дар ин самт мебошанд.

Тибқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" [4] ҳангоми қабул ба кор, болоравӣ дар хизмат, таълими касбӣ, муқаррар намудани низоми меҳнат, инчунин аз кор озод кардани кормандон, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ, талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқ ва кафолатҳои мардону занон ва вазъияти оилавӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Корфармо вазифадор аст барои мардону занон, аз он ҷумла вобаста ба танаффуси иҷозатдодаи қонунгузорӣ дар фаъолияти меҳнатӣ, рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини тифл, адои хизмати ҳарбӣ тибқи даъват, иҷрои дигар вазифаҳои давлатӣ системаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дошта бошад.

Бо баробари кафолатҳо дар қонуни мазкур мусоидат ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ пешбинӣ шудааст. (моддаи 17 Қонуни ҶТ “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо”).

Бо мақсади мусоидат кардан ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ корфармо (роҳбари мақоми давлатӣ, ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият) корҳои зайлро ба ҷо меоварад:

- барои мардону занон ҳангоми бастани шартномаҳои меҳнатӣ имкониятҳои баробар муҳайё менамояд;

- ба мардону занон ҷойҳои (вазифаҳои) холии корро баробар дастрас мегардонад;

- барои мардону занон  ҳангоми иҷрои кори якхела ё коре, ки қиматаш баробар аст, музди меҳнати (мукофоти) баробар медиҳад;

- барои такмили ихтисос, бозомӯзӣ, болоравӣ дар хизмат имконияти баробар муҳайё менамояд;

- шароити якхелаи бехатарии меҳнатро, ки барои ҳаёт ва саломатии ҳам мардон ва ҳам занон зарур аст, таъмин менамояд.

Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2023-2030 ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо”, “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила”, “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030”, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” ва дигар ҳуҷҷатҳои стратегии

соҳаи пешбурди баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани накш ва мақоми зан дар ҷомеа таҳия шудааст.

Барнома ба татбиқи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бартараф намудани нобаробарии гендерӣ мувофиқи принсипҳо ва самтҳои Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон, Эъломияи Пекин ва Барномаи амали он, Ҳадафҳои Рушди Устувор ва иҷрои дигар мақсаду вазифаҳои дорои хусусиятҳои гендерӣ нигаронида шудааст.

Ҳадаф аз қабули санадҳои милли ва байналмилалӣ, татбиқи барномаҳои давлатӣ на танҳо баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа,
инчунин дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ назаррастар кардани фаъолияти занон мебошад. Ҳадаф аз қонунҳои қабулшуда ва таҳияи барномаҳо нишон додани он аст, ки масъалаи маърифатнокии занон дар ҷомеа ҳамеша дар ҷои аввал меистад ва дар ҳамаи давру замон ин масъала дар дараҷаи аввал аст ва ҳал кардани он кафолати пешрафти ҷомеа мебошад.

**АДАБИЁТ:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994. – Душанбе, Паёми Сомониён, 2016
2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 604.
3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» / www.jumhuriyat.tj
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” аз 01.03.2005 / www.mmk.tj

**Абдураҳимзода Сиёвуш Қудратулло**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», Тел.: (+992) 93-767-82-92; E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru

# БАЪЗЕ АНДЕШАҲО ДОИР БА МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Фишурда*** Дар мақолаи мазкур муаллиф дар заминаи истифодаи сарчашмаҳои илмии гуногуни ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин қонунгузории маданӣ доир ба баъзе масъалаҳои муҳимми падидаи мафҳум ва аломатҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори ақида намудааст. Ҳарчанд қонунгузории мадании кишварамон фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (соли 1991) кафолат дода бошад, ҳам вале то ҳол доир ба мафҳум ва аломатҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Тоҷикистон таҳқиқоти илмии алоҳида, хусусан пас аз қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2022) амалӣ нагардидааст. Муаллиф ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот таклифу пешниҳодҳои судманди назариявӣ ва амалӣ баён намудааст, ки онҳо барои боз ҳам равшантар гардидани мафҳум, мақсад, аломатҳо ва вазифаҳои муҳимтарини ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мусоидат хоҳанд кард.

***Калидвожаҳо:*** шахсони ҳуқуқӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маданӣ, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти иловагӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, молу мулк, фаъолияти гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ, фоида ба даст оварда, мақсади асосии фаъолият.

Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ роҳи бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ,

ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, инчунин иҷтимоиро пеш гирифт, ки барои бунёди чунин давлат ва ҷомеа таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ниҳоят муҳим ва саривақтӣ аст. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ гуруҳи калон ва намоёни шахсони ҳуқуқӣ буда, ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар баробари дигар субъектҳои ҳуқуқи маданӣ дар амалӣ намудани вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлат нақши намоён ва арзанда доранд.

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд қонунгузории мадании кишварамон фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (соли 1991) кафолат дода бошад, ҳам вале то ҳол мафҳуми расмии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ на танҳо дар қонунгузории мадании кишварамон, балки умуман дар қонунгузории ҶТ пешбинӣ нагардидааст, ки чунин ҳолат ба андешаи инҷониб холигӣ дар муқаррароти қонунгузории маданӣ мебошад. Чунин холигӣ барои боз ҳам норавшан мондани мафҳум, мақсад, хусусиятҳо ва вазифаҳои фаъолияти ин ташкилотҳо гардида, дар натиҷа боиси ҳанӯз ҳам ба таври зарурӣ ташаккул наёфтани тасаввуроти ҳуқуқии ҷомеа оид ба мавҷудият ва фаъолияти ташкилотҳои мазкур гардидааст.

Чунонки қайд гардид, дар қонунгузории мадании кишварамон мафҳуми расмии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба таври пурра ва мукаммал дода нашудааст. Вале, дар қисми 1 моддаи 50 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 (минбаъд - КМ ҶТ) то як дараҷа оид ба мафҳуми муосири ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ишора шудааст, ки мувофиқи он ташкилотҳое шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ дониста мешаванд, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо ба даст овардани фоида набуда, фоидаро байни иштирокдорон тақсим намекунанд(қисми 1, моддаи 50 КМ ҶТ). Бояд қайд кард, ки чунин тарзи баёни мафҳуми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ на бо мақсади маҳз пешниҳоди мафҳуми расмии ин ташкилотҳо, балки дар омади баёни муқаррароти қонун ва дар заминаи муқоисаи баръакси мақсади асосии фаъолияти онҳо бо ташкилотҳои тиҷоратӣ пешбинӣ гардидааст. Дар адабиёти

ҳуқуқӣ низ доир ба ин ҳолат қайд гардидааст, ки мафҳуми мазкур на дар заминаи тавсифи хусусиятҳои хоси ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, балки дар заминаи муқоисаи манфӣ бо ташкилотҳои тиҷоратӣ муайян гардидааст[5, с.16].

Дар миёни олимони ватанӣ доир ба мафҳуми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Масалан, М.З. Раҳимзода чунин қайд менамояд: «Шахси ҳуқуқие ки ба даст овардани фоида мақсади асосии фаъолияташ намебошад ва фоидаи ба даст овардаро дар байни иштирокчиён тақсим намекунанд, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ эътироф карда мешаванд»[12, с.161].

Дар дигар адабиёти ватанӣ қайд гардидааст, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ яке аз навъҳои шахсони ҳуқуқӣ ба шумор мераванд, ки қобилияти машғул шудан ба фаъолияти тиҷоратиро надоранд ё машғул шудан ба чунин фаъолият танҳо бо назардошти комёб гаштан ба ҳадафҳои оинномавии онҳо имконпазир мебошад[1, с.46-47].

Ба ақидаи О.П. Кашковский ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ташкилоте мебошанд, ки барои ноил гардидан ба мақсадҳои таълимӣ, хайриявӣ, фарҳангӣ, илмӣ, идоракунӣ ва дигар мақсадҳои фоиданоки ҷамъиятӣ таъсис дода мешавад ва даромади бадастовардаи худро дар байни муассисон (иштирокчиён, аъзоён) тақсим наменамоянд[6, с.8-9].

Ба ақидаи дигар, қайд гардидааст, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ барандаи ҳуқуқҳои муайяни субъективӣ ва ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дорои моликияти алоҳидаи таҳти ҳуқуқи моликият ё идораи оперативӣ буда, фоидаи ба даст оварданро мақсади асосии фаъолияти худ ва ҳуқуқи тақсими фоидаи бадастовардаро низ дар байни иштирокчиёни хеш надорад[17, с.13-32].

Ба андешаи чорумин бошад, шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратиро ҳамчун субъекти ҳуқуқи гражданӣ, ки муассисон тибқи қонун барои мақсадҳои муайян, хусусан барои ноил гардидан ба неъматҳои ҷамъиятӣ, ки онҳо самти

иҷтимоӣ доранд, аниқтараш барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ таъсис додаанд, муайян кардан мумкин аст[7, с.9].

Дар дигар адабиёт низ қайд гардидааст, ки шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ташкилотҳои дорои молу мулки мустақил мебошанд, ки барои қонеъ гардонидани мақсадҳои фоиданоки иҷтимоӣ (идоравӣ, иҷтимоӣ, хайриявӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва ғайра) таъсис ёфта, фоидаро ҳадафи асосии фаъолияти худ намегузоранд ва фоидаро дар байни иштирокчиёни худ тақсим намекунанд ва аз руи уҳдадориҳои худ масъулияти гражданӣ доранд, дар муомилоти гражданӣ мустақилона амал мекунанд, ҳуқуқҳои гражданӣ ба даст меоваранд ва барои худ уҳдадориҳоро ба вуҷуд меоваранд[4, с.62].

Дар ҷои дигар бошад, чунин қайд гардидааст: «Ташкилоти ғайритиҷоратӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ барандаи ҳуқуқҳои муайяни субъективӣ ва ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дорои молу мулки алоҳида дар ҳуқуқи моликият ё идораи оперативӣ буда, фоида ба даст оварданро мақсади асосии фаъолияти худ ва ҳуқуқи тақсим намудани фоидаи бадастовардаро дар байни иштирокчиён надоранд»[16, с.8-9].

Маълум аст, ки ҳар як мафҳуми падидаи ҷамъиятӣ аз сохторҳои(унсурҳои) таркибии муайян иборат аст, ки ин сохторҳо (унсурҳо) бозгӯи аломатҳои (хусусиятҳои) муҳимтарини ҳастӣ ва фаъолияти ин ё он падидаи ҷамъиятии дахлдорро ташкил медиҳанд. Аз ин дидгоҳ, ба андешаи мо, ба сохторҳои (унсурҳои) таркибии мафҳуми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки онҳо аломатҳои (хусусиятҳои) муҳимтарини ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ташкил медиҳанд, чунин сохторҳо (унсурҳо) дохил мебошанд:

*1.Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, субъекти мустақили ҳуқуқи маданӣ.* Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ чунонки қайд гардид, пеш аз ҳама шахси ҳуқуқӣ буда, вобаста ба ин ҳамчун субъекти мустақил дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ баробари дигар субъектҳо барои ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолияти худ тавассути амалӣ намудани вазифаҳои ба

зиммадоштаи худ иштирок намуда, дар натиҷа ҳам талаботи худ ва ҳам талаботи давлат ва ҷомеаро қонеъ менамоянд.

*2.Ба сифати мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ баромад намудан.* Ҳар як шахси ҳуқуқӣ, хусусан ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ бо мақсади асосии муайяни фаъолият таъсис дода шуда, барои ноил гардидан ба он вазифаҳо ва функсияҳои мушаххасро, ки онҳо дар қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсисии худ пешбинӣ гардидааст, амалӣ менамоянд. Тамоми шахсони ҳуқуқӣ дар қисми 1 моддаи 50 КМ ҶТ вобаста ба мақсади асосии фаъолияти худ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо гардидааст, ки мувофиқи он агар мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратӣ ба даст овардани фоида ва тақсими чунин фоидаи ба дастоварда дар байни иштирокчиёни худ бошад, пас мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бошад, на ба даст овардани фоида ва тақсими фоидаи ба даст оварда дар байни иштирокчиён аст. Аз ин ҷо, маълум мешавад, ки КМ ҶТ мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар муқоиса бо мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратӣ муқаррар накардааст, ки чунин ҳолат то як дараҷа боиси номуайян ва норавшан мондани мақсади асосии фаъолияти онҳо гардидааст.

Пас савол аз он иборат аст, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо чист? Аз муқаррароти қонунгузории алоҳидаи марбут ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва мафҳумҳои илмии овардашуда, инчунин таҷрибаи фаъолияти онҳо маълум мешавад, ки мақсади асосии фаъолияти ин ташкилотҳо амалӣ намудани фаъолияти гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ, хусусан иҷтимоӣ, хайриявӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, илмӣ ва амсоли инҳо мебошад. Вале, мутаассифона чунин ҳолат то ҳол дар КМ ҶТ ҳамчун қонуни кодификатсионии соҳавӣ, ки ба тамоми қонунгузории соҳаи ҳуқуқи маданӣ паҳн мешавад, муқаррар нагардидааст. Ин дар ҳолест, ки КМ ҶТ дар моддаи 50 мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратиро ба таври аниқ, кушод ва равшан ба даст овардани фоида ва тақсими фоидаи ба даст оварда дар байни иштирокчиёни он муқаррар кардааст.

Бино бар ин, бо мақсади равшантар гардидани мафҳум, мақсад ва хусусиятҳои фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пешниҳод мешавад, ки қисми 1 моддаи 50 КМ ҶТ дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Ташкилотҳое шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ мебошанд, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо ба даст овардани фоида ва тақсими фоида дар байни иштирокчиёни хеш мебошад. Ташкилотҳое шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ мебошанд, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо на ба даст овардани фоида, балки амалӣ намудани фаъолияти гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ буда, фоидаи ба даст овардаро дар байни иштирокчиёни хеш тақсим наменамоянд».

Аз ин ҷо савол ба миён меояд, ки мафҳуми фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ чист? Чунин мафҳум дар қонунгузории амалкунандаи кишварамон пешбинӣ нашудааст. Ба андешаи мо, фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ чунин намуди алоҳидаи фаъолияте мебошад, ки он на хусусияти иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ дошта, пеш аз ҳама, ба рушди зеҳнӣ ва инкишофи ҷисмонии шахсияти инсон, инчунин амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ идоракунӣ ва амсоли инҳо равона гардида, таҳти маҳдудият ва назорати махсуси мақоми ваколатдори давлатӣ қарор дорад.

*3.Ба даст овардани фоида мақсади асосии фаъолияти онҳо набудан ва фоидаи ба даст овардаро дар байни иштирокчиёни хеш ҳуқуқи тақсим кардан надоштан.* Ба фаъолияти даромаднок машғул шудани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ сабабҳои гуногун дорад, ки ба онҳо маблағгузории нокифояи муассис (муассисон) ба фаъолияти онҳо, зарурат пеш омадан барои амалигардонии мақсади асосии фаъолияти онҳо ва амсоли инҳо дохил аст. Вобаста ба ин, КМ ҶТ ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо то ҳадде ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқи машғул шудан доранд, ки ин фаъолият барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур аст(қисми 4, моддаи 50 КМ ҶТ). Барои ин ташкилотҳо машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ на уҳдадориии онҳо, балки ҳуқуқи онҳо ба ҳисоб меравад. Чунонки М.З. Раҳимзода қайд менамояд: «Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ уҳдадор намебошад, ки ба ҳайси иштирокчии

фаъолияти соҳибкорӣ баромад намояд, зеро қонун ба ҳайси мақсади асосӣ на ба даст овардани фоида, балки дигар мақсадро муқаррар менамояд. Барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ иштирокчии фаъолияти соҳибкорӣ будан ҳуқуқ, на удадории онҳо мебошад»[12, с.163].

Ҳамин тавр, машғул шудани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар шаклҳои бевосита ва бавосита амалӣ карда мешавад, бояд ба ду шарт яке, барои ноил гардидан ба мақсадҳои асосии онҳо хизмат намояд ва дигаре ба мақсадҳои оинномавии онҳо мутобиқ ва ҷавобгу бошад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки фоидаи аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бояд маҳз барои ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолияти онҳо равона карда шавад.

Қонунгузор низ нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади дар доираи ҳаҷм ва мазмуни қобилияти ҳуқуқдории хеш амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, ки барои ба таври дахлдор ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолияти онҳо равона гардидааст, маҳдудиятҳои муайян муқаррар кардааст. Нисбати намуди фаъолияти иловагии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ҳоло дар моддаи 50 КМ ҶТ ба таври умумӣ фаъолияти соҳибкорӣ, вале, дар қисми 2 моддаи 339 КМ ҶТ фаъолияти иловагии муассиса даромаднок зикр гардидааст, пешниҳод мешавад, ки дар қисми 4 моддаи 50 КМ ҶТ намуди фаъолияти иловагии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ на фаъолияти соҳибкорӣ, балки фаъолияти даромаднок номида шавад. Дар баробари фаъолияти асосӣ, инчунин дар як вақт ба фаъолияти иловагӣ низ машғул шудани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ яке аз мавзуҳои ниҳоят баҳснок ва доманадор буда, таҳқиқоти алоҳидаро талаб ва тақозо менамояд.

*4.Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дорои гуногунии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ба худ хос буда, онҳо ҳанӯз кушода ва номукаммал мебошанд.* Масъалаи мазкур дар моддаи 50 КМ ҶТ танзим гардидааст, ки мувофиқи он ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар панҷ шакли зерин: кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ, муассисаҳо, фондҳо, инчунин дар дигар шаклҳои муқарраркардаи қонун таъсис дода

мешаванд[8]. Ҳоло КМ ҶТ номгуи ягонаи мукаммал ва аниқи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро муқарррар накарда, имкони боз ба вуҷуд омадани дигар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии онҳоро низ кафолат додааст. Аз ин рӯ, ҳоло вазифаи қонунгузор аз он иборат аст, ки он бояд маҳаки дақиқи фарқгузории номгӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро муқаррар намуда[13, с.1] ба имкони боз ба вуҷуд омадани дигар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо хотима диҳад[14, с.7]. Зарурати коркарди аниқи номгӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Консепсияи рушди қонунгузории граждании ҶТ низ таъкид гардидааст[9, с.141]. Доир ба номгӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ масъалаҳои баҳсталаб зиёд буда, онҳо таҳқиқоти иловагиро талаб ва тақозо менамоянд.

*5.Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании махсус мебошанд.* Маълум аст, ки ҳар як шахси ҳуқуқӣ барои ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолияти худ бояд пеш аз ҳама, дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ иштирок намояд, ки чунин иштироки онҳо маҳз дар заминаи соҳибҳуқуқии мадании (қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии) дахлдор будани онҳо имконпазир аст. Бинобар ин, КМ ҶТ муқаррар намудааст, ки шахси ҳуқуқӣ метавонад мутобиқи мақсадҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисияш пешбинигардида ҳуқуқҳои маданӣ ва вобаста ба ин фаъолият ухдадориҳо дошта бошад(қисми 1, моддаи 49).

Чунонки қайд гардид, ташкилотҳои мазкур дар баробари мақсади асосии фаъолияти худ, ки амалӣ намудани фаъолияти гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ аст, инчунин ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро низ доранд. Пас савол пайдо мешавад, ки онҳо дар як вақт дар баробари мақсади асосии фаъолияти худ боз чи гуна ҳуқуқи ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан доранд? Онҳо барои ба мақсади асосии фаъолияти худ халал нарасонидан фаъолияти соҳибкории худро бояд дар кадом доира амалӣ намоянд? Оё ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани онҳо боиси халал расонидан ба фаъолияти асосии онҳо намегардад? Чунонки дар боло ишора

шуд, КМ ҶТ машғул шудани ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ба фаъолияти соҳибкорӣ, бо риояи ду шарт яке, барои ноил гардидан ба мақсадҳои асосии онҳо хизмат намояд ва дигаре ба мақсадҳои оинномавии онҳо мутобиқ ва ҷавобгу бошад(моддаи 50) муқаррар кардааст.

Тавассути КМ ҶТ нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқаррар кардани шартҳои номбаршудаи амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ маҳз барои ба мақсади асосии фаъолияти худ халал нарасонидан ва ноил гардидан ба он равона гардидааст, ки чунин ҳолат ба ҳаҷм ва мазмуни қобилияти ҳуқуқдории махсуси онҳо ишора менамояд. Қобилияти ҳуқуқдории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз ҳар як субъекти дорандаи худ тақозо менамояд, ки ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ он бояд барои ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолият на танҳо халал нарасонад, балки ба он мусоидат ва хизмат намояд. Баъзе муаллифон муҳиммияти қобилияти ҳуқуқдориро дар ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳо ба назар гаирифта пешниҳод намудаанд, ки он ҳамчун аломати мустақили ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дониста шавад[3]. Таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳамаи ин ташкилотҳо бо назардошти талаботи қобилияти ҳуқуқдории худ ба фаъолияти соҳикборӣ машғул мешаванд. Дар ҳақиқат, ҳоло яке аз масъалаҳои ташвишовар маҳз дар доираи ҳаҷм ва мазмуни қобилияти ҳуқуқдории худ амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аст.

*6.Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дорои молу мулки ба худ хос мебошанд.* Падидаи дигар, ки он дар мафҳуми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ қайд гардидааст, доштани молумулки муайян дар ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи идоракунии оперативӣ аст. Дар ҳақиқат, барои иштирок намудани ҳар як субъекти ҳуқуқи маданӣ дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ доштани молумулки муайян низ дар ҳуқуқи дахлдори ашё ниҳоят муҳим ва зарур мебошад. Чунонки Е.В. Шаклеина барҳақ қайд менамояд: «Барои амалигардонии мақсадҳои оинномавӣ шахси ҳуқуқӣ бояд дорои молу мулк дар маънои васеи ин калима бошад»[17, с.39]. Бояд қайд кард, ки таркиби молу мулки ҳар як

субъекти ҳуқуқи маданӣ аз ҷумла, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ бояд ба мақсади асосии фаъолияти онҳо мувофиқ ва ҷавобгӯ бошад. Доштани молу мулк дар ҳуқуқи дахлдори ашё заминаи ниҳоят муҳим, инчунин шарти ҳатмии иштирок ва пойдории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Ҳарчанд, дар таҳқиқотҳои илмӣ ҳуқуқи ашёии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи идоракунии оперативӣ қайд гардида бошад, ҳам вале, КМ ҶТ дар муқаррароти марбут ба шаклҳои алоҳидаи ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба таври мушаххас намуди ҳуқуқи ашёии онҳоро пешбинӣ накардааст. КМ ҶТ дар моддаи 279 ҳуқуқи моликият доштани ҳар як субъектро муқаррар карда, дар моддаи 332 бошад, ба субъектҳои ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ танҳо корхонаи воҳиди давлатиро номбар карда, дар моддаи 337 бошад, субъектҳои ҳуқуқи идоракунии оперативиро аз корхонаи махсус ва муассиса иборат донистааст. Аз ин дидгоҳ, ба хулоса омадан мумкин аст, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ нисбат ба молу мулк метавонанд, танҳо ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи идоракунии оперативӣ дошта бошанд. *7.Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муфлис эътирофшуда дониста намешаванд.* Маълум аст, ки агар арзиши молу мулки шахси ҳуқуқӣ барои қонеъ намудани талаботи кредиторон кофӣ набошад, онро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳамчун муфлис барҳам додан мумкин аст(қ.6, м.62 КМ ҶТ). Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 66 КМ ҶТ бошад, муассиса, фонд ва ташкилоти динӣ ҳамчун шаклҳои алоҳидаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муфлис эътироф карда намешаванд. Ҳамин тавр, муфлис эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ, ки боиси барҳам додани он мегардад, ба муассиса, фонд ва ташкилоти динӣ ҳамчун шаклҳои алоҳидаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дахл надорад.

Доир ба аломатҳои фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун баён гардидааст. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ таъкид гардидааст, ки тарзи аз ҳама муносиб ва мувофиқ барои муайян кардани аломатҳои шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ муқоисаи онҳо бо шахсони

ҳуқуқии тиҷоратӣ аст. Ба андешаи А.В. Егоров ба аломатҳои асосии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аввал, дар дилхоҳ шаклҳое, ки на танҳо Кодекси граждани, балки дигар қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст, ташкил гардидани онҳо; қобилияти ҳуқуқдории махсус доштани онҳо; муфлис эътироф нагардидани онҳо; тибқи қоидаи умумӣ молики молу мулки худ ба ҳисоб рафтани онҳо; ҳангоми барҳамдиҳӣ молу мулке, ки пас аз қонеъ намудани талаботи кредиторон боқӣ мондааст, агар қонунгузорӣ тартиби дигарро муқаррар накарда бошад, он ба мақсадҳои таъсиси ин ташкилотҳо равона карда мешавад[4, с.47-48].

А.В. Меняев чунин ақида дорад, ки ба аломатҳои асосии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мавҷудияти қобилияти ҳуқуқдории махсус, ба сифати мақсади асосии фаъолияти онҳо ба даст овардани фоида баромад накардан ва ҳуқуқ надоштани иштирокчиёни ташкилот барои тақсим кардани фоидаи ба даст оварда, инчунин гуногунии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дохил аст[10, с.13].

Ба андешаи Е.Ю. Валявина бошад, ба аломатҳои (хусусиятҳои) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ қобилияти ҳуқуқдории махсус, ба даст овардани фоида ба сифати мақсади асосии фаъолият набудан, маҳдудияти имконияти амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ, манъи тақсими фоидаи ба даст оварда дар байни иштирокчиён, хусусияти мақсадноки истифодаи молу мулке, ки ҳангоми барҳамдиҳии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ боқӣ мондааст, инчунин гуногунии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дохил аст[2, с.8].

Т.В. Сойфер ба аломатҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо мавҷудияти мақсади асосии фаъолият, ки он ба гирифтани фоида алоқаманд нест ва надоштани қобилияти тақсими фоидаи ба даст овардаро дар байни иштирокчиён дохил намудааст[15].

Т.А. Нуждин бошад, ба масъалаи аломатҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти ҳуқуқи мадании ватанӣ чунин аломатҳои асосии ин ташкилотҳо номбар

шудааст: ба даст овардани фоида ҳамчун мақсади асосии фаъолият набудан, манъи тақсими фоидаи ба даст оварда дар байни иштирокчиён, имкони таъсиси ташкилотҳо на танҳо дар шаклҳои муқарраркардаи кодекс, балки дар он шаклҳое, ки қонунҳо низ муқаррар кардаанд, соҳибҳуқуқии махсус, хусусияти мақсадноки истифодаи молу мулк, ки ҳангоми барҳамхурӣ боқӣ мондааст[11].

Ҳамин тавр, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ яке аз субъектҳои фаъол ва намоёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ буда, онҳо дар амалӣ намудани фаъолияти гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ, ки дар маҷмӯъ ба амалӣ гардидани вазифаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат равона гардидаанд, нақши ниҳоят муҳим доранд. Чун мавзӯи таҳқиқоти мазкур бори нахуст мавриди таҳлил ва омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст, аз ин рӯ, он аз камбудию норасоиҳо холӣ набуда, дар оянда аз нав мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиши илмӣ қарор додани паҳлуҳои норавшани он ба манфиати кор мебошад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур ба чунин хулоса омад:

1.КМ ҶТ мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар муқоиса бо мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратӣ муқаррар накардааст, ки чунин ҳолат то як дараҷа боиси номуайян ва норавшан мондани мақсади асосии фаъолияти онҳо гардидааст. Мақсади асосии фаъолияти ин ташкилотҳо амалӣ намудани фаъолияти гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ, хусусан иҷтимоӣ, хайриявӣ, фарҳангӣ таълимӣ, илмӣ ва амсоли инҳо мебошад. Бино бар ин, бо мақсади равшантар гардидани мафҳум, мақсад ва хусусиятҳои фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пешниҳод мешавад, ки қисми 1 моддаи 50 КМ ҶТ дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Ташкилотҳое шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ мебошанд, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо ба даст овардани фоида ва тақсими фоида дар байни иштирокчиёни хеш мебошад. Ташкилотҳое шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ мебошанд, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо на ба даст овардани фоида, балки амалӣ намудани фаъолияти гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ буда, фоидаи ба даст овардаро дар байни иштирокчиёни хеш тақсим наменамоянд».

2.Фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ чунин намуди алоҳидаи фаъолияте мебошад, ки он на хусусияти иқтисодӣ, балки хусусияти ғайрииқтисодӣ дошта, пеш аз ҳама, ба рушди зеҳнӣ ва инкишофи ҷисмонии шахсияти инсон, инчунин амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ идоракунӣ ва амсоли инҳо равона гардида, таҳти маҳдудият ва назорати махсуси мақоми ваколатдори давлатӣ қарор дорад.

3.Машғул шудани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар шаклҳои бевосита ва бавосита амалӣ карда мешавад, бояд ба ду шарт яке, барои ноил гардидан ба мақсадҳои асосии онҳо хизмат намояд ва дигаре ба мақсадҳои оинномавии онҳо мутобиқ ва ҷавобгу бошад. Нисбати намуди фаъолияти иловагии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ҳоло дар моддаи 50 КМ ҶТ ба таври умумӣ фаъолияти соҳибкорӣ, вале, дар қисми 2 моддаи 339 КМ ҶТ фаъолияти иловагии муассиса даромаднок зикр гардидааст, пешниҳод мешавад, ки дар қисми 4 моддаи 50 КМ ҶТ намуди фаъолияти иловагии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ на фаъолияти соҳибкорӣ, балки фаъолияти даромаднок номида шавад.

4.Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ чунин шахсони ҳуқуқии дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании махсус мебошанд, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, ба даст овардани фоида мақсади асосии фаъолияти онҳо набуда, фоидаи ба даст овардаро дар байни иштирокчиёни худ тақсим наменамоянд.

5.Дар натиҷаи таҳқиқот чунин аломатҳои фарқкунандаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ нисбат ба ташкилотҳои тиҷоратӣ муайян карда шуд: 1.Дорои мақсади асосии фаъолияти худ аст, ки он барои ба даст овардани фоида алоқамандӣ надорад; 2.Ҳуқуқи тақсим кардани фоидаи ба даст овардаро дар байни иштирокчиёни худ надоштан ва фоидаи ба даст овардаро барои ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолияти ин ташкилотҳо равона кардан; 3.Дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании махсус мебошанд, ки мазмуни онро мақсади мушаххаси фаъолияти ин ташкилотҳо муайян менамояд. 4.Дорои ҳуқуқи молу мулкӣ танҳо дар ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи идоракунии

оперативӣ аст; 5.Гуногунӣ ва сершумории шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

## АДАБИЁТ:

1.Асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ. Воситаи таълимӣ. Муҳаррири масъул д.и.ҳ., профессор, Арбоби хизматнишондодаи илм ва техникаи ҶТ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон Ш.М. Исмоилов – Душанбе: 2011. – С.46-47.
2.Валявина Е.Ю. Развитие законодатеьства о некоммерческих организациях // Журнал российского права. –2009. – №1. – С.8.
3.Дацко Р.А. К вопросу о понятии и признаках некоммерческих организаций в гражданском законодательстве РФ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://elibrary.ru/download/elibrary_27597908_41640298.pdf (санаи муроҷиат: 17.07.2024).
4.Егоров А.В. Учреждения как некоммерческие юридические лица по гражданскому праву России: дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград: 2006. – С.62.
5.Костенко Н. В. Гражданско-правовое регулирование деятельности некоммерческих организаций в Российской Федерации. дисс. ... канд. юрид. наук. – Омск: 2003. – С.16.
6.Кашковский О.П. Правовое регулирование предпринимательской деятельности некоммерческих организаций: дис. … канд. юрид. наук. – Москва: 2000. – 8-9.
7.Краснопольская Е.А. Гражданско-правовое регулирование деятельности автономной некоммерчсекой организации в Российской Федерации. Автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва: 2006. – С.9.
8.Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022. №1918 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 24.07.2024).
9.Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – 2014. – № 2 (14). – С. 141.
10.Меняев А.В. Правовое положение и система некоммерческих организаций в Российском гражданском праве. дис. … канд. юрид. наук.– Самара 2010 – С.13.
11.Нуждин Т.А. Некоммерческие организации как субъекты гражданского права: проблемы теории и практики // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/nekommercheskie-organizatsii-kak-subekty-grazhdanskogo-prava-problemy-teorii-i-praktiki (санаи муроҷиат: 22.07.2024).
12.Раҳимзода М.З. узви вобастаи АМИТ, д.и.ҳ., профессор, Арбоби илм ва техникаи ҶТ. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография. – Душанбе: 2023 – С.161.

13.Серова О. А. Концепция развития гражданского законодательства и права участников юридических лиц // Цивилист. – 2010. – №2. – С.1.
14.Суханов Е. А. О Концепции развития законодательства о юридических организациях. // Журнал российского права. – 2010. – №1. – С.7.
15.Сойфер Т.В. Деятельность некоммерческих организаций: реалии и перспективы // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://elibrary.ru/download/elibrary_16903764_80578591.pdf (санаи муроҷиат: 22.07.2024).
16.Хубецов М.Я. Государственный контроль за соблюдением законодательства некоммерческими организациями РФ: дис. … канд. юрид. наук. – Владикавказ: 2010. – 8-9.
17.Шаклеина Е.В. Гражданско-правовой статус некоммерческих организаций: дис. … канд. юрид. наук. – Москва: 2006. – С.13 - 32.

**Аҷиков Алихон Нуруллоевич**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға: кӯчаи Марказӣ 25, н. Данғара.
Тел: (+992) 908999366;

## МЕХАНИЗМҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди низоми миллии давлатдории худро дар тамоми соҳаҳои ҳаётии ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дод. Ислоҳот ва тағйироти марбут ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ бо дарназардошти арзишҳои миллӣ боз ба таври марҳилавӣ ва муттасил татбиқ мегардиданд. Истиқлолият имконият фароҳам овард, ки низоми давлатдорӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи иродаи соҳибихтиёрии миллӣ ташаккул ёбад. Ин шароит зарурати рушди қонунгузории миллӣ, хусусан дар соҳаи иқтисод, ки нақши калидӣ дар раванди ташаккули низоми давлатдорӣ ва рушди устувори он дорад, ба миён овард. Дар сатҳи конститутсионӣ пешбини гардидани гуногуншаклии моликият,

баробарҳуқуқӣ ва кафолати ҳифзи он аз ҷониби давлат, инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди рушди иқтисоди озод ва соҳибкорӣ, ҳамчунин дастгирии давлатии он, ба инкишофи бозори миллӣ ва ташаккули иниститутҳои алоҳидаи иқтисодиву молиявӣ, аз ҷумла суғурта, мусоидат менамояд, ки дар маҷмӯъ заминаи мустаҳкам барои таҳкими иқтисоди миллиро фароҳам месозад[3].

Бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дошта, дар самти таъмини ҳимояи молиявии шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидорӣ ва давлат нақши муҳим мебозад. Бо вуҷуди пешрафт, дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва гузариши муносибатҳои иқтисодӣ ба шакли электронии идоракунӣ, ки ба ташаккули иқтисоди рақамӣ мусоидат менамояд, бозори суғуртаи кишвар низ зери таъсири ҷиддӣ қарор гирифтааст. Ин раванд зарурати мутобиқгардонии фаъолияти бозори суғурта бо талаботи замони муосирро ба миён овардааст. Бо назардошти мушкилоти мавҷуда, аз қабили нокифоягии қонунгузорӣ, ношаффофӣ ва маҳдудияти захираҳо, зарур аст, ки механизмҳои ҳуқуқии муассир таҳия ва ҷорӣ карда шаванд. Такмили қонунгузорӣ яке аз роҳҳои асосии расидан ба ин ҳадаф аст, зеро он заминаи ҳуқуқиро барои фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муштариён муайян мекунад.

Таҳлили қонунгузории суғурта нишон медиҳад, ки вобаста ба шароити имрӯза номутобиқатӣ, омехтагӣ ва ношафофии меъёрҳои соҳа ба мушоҳида мерасанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бозори суғурта инкишоф ёфта истодааст санадҳои меъёрии соҳа мураттаббу бонизом бошанд ва истилоҳоти он боз ҳам устувору омафаҳм гардонида шаванд[1, с. 35].

Мутобиқгардонии бозори хизматрасониҳои суғуртаӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити муосир тақозо менамояд, ки роҳу механизмҳои ҳуқуқии он мавриди коркард қарор дода шуда ба татбиқу иҷрои самаранокии он мусоидат намояд. Аз ин рӯ зарур аст, дар мақолаи мазкур санадҳои ҳуқуқии соҳаи суғуртаро мавриди барассӣ ва таҳлил қарор диҳем.

Кодекси маданӣ аз 24 декабри соли 2022 № 1918 дар Боби 53 (моддаҳои 1040-1084) асосҳои ҳуқуқии суғуртаро муқаррар мекунад, аммо ин муқаррарот барои мутобиқ шудан ба талаботи муосир ниёз ба такмил доранд. Масалан, моддаи 1053 шакли хаттии шартномаҳои суғуртаро ҳатмӣ медонад, ки дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ як монеаи ҷиддӣ эҷод мекунад[2]. Барои ҷорӣ кардани суғуртаи электронӣ, ки дар ҷаҳони муосир васеъ истифода мешавад, зарур аст, ки ба ин модда қисми нав илова карда шавад. Ин қисм бояд имкони бастани шартномаҳо тавассути платформаҳои онлайн ва тасдиқи онҳо бо имзои электрониро пешбинӣ кунад.

Таҷрибаи Қазоқистон дар ин самт хеле муфид аст. Дар он ҷо соли 2019 суғуртаи онлайн расман ҷорӣ шуд, ва тибқи омори расмӣ, то соли 2023 зиёда аз 40% шартномаҳои суғурта тавассути интернет баста шуданд. Ин на танҳо дастрасии хизматрасониро барои аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои дурдаст, осон кард, балки хароҷоти маъмурии ширкатҳоро то 15% коҳиш дод. Дар Тоҷикистон, ки дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ дар деҳот маҳдуд аст, ҷорӣ кардани суғуртаи электронӣ метавонад сатҳи фарогирии суғуртаро аз 5% (ҳолати кунунӣ) дар тӯли 3-5 сол то 15-20% афзоиш диҳад.

Ҳамчунин, моддаи 1056, ки қоидаҳои суғуртаро танзим мекунад, бояд бо талаботи ҳатмии тасдиқи ин қоидаҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) ғанӣ гардад. Ин тағйирот шаффофияти фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ ва ҳимояи манфиатҳои муштариёнро таъмин мекунад. Масалан, дар Эстония, ки технологияҳои рақамӣ дар бозори суғурта васеъ истифода мешаванд, тасдиқи қоидаҳои суғурта аз ҷониби мақомоти танзимкунанда қаллобиро то 20% коҳиш дод. Дар Тоҷикистон низ чунин механизм метавонад эътимод ба бозорро афзоиш диҳад.

Қонуни "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" аз 23 июли соли 2016 № 1349 низ бояд такмил ёбад[6]. Ин қонун бояд бо муқаррароти мушаххас оид ба ҳисоботдиҳии оммавии ширкатҳо ва истифодаи технологияҳои блокчейн барои шаффофияти шартномаҳо ғанӣ гардад. Блокчейн, ки дар кишварҳое чун Ҳиндустон ва Сингапур барои идораи шартномаҳои суғурта истифода

мешавад, метавонад дар Тоҷикистон барои коҳиши қаллобии суғуртавӣ ва суръат бахшидан ба пардохти ҷубронҳо мусоидат кунад. Масалан, дар Ҳиндустон истифодаи блокчейн дар суғуртаи кишоварзӣ вақти пардохти ҷубронҳоро аз 30 рӯз ба 7 рӯз коҳиш дод.

Устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ яке аз омилҳои асосии таъмини эътимод ба бозори суғурта дар Тоҷикистон аст. Дар ҳолати кунунӣ, талабот ба сармояи оинномавӣ, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020 № 211 муқаррар шудааст, нокифоя аст[5]. Ин сармоя барои муқовимат бо хавфҳои молиявӣ ва таъмини пардохтҳои суғуртавӣ дар шароити бӯҳрон кофӣ нест.

Моддаи 1060-и Кодекси мадании маблағи суғуртаро муайян мекунад, аммо барои баланд бардоштани устуворӣ зарур аст, ки модели риск-ориентир ҷорӣ карда шавад. Ин модел, ки дар Иттиҳоди Аврупо бо номи Solvency II маъруф аст, сармояи ширкатҳоро мувофиқи хавфҳои воқеии онҳо муайян мекунад. Дар Иттиҳоди Аврупо пас аз ҷорӣ шудани ин модел дар соли 2016, ширкатҳои суғуртавӣ сармояи худро ба ҳисоби миёна 30% афзоиш доданд, ва муфлисшавии онҳо то 12% коҳиш ёфт. Дар Тоҷикистон, ки бозор ҳанӯз рушдёбанда аст, ин механизм метавонад хавфи нокомии ширкатҳоро коҳиш диҳад.

Қарори Раёсати БМТ аз 6 августи соли 2021 № 129[4] ҷойгиркунии захираҳоро танзим мекунад, аммо он бояд бо талаботи қатъӣ оид ба диверсификатсияи сармоягузориҳо такмил ёбад. Дар Русия, масалан, талабот ба диверсификатсия боиси он шуд, ки дар соли 2022 зиёда аз 60% захираҳои суғуртавӣ дар асбобҳои молиявии гуногун ҷойгир шуданд, ки устувориро дар шароити бӯҳрон таъмин кард. Дар Тоҷикистон, ки захираҳо аксар вақт дар амволи ғайриманқул мутамарказ шудаанд, диверсификатсия метавонад хавфҳоро паҳн кунад.

Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) ҳамчун мақоми танзимкунанда нақши калидӣ дар таъмини шаффофият ва устувории бозори суғурта дорад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017 № 851 назоратро ба

БМТ супоридааст, аммо маҳдудияти захираҳо ва кадрҳо монеа эҷод мекунад. Барои муассир гардидани назорат, БМТ бояд бо мутахассисони баландихтисос ва технологияҳои муосир, аз қабили нармафзорҳои таҳлили молиявӣ, таъмин гардад.

Истифодаи технологияҳои муосир, аз қабили суғуртаи электронӣ ва блокчейн, низ муҳим аст. Моддаи 1053-и Кодекси маданӣ бояд бо иҷозати истифодаи шартномаҳои электронӣ такмил шавад. Таҷрибаи Қазоқистон нишон медиҳад, ки платформаҳои онлайн талаботро афзоиш дода, хароҷотро коҳиш медиҳанд. Блокчейн бошад, метавонад шаффофиятро таъмин кунад, ки дар моддаи 1056 ҳамчун талаботи иловагӣ ворид карда шавад.

Сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи суғурта дар Тоҷикистон ҳанӯз паст аст, ки яке аз монеаҳои асосии рушди бозор мебошад. Барои риояи моддаи 1048 (суғуртаи ҳатмӣ), зарур аст, ки барномаҳои давлатии таблиғотӣ ва таълимӣ ташкил карда шаванд. Таҷрибаи ИМА (NAIC) нишон медиҳад, ки чунин барномаҳо метавонанд огоҳиро аз 45% то 60% афзоиш диҳанд.

Дар ҷамъбаст, механизмҳои пешниҳодшуда – такмили қонунгузорӣ, устувории молиявӣ, тақвияти назорат, технологияҳо ва фарҳанги суғурта – метавонанд саҳми суғуртаро дар ММД-и Тоҷикистон аз 0.5% то 1.5-2% расонанд.

Қонунгузории суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ асосан дар ду санади меъёрӣ-ҳуқуқии асосӣ таҷассум ёфтааст: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24 декабри соли 2022, № 1918) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" (аз 23 июли соли 2016, № 1349). Ин санадҳо чаҳорчӯбаи ҳуқуқии фаъолияти суғуртавиро дар кишвар муайян мекунанд, аммо бо вуҷуди ин, онҳо бо як қатор мушкилот ва камбудиҳо рӯбарӯ ҳастанд, ки ба самаранокии бозори суғурта ва эътимоди ҷомеа ба ин соҳа таъсири манфӣ мерасонанд. Дар ин қисм мо ба таҳлили муфассали вазъи кунунӣ, сохтори ҳуқуқии мавҷуда ва мушкилоти асосии он диққат медиҳем.

Кодекси маданӣ, бахусус Боби 53 (моддаҳои 1040-1084), асосҳои умумии фаъолияти суғуртавиро муқаррар мекунад. Моддаи 1040 суғуртаро ба ду намуд – ихтиёрӣ ва ҳатмӣ – тақсим карда, принсипҳои асосии онро муайян мекунад. Масалан, суғуртаи ҳатмӣ дар Тоҷикистон баъзе намудҳои хавфҳо, аз қабили суғуртаи масъулияти шаҳрвандӣ ҳангоми истифодаи воситаҳои нақлиётро дар бар мегирад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандӣ" (аз соли 2010) низ инъикос ёфтааст. Дар ҳамин ҳол, суғуртаи ихтиёрӣ ба таври васеъ истифода намешавад, зеро сатҳи огоҳии аҳолӣ ва эътимод ба ширкатҳои суғуртавӣ паст аст.

Моддаи 1051 Кодекси маданӣ суғуртакунандагонро ҳамчун ташкилотҳои тиҷоратӣ бо иҷозатномаи махсус муайян мекунад, ки ин талабот бо Қонуни "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" (моддаи 12) мукаммал шудааст. Ин модда ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ ва тартиби гирифтани иҷозатномаро муқаррар мекунад. Аммо дар амал, ҳадди ақалли сармояи муқарраршуда (ки ҳоло 10 миллион сомонӣ барои суғуртаи умумӣ ва 15 миллион сомонӣ барои суғуртаи ҳаётро ташкил медиҳад) ба талаботи воқеии бозор ва хавфҳои молиявӣ ҷавобгӯ нест. Ин яке аз мушкилоти асосии устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон аст.

Яке аз камбудиҳои ҷиддии қонунгузории суғуртавии Тоҷикистон ин набуди муқаррароти муосир оид ба технологияҳои рақамӣ аст. Масалан, моддаи 1053 талаб мекунад, ки шартномаи суғурта танҳо дар шакли хаттӣ баста шавад, аммо дар бораи имкони истифодаи шартномаҳои электронӣ ё полиси онлайнӣ ҳеҷ гуфта намешавад. Ин дар ҳолест, ки дар кишварҳои пешрафта, аз қабили Аврупо ва ҳатто баъзе кишварҳои ҳамсоя (масалан, Қазоқистон), суғуртаи электронӣ аллакай ба таври васеъ ҷорӣ шудааст. Ин камбудӣ дастрасии аҳолиро ба хизматрасониҳои суғуртавӣ маҳдуд мекунад, хусусан дар минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон, ки дастрасӣ ба хизматҳои анъанавии суғуртавӣ мушкил аст.

Дуюм, моддаи 1056, ки ба қоидаҳои суғурта дахл дорад, ба суғуртакунандагон озодии зиёд медиҳад, аммо назорати давлатӣ бар ин

қоидаҳо хеле заиф аст. Дар натиҷа, ширкатҳои суғуртавӣ метавонанд шартҳои ношаффоф ё яктарафа муқаррар кунанд, ки манфиатҳои суғурташавандагонро зери хатар мегузоранд. Искандари С., як муҳаққиқи тоҷик, қайд мекунад, ки норасоии муқарраროти муфассал боиси паст шудани эътимод ба бозори суғурта мегардад, зеро муштариён аксар вақт худро дар ҳолати ногувор мебинанд, вақте ки ширкатҳо аз пардохти ҷуброн саркашӣ мекунанд.

Сеюм, набуди механизмҳои муассири ҳифзи истеъмолкунандагон низ мушкили ҷиддист. Моддаи 1050 оқибатҳои вайронкунии қоидаҳои суғуртаи ҳатмиро муайян мекунад, аммо ҳуқуқи суғурташавандагон барои талаби ҷуброн аз суғуртакунандагон дар ҳолати вайронкунии шартҳо ба таври кофӣ муқаррар нашудааст. Ин боиси он мегардад, ки муштариён дар мунокиша бо ширкатҳои суғуртавӣ аксар вақт бе ҳимоя мемонанд.

Камбудиҳои зикршуда ба рушди бозори суғурта дар Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонанд. Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавӣ дар соли 2024 ҳамагӣ 0,5% аз Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро (ММД) ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо кишварҳои дигар (масалан, Русия – 1,5%, Қазоқистон – 1,2%) хеле паст аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бозори суғурта дар Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии рушд қарор дорад ва барои ҷалби сармоя ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад.

Ғайр аз ин, заифии назорати давлатӣ ва набуди шаффофият дар фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ боиси он шудааст, ки як қисми ширкатҳо дар ҳолати наздиктарин ба муфлисшавӣ қарор доранд. Масалан, дар солҳои охир чанд ширкати суғуртавии маҳаллӣ иҷозатномаи худро аз даст доданд, зеро талаботи ҳадди ақалли сармояро иҷро карда натавонистанд. Ин ҳолат эътимодро ба соҳа боз ҳам коҳиш медиҳад ва монеаи ҷиддӣ барои ҷалби соҳибкорон ба ин бозор мегардад.

Қонунгузории суғуртавии Тоҷикистон дар шакли кунунии худ асосҳои ҳуқуқии фаъолияти суғуртавиро фароҳам меорад, аммо ба талаботи муосир, аз қабили рақамисозӣ, шаффофият ва ҳифзи истеъмолкунандагон, пурра ҷавобгӯ

нест. Камбудиҳои зикршуда боиси паст будани самаранокии бозори суғурта, маҳдуд будани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳо ва коҳиши эътимод ба ин соҳа гардидаанд. Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки ислоҳоти ҳамаҷониба андешида шаванд, ки дар қисмҳои минбаъдаи ин таҳлил муфассал баррасӣ хоҳанд шуд.

**Адабиёт**


1. Зоиров Ҷ.М., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.Қ. Ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дастури таълимӣ. – Душанбе: "Эр -граф", 2010. – 224 саҳ.
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 № 1918
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994
4. Қарори Раёсати БМТ аз 6 августи соли 2021 № 129
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020 № 211
6. Қонуни "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" аз 23 июли соли 2016 № 1349



**Давлатзода Рамазонҷони Сайфулло**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти Phd-и кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Тел.: +992 989898958
E-mail: sunik979797@gmail.com


# ХУСУСИЯТИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ҲИФЗИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН ВА РУШДИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Аннотатсия**


Мақолаи мазкур ба таҳлили хусусиятҳои танзими ҳуқуқии ҳифзи меҳнат дар давраи мавҷудияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф асосҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҳифзи меҳнатро дар замони шӯравӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, самтҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатиро шарҳ додааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳифзи меҳнат ҳамчун унсури муҳими низоми сотсиалистии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ нақши калидӣ дошта, дар асоси Конститутсия ва Кодекси меҳнати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ танзим гардидааст Дар мақола инчунин фарқиятҳои низоми шӯравии ҳифзи меҳнат ва давраи муосири

Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса карда шудаанд. Муаллиф натиҷагирӣ менамояд, ки сарфи назар аз мукаммалшавии қонунгузории миллӣ, мушкилоти татбиқи амалии ҳифзи меҳнат то ҳол боқӣ мондаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳифзи меҳнат, ҳуқуқи меҳнат, Иттиҳоди Шӯравӣ, танзими ҳуқуқӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттифоқҳои касаба, амнияти меҳнатӣ.

## Аннотация

В статье рассматриваются особенности правового регулирования охраны труда в период существования Таджикской Советской Социалистической Республики. Автор анализирует правовые и социально-экономические основы советской системы охраны труда, её нормативно-правовую базу и механизм реализации на практике. Особое внимание уделено роли Конституции СССР, Кодекса законов о труде и профсоюзов в обеспечении безопасности работников. В исследовании проведено сравнительное сопоставление советского и современного таджикского подходов к охране труда. Сделан вывод о том, что, несмотря на развитие национального законодательства, проблемы практической реализации трудовых гарантий и безопасности труда сохраняются.

**Ключевые слова:** охрана труда, трудовое право, правовое регулирование, СССР, Таджикская ССР, профсоюзы, безопасность труда

## Annotation

This article analyzes the peculiarities of legal regulation of labor protection in the Tajik Soviet Socialist Republic. The author examines the legal, political, and social foundations of labor protection within the Soviet system and highlights its connection with the Constitution and the Labor Code of the USSR. The study identifies the key features of state and trade union control over occupational safety and compares the Soviet and modern Tajik approaches to labor protection. The findings show that, despite significant progress in national labor legislation, challenges in effective implementation of occupational safety and labor rights still remain in modern Tajikistan.

**Keywords:** labor protection, labor law, legal regulation, USSR, Tajik SSR, trade unions, occupational safety.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқи ва қонунҳои амалкунандаи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ Сотсиалистӣ хусусиятҳои ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқиро дар худ таҷассум намуда мазмун ва муҳтавои онҳо бевосита ба давлатҳои баҳамомадаи иттиҳоди мазкур таалуқияти худро инъикос намуданд.

Барои собит намудани хусусияти танзими ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар ҶШС Тоҷикистон мо пеш аз ҳама моҳият, хислат, аломат, танзим ва сифатҳои фарққунандаи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва иҷроиши талаботҳои онҳоро, ки аз

ҷониби субъектон ва объектони ҳуқуқӣ меҳнатӣ мавриди назар қарор дода мешаванд, зери таҳқиқот қарор медиҳем.

Дар натиҷаи таҳқиқот мо ба хулосае омадем, ки моҳиятан ҳифзи меҳнат масъалаҳои бехатарии меҳнатро дар заминаи пешбурди ҷамъи чорабиниҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ақоиди техникӣ ва технологӣ ба амал бароварда, амнияту саломатӣ ва ҳаёти коргаронро дар ҷарайёни кор таъмин менамояд. Танзими муносибатҳои ҳуқуқи инсон бошад ин ҷамъи масъалаҳои мутамарказонидашудае мебошанд, ки бо амалӣ намудани таъмини озодӣ ва дастрасӣ ба имкониятҳои рушди инсонӣ вобаста ба соҳаҳои гуногуни хоҷагидории давалтӣ ва маҳалӣ алоқаманд карда шудаанд.

Дар Конститусияи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ Сотсиалистӣ қайд шуда буд, ки давлати шӯравӣ ва ҳамаи мақомотҳои он дар асоси қонунияти сотсиалистӣ амал карда, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷомеа, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро таъмин мекунанд. [3]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ки ба Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ муттаҳид карда шуда буд, дар заминаи аснодҳои амлакунандаи ин давлати абарқудрат муносибатҳои ҷамъиятии худро ба танзим медаровард.

Асноди олии даврон шуравӣ аз он далолат менамояд, ки давлати шӯравӣ ва мақомотҳои он дар асоси қонунияти сотсиалистӣ амал карда, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷомеа, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро таъмин намуда, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдорро вазифадор менамуд, ки дар асоси Конститутсияи ИҶШС ва қонунҳои шӯравӣ фаъолиятро ба роҳ монанд. [4. м.4]

Ҳуқуқ ва кафолати кормандон ба меҳнат бошад дар шароити мувофиқ ба талаботи ҳифзи меҳнат дар Кодекси меҳнати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ сотсиалистӣ муқаррар карда шуда буда асноди олии он давра фаъолити инфиродиро муқаррар намуда буд. Ин аст, ки дар моддаи 17 Конститусия зикргардида гуфта шудааст, кидар ИҶШС мувофиқи қонун фаъолияти индивидуалии меҳнатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ, хоҷагии қишлоқ, хизмати маишӣ ба аҳолӣ, инчунин дигар намудҳои фаъолият, ки танҳо ба меҳнати

шахсии шаҳрвандон ва аъзоёни оилаҳои онҳо асос ёфтааст, иҷозат дода мешавад. Давлат фаъолияти меҳнатии индивидуалиро танзим намуда, истифодаи онро ба манфиати ҷамъият таъмин менамояд. [3. м. 17]

Мазмуни моддаи мазкур аз он далолат менамояд, ки ИҶШС ба шаҳрвандон ҳуқуқҳои муайянро кафолат дода таъмини онҳоро дарасоси конститутсия ва қонунҳо мустаҳкам намудааст. Инчунин, таҳқоқтҳои таърихӣ собит месозанд, ки масъалаҳои таъмини ҳифзи меҳнат дар Итиҳоди ҷамоҳири Шӯравӣ сотсиалистӣ дар солҳои аввали таъсисёбии он оғоз гардида буд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои 1922 қабули Конститутсия ва КЗоТ [5] дар давлати шӯравӣ заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро барои ҳимояи ҳуқуқи коргарон ва ҳалли мушкилоти бекорӣ фароҳам овард. Дар ин давра маркази давлати тоҷикон Бухоро барҳам дода шуда қаламрави Тоҷикистон ба ҳайати Ҷумҳурии Федеративии Сотсиалистии Шӯравии Русия, Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии туркистон дохил шуд.

Дар ин солҳо дар назди давлат вазифаи муҳими ҳалли масъалаҳои шуғли ҷамъиятӣ, яъне барҳам додани бекорӣ меистод. Ба ин муносибат 30 октябри соли 1922 Кодекси нави меҳнат кабул карда шуд. [5] Кодекси мазкур ба корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият ва ба хамаи шахсоне, ки меҳнати кирояро истифода мебурданд, дахл дошт. Муносибатҳои меҳнатӣ бояд дар натиҷаи бастани шартномаи меҳнатӣ ё коллективӣ ба вуҷуд меомаданд. Кодекси меҳнат ҷорӣ намудани суғуртаи иҷтимоиро ба ивази таъминоти иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои корфармо пешбинӣ мекард. Ба ин фаъолиятҳо инчунин пешбинӣ кардани суғурта, расонидани ёрии тиббӣ, кӯмакпулӣ барои маъюбии муваққатӣ, ғизодиҳии кӯдак, дафн, бекорӣ, маъюбӣ ва аз даст додани саробон дохил карда шуда буданд. [5]Соли 1925 миёнаравии ҳатмии биржаи меҳнат оиди ба кор қабул намудан бекор карда шуд. Дар солҳои 1928-1932 бошад гузариш аз рӯзи кории ҳаштсоата ба рӯзи кории ҳафтсоата бе кам кардани музди меҳнат амалӣ карда шуд. Хусусан аз соли 1929 гузариш ба меҳнати панҷрӯза (барои фаъолияти доимӣ) муқаррар шуда. [6]

Давлат коргарон ва хизматчиёнро бо маблағҳои пулӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, молҳои ниёзи аввал таъмин мекард. Инчунин масъалаҳои дастгириҳои давлатӣ, ки аз ҷониби биржаҳои меҳнатӣ ва тамоми низоми мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ ба монанди кӯмак ба бекорон ва ташкили ҷойҳои корӣ, гузаронида мешуд на танҳо ба коҳиш додани ташаннуҷи иҷтимоӣ, балки баҳри беҳтар шудани фазои ҳуқуқӣ мусоидат карда, барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ шароити мусоид фароҳам овард. [7.с 22] Яъне, ҳимояи ҳуқуқи коргарон ба меҳнат ва таъмини ҷойҳои корӣ ба мардум вазъиятро дар он давра ба танзим даровара он сиёсати навро дар соҳаи ҳифзи меҳнати пйдо намуда буд.

Лекин, дар давраҳои ҷанги бузурги ватанӣ вазъияти фаъолияти меҳнатӣ ваҳифзи ҳуқуқи меҳнат боз костагиҳоро дар ин соҳа пайдо намуд. [10. С.141]

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар давраи ҷанги Бузурги ватанӣ соҳои 1941-1945 боздошта шуда буданд. Танҳо пас аз барқарор кардани хоҷагии халқ ба танзими ҳуқуқи меҳнатӣ аҳамият дода шуд. Соли 1957 барои беҳтар кардани шароити меҳнат, бартараф кардани сабабҳои ҷароҳатҳои истеҳсолӣ, пешгирии бемориҳои касбӣ қарорҳои муҳим қабул карда шуд. Соли 1961 Барномаи асосноки илмӣ оид ба солимгардонии шароити меҳнат дар анҷумани XXII КПСС қабул кардашуд, ки он баҳри таъмин ва ҷорӣ намудани воситаҳои муосири техникаи бехатарии меҳнатӣ, фароҳам овардани шароити санитарӣ-гигиенӣ, ва ғайра пешбинӣ карда шуда буд.

Муҳақиқ ва олими Федератсияи Россия Карауш С.А. [8] дар яке аз таҳқиқотҳои илмиаш чунин қайд менамояд, ки "Давраи барқарорсозии иқтисодиёти кишвар, ки пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки давлат хароб шуда буд ба давраи оғози сохтмони коммунизм ва ба такмили қонунгузории меҳнатӣ оварда расонид. [8. С.64] Дар ин давра қонуни меҳнатӣ дар бораи «Асосҳои қонунгузории СССР дар бораи меҳнат» (Основы законодательства СССР о труде) аз ҷониби Шӯрои Олии ИҶШС 15 июли соли 1970 қабул карда шуда, он аз 1 январи соли 1971 ба амал даровара шуд. Санади мазкур

муқаррароти умумитарин ва муҳимтарини ҳуқуқи меҳнатро дар он давраи ИҶШС мустаҳкам карда буд. [8. С.65]

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар давраҳои пас аз ҷанги бузурги ватанӣдар ИҶШС шумораи зиёди ҳуҷҷатҳо оид ба ҳифзи меҳнат қабул карда шуда буданд. Ба онҳо метавон дохил кард: Низомнома дар бораи ҳуқуқҳои кумитаи иттифоқи касабаи корхона (1971), қоидаҳои Намунавии тартиботи дохилӣ (1972), Низомнома дар бораи тартиби баррасии баҳсҳои меҳнатӣ (1974), Низомнома дар бораи нозироти техникии меҳнат (1977) ва дигарон. Бояд қайд кард, ки дар ин давра дар ИҶШС системаи имтиёзҳои махсус барои коргарон, ки кор бо омӯзишро якҷоя мекунанд, таъсис дода шуд. [6] Тибқи қонунгузории он замон, агар корманд мехост ба муассисаи таҳсилоти олӣ дохил шавад, пас ба ӯ дар давраи супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ рухсатии иловагӣ то 15 рӯзи тақвимӣ бе нигоҳ доштани музди меҳнат дода мешуд. Ба кормандоне, ки ба шуъбаи хориҷии донишгоҳ қабул карда шуданд, бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнат 20 рӯз барои супоридани сессияҳои имтиҳонӣ дар курсҳои 1 ва 2 ва 30 рӯз дар курсҳои олӣ дода мешуд. [9. С.135]

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар ИҶШС ба шаҳрвандон ҳуқуқҳои муайяне кафолат дода мешуданд, ки дар конститутсияҳо ва қонунҳо мустаҳкам карда мешуданд. Аммо, бояд ба назар гирифт, ки бисёре аз ин ҳуқуқҳо танҳо расман эълон карда шуданд ва татбиқи онҳо на ҳамеша ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буданд.

Дар он давра яке аз хусусиятҳои асосии ҳифзи меҳнат ин кафолати давлатии ҳифзи меҳнат ба ҳисоб мерафт. Ҳифзи меҳнат аз ҷониби давлат таъмин карда мешуд ва қисми системаи умумии таъминоти иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Мақомотҳои давлатӣ меъёрҳо ва қоидаҳои ягонаеро муқаррар мекарданд, ки иҷроиши онҳо барои ҳамаи корхонаҳо ҳатмӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар ин замина иттифоқҳои касаба дар назорати риояи меъёрҳои ҳифзи меҳнат фаъолона иштирок карда онҳо ваколат доштанд, ҳангоми ошкор намудани таҳдид ба ҳаёт ёсаломатии кормандон чораҳо андешанд.[8. С.73] Дар ин маврид меъёрҳои ягонаи санитарӣ ва техникӣ ба назар гирифта

мешуданд, ки татбиқи стандартҳои давлатии шароити меҳнат, аз ҷумла талабот ба вентилятсия, равшанӣ, садо дар ҷойҳои корӣ таъмин карда шуда буданд. Бобати кафолатҳои иҷтимоӣ ба коргароне, ки дар истеҳсолоти занаровар ва хатарнок кор мекарданд, имтиёзҳои иловагӣ дода ба монанди давомнокии кӯтоҳи вақти корӣ, рухсатии иловагӣ, таъминоти имтиёзноки нафақа ва либоси махсуси ройгон дода мешуд.Ҳамзамон кормандони касбҳои муайян аз ҳисоби давлат мунтазам аз муоинаи тиббӣ гузаронида мешуданд. [10. С.44]

Дар ҳуқуқи ҶШС Тоҷикистон масъалаҳои ҳифзи меҳнат ба фароҳам овардани шароити бехатари кор дар ҳамаи корхонаҳо ва ташкилотҳо равона карда шуда, вобаста ба ин ба кормандон имконят дода мешуд, ки самаранок фаъолият намуда, саломатӣ ва қобилияти кории худро нигоҳ доранд.

Санадҳои асосии ҳуқуқие, ки соҳаи мазкурро танзим менамуд, Конститутсияи ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон ба шумор рафта онҳо ҳифзи меҳнатро дар шароити бехатарии ҳуқуқи кормандон муқаррар мекарданд ва Кодекси қонунҳои меҳнат (КЗоТ) - и ҶШСТоҷикистон, ки бобҳои пурра ба меъёрҳо ва қоидаҳои ҳифзи меҳнат бахшидашударо дар бар мегирифт. Масъалаҳои хусусиятҳои танзими ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар ҶШС Точикистон дар Кодекс ва қонунҳоои он давра дарҷ гардида, махсунсан дар қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи 122, қисми дуюми моддаи 122-1, банди 1 моддаи 125, банди 3 моддаи 209, моддаҳои 212, 214, 217, 218, қисми якуми моддаи 220, моддаҳои 222, 223, қисмҳои чорум ва панҷуми моддаи 225, моддаи 227-и Кодекси қонунҳо дар бораи меҳнати ҶШС Тоҷикистон ки аз 16 июли соли 1972 тасдиқ шудааст, оварда шудаанд. [4]

Ин санадҳои асосӣ бо дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қоидаҳои техникаи бехатарӣ, стандартҳои давлатӣ (ГОСТ), фармонҳои иттифоқҳои касаба, Госгортехнадзор, истгоҳҳои санитарӣ-эпидемиологӣ танзими ҳуқуқӣ стандартҳо ва қоидаҳои ҳифзи меҳнат, хатари касбӣ омилҳои иҷтимоӣ-психологӣва дигар мақомотҳо муфассал карда шуда буданд.

Фаъолияти иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳое, ки бояд иҷрои дақиқи меъёрҳои ҳифзи меҳнатро дар ҳама корхонаҳо назорат мекарданд, аҳамияти баробар доштанд. Иттифоқҳои касаба дар комиссияҳои тафтишотии садамаҳо ва патологияҳои касбӣ иштирок карда, барои бартараф кардани камбудиҳо ва баланд бардоштани сатҳи бехатарӣ дар истеҳсолот чораҳо меандешиданд. Нақши нозири касбӣ (профинспектор) ва дигар мақомоти назорат (Госгортехнадзор, истгоҳҳои санитарӣ-эпидемиологӣ) низ аз назорати қоидаҳои дақиқи истифодаи меъёрҳо иборат буд. [10. С.87]

Ҷузъҳои ҷудонашавандаи системаи танзими ҳуқуқӣ стандартҳо ва қоидаҳои ҳифзи меҳнат чорҳои техникӣ, гигиенӣ ва санитарӣ ба ҳисоб мерафтанд, ки чораҳои мазкур бояд дар ҳама корхонаҳо ва истеҳсолот қатъиян риоя карда мешуданд.Стандартҳои мазкур (масъалан ГОСТ) дар сатҳи иттифоқӣ қабул шуда дар ҳамаи корхонаҳои ҶШСТоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани амнияти кормандон ҷорӣ карда шуда буданд.

Шаҳрвандон ва шахсони мансабдор, ки дар риоя накардани меъёрҳо ва қоидаҳои ҳифзи меҳнат гунаҳкор буданд, ба намудҳои гуногуни ҷавобгарӣ кашида мешуданд. Дар ҳолатҳои сабук ба онҳо танбеҳ дода мешуд ё аз вазифабарканоркарда мешуданд, дар ҳолати дараҷаи миёнаи вайронкунӣ онҳо ҷарима карда мешуданд ва дар сурати кирдорҳое, ки ба саломатии кормандон зарар мерасонд ё садамаи маргбор, ба вуқуъ меомад гунаҳкорон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд. [6. С. 38-40]

Давлат ба кормандоне, ки дар истеҳсолоти зараровар ва хатарнок кору фаъолият менамуданд як қатор имтиёзҳо ва афзалиятҳоро таъмин мекард. Ба ин категория рӯзи кории кӯтоҳшуда, рухсатии иловагӣ, баланд бардоштани меъёрҳои тарифӣ ва таъминоти имтиёзноки нафақа дохил мешуданд. Ин чораҳо бояд таъсири шароити зарароварро ба коргарон коҳиш дода як навъ ҷубронпулии иҷтимоӣ маҳсуб меёфтанд.

Вазифаҳои муҳими дигар ин ташкили омӯзиши кормандон ба қоидаҳо ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, баланд бардоштани ихтисоси кормандони муҳандисӣ ва техникӣ, шахсони масъули техникаи бехатарӣ ва дигар категорияҳои

кормандон махсуб меёфт. Дар ҷараёни чунин омӯзиш назария ва амалияи усулҳои бехатари кор, қоидаҳои истифодаи воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, чораҳо оид ба бартараф кардани садамаҳо ва дигар ҳолатҳои фавқулодда дар истеҳсолот равшан карда мешуданд.

Аз тарафи давлат барои такмили ихтисоси мунтазами кормандон, ҷорӣ намудани усулҳои нави назорат, дастгоҳҳои техникӣ ва таҷҳизот, инчунин барои баланд бардоштани бехатарӣ, гузаронидани санҷишҳои касбӣ ва дигар чорабиниҳои пешгирикунанда таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешуд. Ин чораҳо имкон медоданд, ки профрискҳо сари вақт ташхис шуда, барои бартараф кардани онҳо чораҳо андешида шаванд ва сатҳи ҷароҳат ва зарарҳои касбӣ дар истеҳсолот коҳиш дода шаванд.

Тибқи омори иттифоқи касабаи ҶШСТоҷикистон, масалан, дар охири солҳои 1970 ва миёнаи солҳои 1980 сатҳи ҷароҳатҳои истеҳсолӣ нисбат ба миёнаи солҳои 1960-ум 30-40% коҳиш ёфта буд. Шумораи шароити номусоид дар корхонаҳо коҳиш ёфт, ки ин бевосита таъмини меъёрҳои ҳифзи меҳнатро тасдиқ мекунад. [9. С.129]

Афзоиши тахассуси кормандон аз он далолат менамояд, ки бо ёрии барномаҳои таълимии иттифоқи касаба ва баланд бардоштани савияи дониш ва такмили ихтисос тақрибан 80% кормандони техникӣ қоидаҳои истифодаи бехатари таҷҳизотро доштанд, ки инба онҳо имкон медод, ки аз садамаҳо ва дигар ҳолатҳои хатарнок дар истеҳсолот канорагирӣ намоянд

Дар корхонаҳои калони саноатӣ-истеҳсолӣ (масалан, заводи Алюминий дар шаҳри Турсунзода, фабрикаҳои бофандагӣ дар Душанбе ва Хуҷанд, Тоҷикавтотранспорт) системаҳои назорати шароити зараровар ҷорӣ карда шуда буданд, ки онҳо имконият медоданд, ки сари вақт барои бартараф кардани профрискҳо чораҳои зарурӣ андешида шавад. Ин чораҳо насби системаҳои вентилятсия, дастгоҳҳои азхудкунии садо ва дигар навовариҳои техникиро дар бар мегирифтанд. [11]

Инчунин оид ба омилҳои иҷтимоӣ-психологӣиттифоқҳои касаба ва маъмуриятҳои корхонаҳо бо коргарон сӯҳбатҳои профилактикӣ, намоишҳо-

озмунҳо оид ба қоидаҳои бехатарии барои ҷалби кормандон оид ба баланд бардоштани амният дар истеҳсолот ва тарбияи ҳисси масъулият имкон додаанд. [10. С.32]

Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқии ҳифзи меҳнат дар ҶШСТоҷикистон ба кормандон шароити бехатари корӣ фароҳам оварда, ҳаёт ва саломатии онҳоро нигоҳ медошт, ки ин ба онҳо имкон медод кӯшишҳои худро барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва беҳтар намудани сифати корӣ равона кунанд. Ҳамзамон, бо ёрии чунин механизм, давлат эътиқоди кормандонро ба адолати система тақвият дод ва устувории иқтисодиёти ҷумҳуриро баланд бардошта буд. Фаъолияти ҳифзи меҳнат аз ҷониби давлат ва иттифоқҳои касаба қатъиян назоратитанзим карда мешуд. Кафолат ва имтиёзҳо барои кормандон ҳафтаи кӯтоҳшудаи корӣ, муоинаи тиббии ройгон, либоси махсус, ҷубронпулӣ барои шароити зараровар муқаррар карда шуда буданд. Сарфи назар аз вазъият ва шароити хуби таъмини имтиёзҳо, татбиқ иҷроиши корҳоаксар вақт дар рӯи қоғаз боқи мемонд, ки ин сатҳипасти бехатариии кориро ба вуҷуд меовард

Ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар ҶШС Тоҷикистон унсури ҷудонопазири низоми сотсиалистии ҳуқуқҳои меҳнатӣ буд, ки расман доираи васеи кафолатҳои иҷтимоиро барои кормандон таъмин мекард. Бо вуҷуди ғамхории муқараргардидаи давлатӣ оид ба саломатӣ ва амнияти коргарон, татбиқи ин ҳуқуқ бо як қатор мушкилоти системавӣ рӯ ба рӯ шуда буд, ки ҳам бо хусусиятҳои идеологӣ ва ҳам маъмурию идоракунии сохтори шӯравӣ вобаста буданд.

Дар баробари ин комёбиҳо баъзан мушкилӣ ва масъалаҳои гуногун ҳам во мехуранд. Яке аз мушкилоти асосӣ ин бартарияти муносибати расмӣ ба ҳифзи меҳнат буд. Қонунгузорӣ дар бораи шароити меҳнат, техникаи бехатарӣ ва меъёрҳои санитарӣ-гигиенӣ дастурҳои муфассал дошт, аммо дар асл иҷрои ин талабот аксар вақт бо расмияти ҳисоботӣ маҳдуд карда мешуд. Системаи нақшавии иқтисодиёт роҳбарияти корхонаҳоро пеш аз ҳама ба иҷрои нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ равона кард ва масъалаҳои ҳифзи меҳнат дар

мадди дуюм гузошта машуданд. Яъне иҷрои нақша аз ҳама боло меистод. [10. С.55]

Назорати давлатии риояи меъёрҳои ҳифзи меҳнат, сарфи назар аз мавҷудияти нозирот ва иштироки иттифоқҳои касаба, аз истиқлолияти заиф ва самаранокии маҳдуд ранҷ мекашид.

Иттифоқҳои касаба, гарчанде ки ҳуқуқи назорат ва ҳатто боздоштани корҳоро ҳангоми ошкор кардани хатарҳо доштанд, онҳо аксар вақт ҳамчун маъмурияти корхонаҳо амал карда, ҳимояи ҳуқуқи коргаронро баъд аз иҷроиши нақша ба назар мегирифт. [10. С.57]

Масъалаи дигари татбиқи ҳуқуқ ба ҳифзи меҳнат ин қафомонии технологии бахши истеҳсолӣ ба ҳисоб мерафт. Бисёре аз соҳаҳои саноат дар ҷумҳурӣ, алахусус истихроҷи маъдан, бофандагӣ ва сохтмон, таҷҳизоти кӯҳнашударо истифода мебурданд, ки ба талаботи оддии бехатарӣ ҷавобгӯ набуданд. Навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ хеле суст суръат гирифта буд ва захираҳои мавҷуда пеш аз ҳама ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот равона карда шуда буданд. Ин ба афзоиши ҷароҳатҳои истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ, алахусус дар шароити иқлими гармӣ оварда расондида буд.

Инчунин бояд қайд кард, ки ҷанбаҳои идеологӣ аксар вақт мушкилоти воқеии ҳифзи меҳнатро нодида мегирифтанд. Дар ҳисоботҳо ва оморҳои расмӣ танҳо оиди муваффақиятҳо маълумот дода шуда вайронкуниҳо, садамаҳо ва хатарҳо пинҳон ё кам карда мешуданд, то ба нуфузи «пешрафти сотсиалистӣ» таъсири манфӣ нарасонанд. Чунин муҳити иттилоотии таҳрифшуда ба таҳлил ва бартараф кардани мушкилоти мавҷуда монеъ шуда буд. Ҳифзи меҳнат аксар вақт ҳамчун воситаи таблиғи муваффақиятҳои сохти сотсиалистӣ хизмат мекард, ки ба арзёбии объективии мушкилоти воқеӣ дар истеҳсолот халал мерасонд, ки он бартарии идеологиро аз амалия нишон медод.

Ҳамин тавр, дар баробари комёбиҳо ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар ҶШС Тоҷикистон дар мавқеи номутаносиб қарор дошт. Он аз як тараф, қонунан тасдиқ шуда, ҳамчун музаффарияти муҳимтарини сохти социалистӣ эълон шуда буд, аз тарафи дигар бошад, суст будани иҷрои амалии он аз сабаби

формализм, паст будани бехтарии шароити меҳнат, бесамар будани механизмхои идоракунӣ ва кафомонии технологӣ мушоҳида карда мешуд, ки дар бисёр соҳаҳо таҷҳизоти кӯҳна, ки хатари ҷароҳати истеҳсолиро зиёд мекард, истифода бурда мешуданд. Ин тафовут байни меъёр ва амалия ҳамчун яке аз хусусиятҳои системаи ҳифзи меҳнат дар давраи солхои охири ҳокимияти шӯравӣ гардида буд.

Ҳамин тавр таҳлили муқоисавии хусусиятҳои танзими ҳуқуқ ба ҳифзи меҳнат дар ҶШС Тоҷикистон аз он далолат менамояд, ки дар он давра идоракунии мутамарказ яъне системаи ҳифзи меҳнат як қисми иқтисодиёти умумии мутамаркази нақшавии ИҶШС ба ҳисоб рафта заминаи қонунгузорӣ ба Конститутсия ва Кодекси қонунҳо дар бораи меҳнати ИҶШС (аз ҷумла ҷумҳуриҳои иттифоқӣ) асос ёфта буд.

Инчунин масъалаҳо ба монанди ҳавасмандии нокифояи корфармоён барои татбиқи чораҳои воқеии амниятӣ, иштироки маҳдуди кормандон дар масъалаҳои ҳифзи меҳнат, набудани бахши хусусӣ, ки гуногунии равишҳои идоракунии амниятро истисно мекард вуҷуд доштанд. Аз сабаби набудани бахши хусусӣ ва рақобат, ҳавасмандии сармоягузорӣ барои беҳтар кардани шароити кор вуҷуд надошт. [10. С.61]

Акнун мухтасар хусусияти танзими ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосирро ба таври дида мебароем. Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқи меҳнат ва ҳифзи он дар Қонунгузории миллӣ ба монанди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекси Меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ӯҳдадориҳои байналмилалӣбаъзе конвенсияҳои СБМ (Масалан, Конвенсияи № 155) ба имзо расиданд ва тасдиқ карда шуданд. Ҳифзи меҳнат ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам дар корхонаҳои хусусӣ танзим карда мешавад, ки он шаклҳои гуногуни моликиятро дар худ инъикос намуда масъалаи мазкур давра ба давра дар Ҷумҳурии соҳибистиқоли Тоҷикистон танзим ва рушд карда истодааст.[7. С.34] Дар заминаи камбудиҳо даврони муосир норасоии нозирони меҳнат ва таҷҳизоти нокифояи техникии мақомоти назоратӣ, маданияти пасти ҳуқуқии корфармоён, вайрон кардани меъёрҳои

ҳифзи меҳнат, махсусан дар сохтмон, истихроҷи маъдан ва кишоварзӣ, маблағгузории нокифояи чорабиниҳои ҳифзи меҳнат, дастрасии маҳдуди кормандон ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ, набудани системаи самараноки таълими ҳифзи меҳнат, махсусан дар корхонаҳои хурд мушоҳида карда мешаванд. Дар зер мо ҷадвалро вобаста ба қиёс намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар ҶШС Тоҷикистон ва Тоҷикистони муосир пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 1.3.1.5.**

**Ҷадвали муқоисавии хусусиятҳои танзими ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар ҶШС Тоҷикистон ва Тоҷикистони муосир**

| ЧОРАБИНИҲО | ҶШС ТОҶИКИСТОН | ҶУМҲУРИИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН |
|---|---|---|
| **СИСТЕМАИ НАЗОРАТ⇒** | Мутамарказ | Ғайримутамарказ |
| **ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ⇒** | Умумииттифоқӣ (КЗоТ СССР) | Созишномаҳои миллӣ ва байналмилалӣ |
| **САТҲИ ИҶРОИШ⇒** | Расман баланд, воқеан миёна | Расман миёна, воқеан паст |
| **ИШТИРОКИ КОРМАНДОН⇒** | Тавассути иттифоқҳои касаба | Қисман, аксар вақт маҳдуд |
| **МУШКИЛОТ⇒** | Бюрократия, формалӣ | Набудани захираҳо, суст будани назорат |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои овардашуда*

Ҳамин тавр, тағйири равиши хусусияти ҳифзи меҳнат дар даврони шуравӣ ва муосир аз он далолат менамояд, ки гузариш аз сохти мутамарказ ба шакли иқтисоди бозорӣ мутобиқсозии қонунгузориро талаб карда бо паст шудани самаранокии воқеии танзими муносибатҳои меҳнатӣ мушоҳида гардидааст.

**Бо** вуҷуди мавҷудияти меъёрҳои қонунгузорӣ, бисёр корхонаҳо бо иҷрои талаботҳои расмӣ, бидуни беҳтар кардани шароити корӣ маҳдуд карда шуда буданд. Назорати давлатӣ аксар вақт бесамар буд, зеро системаи умумии ҳисоботи нақшавӣ вуҷуд дошт, ки вайрон кардани меъёрҳои ҳифзи меҳнат барои нишон додани иҷрои нақшаҳо пинҳон карда мешуданд. [8. С.76]

Масъалаи дигар ин формализм мебошад, ки он то ҳануз аз даврони шӯравӣ боқӣ мондаанд. Ба монанди замони шӯравӣ, ҳифзи меҳнат дар Тоҷикистони муосир низ аксар вақт масъалаҳои риояи расмиятчигӣ мавҷуд буда он барои фароҳам овардани шароити воқеии амнияти корӣ, мамониат эҷод карда метавонад. Ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар ҶШС Тоҷикистон расман дар сатҳи баланд таъмин карда мешуд ва доираи васеи кафолатҳои иҷтимоиро фаро мегирифт. Аммо дар амалия, ҳифзи меҳнат аз формализм, норасоии навсозии техникӣ, назорати суст ва набудани механизмҳои самараноки масъулият пешравӣ намекард. Ин фарқияти байни муқаррароти меъёрӣ ва шароити воқеии меҳнатро дар корхонаҳо ба вуҷуд оварда буд.

Барои ҳалли мушкилотҳо ислоҳоти зеринро мо зарур мешуморем:

- баланд бароштани маърифати ҳуқуқии кормандон ва корфармоён;
- тақвияти нақши нозироти меҳнатӣ дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ;
- баланд бардоштани масъулияти корфармоён;
- иштироки фаъоли иттифоқҳои касаба дар дастгириии кормандон;
- баланд бардоштани сатҳи маориф ва фарҳанги ҳифзи меҳнат.

Хулоса, дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳифзи меҳнат яке аз ҳуқуқҳои калидии иҷтимоии коргарон буд, ки дар Конститутсияи СССР ва кодекси меҳнат муқаррар карда шуда буд. Ҳифзи меҳнат муносибати сотсиалистиро ба таъмини амният ва некӯаҳволии коргарон дар истеҳсолот инъикос мекард.

Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон дод, ки хусусиятисистемаи танзими ҳуқуқии ҳифзи меҳнат ин амнияти коргарон дар истеҳсолот, нигоҳ доштани ҳаёт ва саломатии кормандон, паст кардани осеб ва бемориҳои касбӣ, ки ба баланд бардоштани устувории истеҳсолот ва ғайра, ки тавасути балан бардоштани механизми тазими муносибатҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда кфолатҳои адолати иҷтимоиро ташаккул медиҳад. Кафолатҳои адолати иҷтимоӣ, бошад ки эътиқоди коргаронро ба давлат мустаҳкам намуда ба онҳо имкон медиҳад, ки барои баланд бардоштани самаранокии меҳнатӣ ва хизматӣ равона карда шаванд. Аз ин хотир гуфтан бо маврид мебошад, ки таҷрибаи хусусияти

танзими ҳуқуқи ҳифзи меҳнат дар ҶШС Тоҷикистон барои замони муосири танзими муносибатҳои ҳуқуқии ҳифзи меҳнат зарурияти худро дар ин ҷода инъикос менамоянд.

**Адабиётҳо:**

**Санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ:**


1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.15 июли соли 2016 № 255
2. **Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.** 22 майи соли 2016
3. Конституция СССР 1977 г. Принята на внеочередной седьмой сессии Верховного Совета СССР девятого созыва 7 октября 1977 г. (статя 4,5,7,17)
4. Кодекс законов о труде Таджикской ССР. Утвержден Законом Таджикской ССР от 16 июля 1972 г., части третья и четвертая статьи 122, часть вторая статьи 122-1, пункт 1 статьи 125, пункт 3 статьи 209, статьи 212, 214, 217, 218, часть первая статьи 220, статьи 222, 223, части четвертая и пятая статьи 225, статья 227
5. Кодекс законов о труде 1922 г. Всероссийский Центральный исполнительный комитет. Постановление от 9 ноября 1922 года
6. РСФСР. Законы, постановления и т.п.: сокращенный сборник кодексов РСФСР: изд-е 2-е. - М.: Юрид. изд. Н.К.Ю. РСФСР, 1926.


**Китобҳо:**


7. К.М. Варшавский. Трудовое право СССР /, преп. Ленингр. гос. ун-та и политехн. ин-та им. Калинина. - Ленинград : Academia, 1924. -180 с.. –стр.38-40
8. Карауш, Сергей Андреевич. История охраны труда в России [Текст] : учебное пособие / С. А. Карауш, О. О. Герасимова ; М-во образования и науки Российской Федерации, Федеральное гос. бюджетное образовательное учреждение высш. проф. образования "Томский гос. архитектурно-строит. ун-т". — Изд. 2-е, перераб. и доп. — Томск : Изд-во ТГАСУ, 2013. — 191 с. : ил., табл. : 21 см.; ISBN 978-5-93057-515-6.
9. Холджураев Х. Хайдаров А. Культурно-технический уровень и трудовая деятельность рабочего класса Таджикистана (1970-1985).- Худжанд, 2012 - С. 129
10. Трудовое право СССР / К.М. Варшавский, преп. Ленингр. гос. ун-та и политехн. ин-та им. Калинина. - Ленинград : Academia, 1924. -180 с.. –стр.38-40.
11. Материал из Википедии - свободной энциклопедии Таджикский алюминиевый завод (ТадАЗ) https://ru.wikipedia.org/

**Маҳмадхонов Т.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионӣ

# ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАҲОИ РЕКЛАМАВӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** реклама, шартнома, муносибатҳои рекламавӣ, мафҳуми шартномаҳои рекламавӣ, танзими ҳуқуқии шартномаҳои рекламавӣ, шартномаи тайёр кардани реклама, шартномаи паҳн кардани реклама, субъект ва объекти шартномаҳои рекламавӣ.

**Аннотатсия**

Мавзуи мақолаи мазкур хеле муҳим аст, зеро реклама ва муносибатҳои рекламавӣ дар давраи иқтисоди бозорӣ аз ҷумлаи унсурҳои зарурии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравaнд. Бо назардошти аҳамияти реклама субъектҳои фаъолияти тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шартномаҳои рекламавӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

# К ВОПРОСУ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ РЕКЛАМНЫХ ДОГОВОРОВ В ГРАЖДАНСКОМ ЗАКОНОДАТНЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Ключевые слова:** реклама, договор, рекламные отношния, понятие рекламных договоров, правовое регулирования рекламных договоров, договор о производстве рекламы, договор о распространение рекламы, субъект и объект рекламных договоров.

**Аннотация**

Тема данной статьи обладает важное значение, так как реклама и рекламные отношения в условиях рынка являются его необходимые элементы. Принимая во внимание важности рекламы субъекты коммерческой деятельности её широко используют в Республике Таджикистан.

Мавзуи мақолаи мазкур хеле муҳим аст, зеро реклама ва муносибатҳои рекламавӣ дар давраи иқтисоди бозорӣ аз ҷумлаи унсурҳои зарурии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравант. Бо назардошти аҳамияти реклама субъектҳои фаъолияти тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шартномаҳои рекламавӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Мавзуи мақолаи мазкур хеле муҳим аст, зеро реклама ва муносибатҳои рекламавӣ дар давраи иқтисоди бозорӣ аз ҷумлаи унсурҳои зарурии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравант. Бо назардошти аҳамияти реклама дар шароити муосир субъектҳои фаъолияти тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шартномаҳои рекламавӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Маълум аст, ки амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратӣ бе истифодаи реклама натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад. Калимаи реклама аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънояш нидо кардан, ҷеғ задан аст. Дар фаҳмиши имрӯза ин калима ба маънои таблиғ, ташвиқ, паём ва монанди инҳо фаҳмида мешавад.

Реклама яке аз намудҳои иттилоот буда, ба ҳама дастрас аст, зеро ҳамаи шаҳрвандон ва ташкилотҳо метавонанд, бе монеа ба он шинос шаванд.

Реклама объекти асосии ба вуҷуд омадани муносибатҳои рекламавӣ мебошад. Муносибатҳои рекламавӣ дар давраи иқтисоди бозорӣ аз ҷумлаи муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравант. Бо назардошти аҳамияти реклама дар шароити муосир субъектҳои фаъолияти тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шартномаҳои рекламавӣ истифода мебаранд. Имрӯз рекламаҳо тавассути радио, телевизион, рӯзнома, маҷалла ва дигар воситаҳо паҳн карда мешавад.

Барои он ки фурӯшанда ё истеҳсолкунандаи мол аз реклама истифода барад, бояд ба дигар ташкилотҳо ду намуди шартномаро ба имзо расонад. Аввалан, вай оид ба тайёр кардани реклама бо истеҳсолкунандагони (тайёркунандагони) реклама, сониян, бо мақсади паҳн кардани он ба паҳнкунандагон реклама шартнома мебандад. Азбаски муносибатҳои рекламавӣ дар асоси шартномаҳои рекламавӣ ба вуҷуд меоянд ва хусусияти

молию пулӣ доранд, тавассути қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Мутаассифона, дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҳуқуқии шартномаҳои рекламавӣ меъёри махсус вуҷуд надорад. Аз ин сабаб, ҳангоми танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 [2] ва ба муқаррароти қисми аввали Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудан лозим аст.

Бояд қайд намоем, ки баъзе ҳуқуқу уҳдададориҳои тарафҳои шартномаҳои рекламавӣ ва масъулияти онҳо дар Қонуни болозикр оварда шудааст.

Ғайр аз сарчашмаҳои номбаргардида барои танзими муносибатҳои рекламавӣ санадҳои гуногуни тавсиявӣ низ аҳамияти калон доранд. Кодекси байналмилалии таҷрибаи рекламавӣ, ки 2 декабри соли 1986 аз тарафи сессияи 47 Шурои иҷроияи Палатаи савдои байналмилалӣ қабул шудааст, аз ҷумлаи чунин ҳуҷҷатҳо бо ҳисоб меравад. Кодекси мазкур маҷмуи қоида, меъёрҳои урфу одат ва одоби муомилоти кориро дар бар мегирад, ки аз тарафи имзокунандагони ин ҳуҷҷат бояд риоя карда шаванд. Дар асоси ин Кодекс дар Федератсияи Россия Маҷми меъёрҳои одат ва қоидаҳои муомилоти кории реклама қабул гардидааст, ки он низ хусусияти тавсиявӣ дорад [4].

Санадҳои овардашуда ҳангоми коркарди қонунгузории рекламавӣ, аз ҷумла тартиб додани шартномаҳои рекламавӣ ҳамчун сарчашмаи муҳим хизмат менамоянд.

Фаромӯш набояд кард, ки дар мамлакатҳои тараққиёфтаи ҷаҳони имрӯза ба истифодаи реклама ва дар заминаи он бастани шартномаҳои рекламавӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад, чунки бозори хизматрасонии рекламавӣ дар ин мамлакатҳо ниҳоят рушд намудааast.

Тавре ки зикр гардид, дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шартномаҳои рекламавӣ маълумот дода нашудааст, аз ин рӯ, ба таърифҳои дар адабиёти ҳуқуқӣ вуҷуд дошта такя намуда, таърифи онҳоро муайян кардан мумкин аст.

Аз ҷумла,   ба шартномаи тайёр кардани реклама чунин таъриф додан мумкин аст: Мутобиқи шартномаи тайёр кардани реклама як тараф - тайёркунандаи реклама уҳдадор мешавад, ки дар асоси фармоиши тарафи дигар –фармоишгар (рекламадиҳанда)  рекламаи лозимаро тайёр кунад, тарафи дигар - фармоишгар (рекламадиҳанда) уҳдадор мешавад, рекламаи тайёр карда шударо қабул намуда, ҳаққи хизмати тайёркунандаи рекламаро пардозад [8].

Ҳамин тавр, шартнома оид ба тайёр кардан ё истеҳсоли реклама дар байни фармоишгари реклама (рекламадиҳанда) ва истеҳсолкунанда ё тайёркунандаи реклама баста мешавад. Рекламадиҳанда шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие мебошанд, ки бо фармоиши онҳо рекламаи муайян омода ва паҳн карда мешавад;

Ба сифати фармоишгар (рекламадиҳанда) ташкилотҳои гуногун ва соҳибкорони инфиродӣ амал карда метавонанд. Ҳар як шаҳрванд низ аз ин ҳуқуқ истифода мебарад, яъне қонун доираи фармоишгарони рекламаро маҳдуд накардааст.

Ҳамчун истеҳсолкунанда ё тайёркунандаи реклама соҳибкорони инфиродӣ ё ташкилотҳои махсусе амал мекунанд, ки рекламаро тайёр мекунанд. Ташкилотҳои рекламавӣ мумкин аст, тибқи қонунгузории маданӣ дар шаклҳои гуногун таъсис дода шаванд. Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои худ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкориашон рекламатайёркунандагон метавонанд, ассотсиатсияҳо ё иттифоқҳоро таъсис диҳанд.

Дар мамлакатҳои тараққиёфтаи ҷаҳон ташкилотҳои зиёди рекламавӣ дар намуди агентҳои рекламавӣ амал мекунанд, ки ба омода кардани реклама машғул мебошанд.

Рекламадиҳанда объекти рекламаро аниқ, мақсад ва вазифаҳои рекламаро муайян карда, ба тайёркунандаи реклама пешниҳод менамояд. Тайёркунандаи реклама дар асоси ин пешниҳод рекламаро омода месозад. Тайёр кардани реклама якчанд давраро дар бар мегирад. Дар давраи аввал аз тарафи тайёркунандаи реклама эскиз, ссенария, нақша, макет ва ғайра тайёр

ва барои тасдиқ ба фармоишгар (рекламадиҳанда) пешниҳод карда мешавад. Фармоишгар (рекламадиҳанда) маводро гирифта, баъди пурра омӯхтани он барои тайёр кардани реклама ба истеҳсолкунанда ё тайёркунандаи реклама ризоят медиҳад.

Шартномаи тайёр кардани реклама бо баъзе хусусияти худ ба шартномаи паймонкорӣ монанд аст. Пеш аз ҳама аз рӯйи тараф, объект, муҳлат ва ғайра ин шартномаҳо ба ҳамдигар қаробат доранд.

Шартномаи дигари рекламавӣ шартномаи паҳн кардани реклама мебошад, ки он ба шартномаҳои хизматрасонӣ шабоҳат дорад.

Мувофиқи шартномаи паҳн кардани реклама иҷрокунанда (паҳнкунандаи реклама) уҳдадор мешавад, ки дар асоси супориши фармоишгар (рекламадиҳанда) рекламаи ба у додашударо паҳн намояд, фармоишгар уҳдадор мешавад, ҳаққи хизмати паҳнкунандаи рекламаро пардозад.

Тарафҳои шартнома оид ба паҳн кардани реклама фармоишгар ва иҷрокунанда (паҳнкунандаи реклама) мебошанд. Ҳамчун фармоишгар ташкилотҳои гуногун, соҳибкорони инфиродӣ, ҳамчунин шаҳрвандон ва ба сифати паҳнкунандагони реклама ташкилотҳои соҳибкорӣ ва соҳибкорони инфиродӣ амал мекунанд, ки рекламаи ба онҳо супорида шударо паҳн менамоянд.

Дар бозори муносибатҳои рекламавӣ намудҳои дигари шартномаҳои рекламавӣ низ истифода мегардад. Яке аз намудҳои хеле паҳншудаи шартномаҳои рекламавӣ дар шароити имрӯза шартномаи комплексӣ оид ба хизматрасонии рекламавӣ мебошад. Ин шартнома аз шартномаҳои дар боло овардашуда бо он фарқ менамояд, ки ҳамчун рекламатайёркунанда ва рекламапаҳнкунанда як шахс амал менамояд [7]. Дар ин маврид хизматрасонии рекламавӣ барои рекламадиҳанда ниҳоят муфид аст, зеро ӯ ба ҷои ду шартнома як шартномаи маданӣ имзо менамояд.

Рекламае, ки дар асоси ин шартнома таҳия гардидааст, ба воситаи радио, телевизион, интернет ва дигар роҳҳо паҳн карда мешавад. Мазмун ва

мундариҷаи чунин рекламаҳо хеле кӯтоҳ ва диққатҷалбкунанда буда, барои ташвиқи харидорон аҳамияти калон доранд.

Мувофиқи шартномаи муаллифӣ-фармоишӣ оид ба реклама истеҳсолкунандаи реклама бояд чунин корҳоро анҷом диҳад: тартиб додани супоришҳо, коркарди ссенария, тасдиқи онҳо аз тарафи фармоишгар, иҷрои ссенария. Азбаски тайёр кардани чунин рекламаҳо фаъолияти эҷодӣ - интеллектуалиро талаб менамояд, аз ин ҷиҳат мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» нисбати чунин рекламаҳо ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он пурра ё қисман паҳн мегардад. Дар ин маврид ҳуқуқҳои мазкур мувофиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда шаванд.

Бо мақсади ҷолиб шудани реклама ҳангоми тайёр кардани он шахсони машҳур, ба мисли актёрон, ровиён, олимон, мутахассисон ва дигарон даъват карда мешаванд, ки дар ин маврид тайёркунандаи реклама ба онҳо шартномаи махсус, яъне созишномаи иҷрои кор ё паймонкорӣ мебандад.

Шартномаҳои рекламавӣ ба силсилаи созишномаҳои консенсуалӣ, музднок ва дуҷониба дохил мешаванд. Мавзуи шартномаҳои зикргардида иҷрои кору хизматҳои муайян мебошад.

Объекти шартномаҳои рекламавӣ маводи ракламавӣ аст, ки таҳия ва паҳн карда мешавад. Он бо мақсади шавқманд намудани харидорон барои харидорӣ кардани мол равона карда шудааст. Мақсади истеҳсолкунанда ва ё фурушанда аз таҳия ва паҳн кардани реклама ташвиқи харидорон барои харидории мол аз онҳо мебошад.

Хусусияти шартномаҳои тайёр кардани реклама, паҳн кардани он ва дигар шартномаҳои рекламавӣ тақозо мекунад, ки онҳо дар шакли хаттӣ баста шаванд, зеро ҳангоми иҷрои шартҳои созишномаҳо баҳсҳои гуногун ба вуҷуд меоянд.

Дар шартномаҳои рекламавӣ вақт хеле муҳим аст, зеро муносибатҳои рекламавӣ водор мекунанд, ки тарафҳо уҳдадориҳои худро дар вақти муайянгардида иҷро намоянд. Агар муқаррароти Кодекси маданиро оид ба

шартномаи паймокорӣ нисбати шартномаҳои рекламавӣ татбиқ намоем, пас зарур аст, ки муҳлати оғози кор ва анҷоми он дар шартномаҳои мазкур нишон дода шавад. Муҳлати шартномаҳои рекламавӣ бояд мувофиқи ризояти тарафҳо муайян гардад.

Яке аз унсурҳои хеле муҳимми шартномаҳои дар боло қайдшуда нархи шартнома ба ҳисоб меравад. Он дар асоси ризояти тарафҳо муайян карда, дар шартнома нишон дода мешавад. Тайёркунандаи реклама сметаи хароҷотро оиди иҷрои супориш тартиб дода, ба супоришгар пешниҳод менамояд. Сметаи хароҷот бояд маблағи мавод ва кору хизматро дар бар бигирад.

Мазмуни шартномаҳои рекламавӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ва дигар шартҳоро дар бар мегирад. Хотиррасон намудан лозим аст, ки ҳангоми муқаррар кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн бояд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» (моддаҳои 5-9), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 276), Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 [3] (моддаҳои 6-9) ро бояд ба инобат гирифт.

Як нуктаро махсус баён кардан зарур аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» қисман ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои рекламавиро муайян намудааст. Ба фикри мо, дар шароити имрӯза ва муносибатҳои тиҷоратиро ба эътибор гирифта, барои пурра ва ҳаматарафа тартиб додани шартномаҳои рекламавӣ бояд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои махсуси ҳуқуқӣ ҷо дода шаванд.

Ҳамин тавр, танзими ҳуқуқии шартномаҳои рекламавӣ ниҳоят муҳим буда, на ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқии дар асоси шартномаҳои мазкур ба вуҷуд омада танзими худро ёфтаанд. Аз ин сабаб, бо мақсади танзими ҳуқуқии шартномаҳои рекламавӣ ба Кодекси мпдании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» меъёрҳои нави ҳуқуқӣ ворид намудан мувофиқи мақсад аст.

## Сарчашмаҳои истифодашуда

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022// Сайти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. http:// www. mmk. Tj.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 // АМО Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2003. - № 8. -М.457.

3. Қонуни Ҷумҳурии Точикистон .«Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри с. 2004// АМО Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2004. - № 12.-Қ.1. - М. 699.

4. Международный кодекс рекламной практики// Сборник законодательных и иных правовых актов и документов по рекламе. -М.,2000.

5. Булатецкий Ю. Е., Рассолов М.М. Торговое (коммерческое) право: Учебник для бакалавров / Под ред. С.Н. Бабурина.- М.: Изд. Юрайт, 2012.- 591 с.

6. Маҳмадхонов Т. Лексияҳо аз ҳуқуқи тиҷорат. Маводи таълимӣ. - Душанбе: Озар, 2011.- 472 с.

7.Предпринимательское право Российской Федерации / Отв. ред. Е.П. Губин, П.Г. Лахно.- М.: Юристь, 2003.

8.Пугинский Б.И. Коммерческое право России. -М.: Изд «Зерцало», 2008. - 350 с.

**Маҳмадхонов Т.,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионӣ
**Файзуллозода Ш.Ф.**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионӣ

# МАФҲУМИ ШАРТНОМАИ АГЕНТӢ ВА ХУСУСИЯТИ ОН ТИБҚИ КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия**

Шартномаи агентӣ ба қатори шартномаҳои миёнаравӣ дохил мешавад Истифодаи шартномаи агентӣ дар муомилоти мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Дар мақола оид ба хусусияти шартномаи агентӣ сухан меравад.
**Калидвожаҳо:** шартнома, шартномаи агентӣ, агент, принсипал, миёнаравии тиҷоратӣ, мафҳуми шартномаҳои миёнаравӣ, субъектҳои, субъектҳои шартномаи агентӣ, шартномаи агентии тиҷоратӣ.

# ПОНЯТИЕ АГЕНТСКОГО ДОГОВОРА И ЕГО ОСОБЕННОСТИ СОГЛАСНО ГРАЖДАНСКОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

Агентский договор относится к посредническим договорам. Использование агентского договора в гражданском обороте Республики Таджикистан имеет большое значение. В данной статье речь идёт об особенности агентского договора.

**Ключевые слова:** договор, агентский договор, агент, принсипал, коммерческое посредничество, понятие посредничествых договоров, субъект, субъекты агентского договора, коммерческий агентский договор.

Истифодаи шартномаи агентӣ дар муомилоти мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи зиёд надорад. Шартномаи мазкур дар давраи инкишофи иқтисоди бозорӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Боби 56 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моддаҳои 1110-1114-ро дар бар мегирад, ба танзими ҳуқуқии шартномаи агентӣ бахшида шудааст.

Дар моддаи 1110 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шартномаи зикргардида чунин таъриф дода шудааст: Мувофиқи шартномаи

агентӣ як тараф (агент) уҳдадор мешавад, бо гирифтани подош тибқи супориши тарафи дигар (принсипал) амалҳои ҳуқуқӣ ва амалҳои дигарро аз номи худ, вале аз ҳисоби принсипал, ё ин ки аз ном ва аз ҳисоби принсипал анҷом диҳад.

Тавре ки дида мешавад, шартнома дар байни агент ва принсипал баста мешавад. Калимаи «агент» аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънояш намоянда, иҷрокунандаи супориши ташкилот, шахси ваколатдор мебошад.

Калимаи принсипал дар ҳуқуқи шартномавии мамлакатҳои хориҷии Ғарб ниҳоят зиёд истифода мегардад. Ин калима ба монанди калимаи агент аз забони лотинӣ гирифта шуда маънояш «асосӣ» мебошад.

Шартномаи агентӣ ба қатори шартномаҳои миёнаравӣ дохил мешавад. Дар тиҷорат истифода намудани фаъолияти миёнаравӣ хеле зарур аст, зеро истеҳсолкунанда ё фурӯшанда бо ин амал метавонад, пеш аз ҳама вақт ва қувваҳои меҳнатии худро барои истеҳсоли мол ва хариди ашёи зарурӣ сафарбар намояд.

Зиёда аз ин, субъектҳое, ки миёнаравиро амалӣ мекунанд, дар ин кор малака, маҳорат ва таҷрибаи бой доранд. Ба ибораи дигар гӯем, онҳо мутахасиси кори худ мебошанд. Миёнаравии тиҷоратӣ хизматрасонии ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошад, ки бо мақсади фурӯши мол равона карда мешавад. Фаъолияти миёнаравӣ дар тиҷорат барои тезтар фурӯхтани мол ва бештар ба даст овардани фоида аҳамияти калонро соҳиб мегардад.

Ташкилотҳои миёнарав на танҳо фаъолияти тиҷоратиро амалӣ мекунанд, балки онҳо корҳои хеле зиёдеро, ки ба савдо алоқаманд мебошанд, анҷом медиҳанд. Аз ҷумла, дар бораи фурӯшандагон ва харидорон маълумоти лозима ҷамъ меоваранд, қобилияти харидорӣ доштани ташкилотҳоро меомӯзанд, барои бастани шартномаҳои хариду фурӯш, мубодила ва монанди онҳо кӯмак менамоянд, барои нигоҳдошти мол, бастабандӣ, тамғазанӣ ва дигар амалиёт ёрӣ мерасонанд.

Бояд зикр намоем, ки шартномаи агентӣ дар мамлакатҳои тараққиёфтаи сармоядорӣ намудҳои хеле бисёр дорад. Муаллифи яке аз

китобҳои дарсӣ оид ба ҳуқуқи тиҷорат Б.И. Пугинский қайд мекунад, ки дар муомилоти тиҷоратии ин мамлакатҳо истифодаи зиёда аз сад намуди шартномаи агентӣ ба назар мерасад [6. С. 232.].

Аз ҳама бештар, шартномаи агентии тиҷоратӣ, шартномаи агентии молиявӣ, шартномаи агентии туристӣ ва ғайра дар муомилоти маданӣ истифода мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аввалҳо чунин шартнома кам баста мешуд, дар баробари тараққӣ кардани муносибатҳои бозорӣ барои бештар бастани ин шартнома зарурият пайдо гардид ва вобаста ба ин танзими ҳуқуқии он низ анҷом дода шудааст.

Шартномаи агентӣ ба қатори шартномаҳое дохил мегардад, ки барои хизматрасонӣ баста мешаванд. Аз ҳама бештар бастани шартномаи агентӣ барои иҷрои амалиёте, ки ба тиҷорат дахл дорад, равона мегардад.

Масалан, барои фурӯхтани ашёи гуногун, аз ҷумла ашёи манқул ва ғайриманқул шахс метавонад, аз шартномаи агентӣ истифода намоянд. Аз ин нуқтаи назар, шартномаи агентӣ башартномаи агентии тиҷоратӣ ва шартномаи агентии  маишӣ ҷудо карда мешавад.

Шартномаи агентӣ, хусусан, аз тарафи тоҷирони аз хориҷ мол воридкунанда ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ин молро ба харидорон мерасонанд, амалӣ карда мешаванд .

Шартномаи агентӣ низ аз дигар шартномаҳои маданӣ бо хусусиятҳои худ фарқ менамояд. Пеш аз ҳама шартномаи агентӣ тараф, мавзуъ, объект ва мазмуни махсуси  худро дорад. Дар баробари ин шартномаи шартномаи агентӣ бо дигар шартномаҳо аломатҳои умумиро соҳиб аст.

Шартномаи агентӣ ба мисли шартномаҳои хариду фурӯш, иҷора, супориш, комиссия ва ғайра ба қатори шартномаҳои дуҷониба дохил мешавад. Дар шартномаҳои дуҷониба ҳар ду тараф ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадорӣ доранд.

Вобаста ба лаҳзаи пайдоиши ҳуқуқ ва уҳдадориҳо шартномаҳои маданӣ воқеӣ ва консенсуалӣ мешаванд. Шартномаи агентӣ ба қатори шартномаҳои консенсуалӣ дохил мешавад.

Шартномаи агентӣ дар аксари мавридҳо музднок мебошад. Аз рӯйи шартномаҳои музднок як тараф ба ивази уҳдадории иҷрокардааш ҳуқуқ дорад музд ё дигар пешниҳоди мутақобиларо ба даст орад, масалан, шартномаҳои хариду фурӯш, мубодила, иҷора ва ғайра. Пешниҳоди музд барои иҷро аз ҷониби тарафи дигари уҳдадорӣ метавонад бо пардохти маблағи пулӣ, таҳвили молу мулк, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ анҷом дода шавад. Пул ба сифати эквиваленти умумӣ дар шартномаи музднок истифода бурда мешавад [2. С-76].

Шартномаи  агентӣ ба қатори шартномаҳои молумулкӣ мансуб аст [6. С-234]. Шартномаҳои молумулкӣ ба танзими фаъолияти шахсон оид ба гирифтани молу мулк ё дигар неъмат равона шудаанд, ки дар натиҷаи иҷрои уҳдадорӣ ба он ноил  мешаванд.

Шартномаи агентӣ ба дигар шартномаҳо монанд бошад ҳам, дар навбати худ аломатҳои фарқкунандаи худро низ дорад. Шартномаи агентӣ ба шартномаи супориш монанд аст, зеро дар ҳар ду шартнома супориши дигар тараф иҷро карда мешавад. Фарқи шартномаи агентӣ аз шартномаи супориш пеш аз ҳама дар он аст, ки агар дар шартномаи супориш вакил аз номи ваколатдиҳанда амал кунад, мутобиқи шартномаи агентӣ  агент ҳуқуқ дорад аз номи худ ва аз ҳисоби принсипал ё аз номи принсипал ва аз ҳисоби ӯ амал намояд.

Доираи истифодаи шартномаи агентӣ нисбат ба шартномаи супориш ниҳоят васеъ мебошад, зеро мавзуи  шартномаи мазкур на танҳо амалҳое, ки натиҷаи ҳуқуқӣ доранд (амалҳои ҳуқуқӣ), инчунин амалҳое низ мебошанд, ки оқибатҳои  ҳуқуқиро ба вуҷуд намеоранд. Ин хусусият, яъне амалҳое,  ки барои принсипал оқибатҳои  ҳуқуқиро ба вуҷуд намеоранд, фақат ба шартномаи агентӣ хос аст. Мисол, амалиёти агент оид ба паҳн кардани реклама, омӯзиши талаботи бозор, ҷустуҷӯйи харидорон ва м. и.

Амалҳое,ки оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеоранд, ҳангоми бастани шартномаи агентӣ дар соҳаи хизматрасонии фарҳангӣ ниҳоят зиёд сурат мегирад. Соҳибкорони инфиродие, ки ҳар гуна намоишҳои театрӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ ва консертӣ ташкил мекунанд, чунин амалиётро ба анҷом мерасонанд. Ин гуна соҳибкоронро, ки ба тадбирҳои намоишӣ ва фарҳангӣ сарукор доранд, агентҳои адабӣ, шоуменҳо, импрессарио, продюссер ва м.и. мегӯянд. [3. С-109]

Амалҳои номбурдаро дар якҷоягӣ амалиёти комплексӣ гуфтан мумкин аст. Ҳамин тавр, агент мувофиқи шартномаи агентӣ амалиёти комплексиро иҷро менамояд.

Агар дар шартномаи супориши номи вакил ба шахси сеюм маълум гардад, дар шартномаи агентӣ номи супоришдиҳанда (принсипал) ба шахси дигар ошкор карда намешавад [6 С.209]. Шартномаи агентӣ ба мисли шартномаи супориш барои хизматрасонӣ муайян карда шудааст.

Шартномаи агентӣ бо шартномаи меҳнатӣ монанд аст, аммо вай аз ин шартнома фарқ менамояд, зеро дар шартномаи агентӣ тарафҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ намебошанд.

Ҳамчунин, шартномаи агентиро аз шартномаи хизмати адвокат фарқ намудан лозим аст. Адвокат уҳдадор аст, ки вазифаи худро дар асоси кодексҳои мурофиавӣ иҷро намояд, комитент бошад, дигар вазифаҳо дорад [4. С-264].

Асоси ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ аз рӯйи шартномаи агентӣ факти ҳуқуқӣ розигии тарафҳо мебошад. Асосан, муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар асоси фактҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд.

Факти ҳуқуқӣ бошад ин асоси бавуҷудойӣ, тағирёбӣ ва қатъгардии муносибатҳои маданиро фактҳои ҳуқуқӣ меноманд. Таҳти мафҳум фактҳои ҳуқуқӣ ҳолатҳое фаҳмида мешаванд, ки қонунгузорӣ бавуҷудоӣ, тағйрёбӣ ё қатъгардидани муносибатҳои ҳуқуқи маданиро бо онҳо вобаста менамояд.

Бояд гуфт, ки муносибатҳои агент бо шахсони сеюм (харидорон) мувофиқи муқарраroти шартномаи хариду фурӯш танзим карда мешавад, зеро

ки дар назди харидор агент ҳамчун фурӯшанда ҳуқуқу уҳдадориҳо пайдо менамояд [3].

Шартномаи агентӣ ба шартномаи комиссия монандӣ дошта бошад ҳам, бо аломатҳои худ аз он фарқ мекунад.

Пеш аз ҳама, мутобиқи шартномаи комиссия комиссионер аз номи худ, вале аз ҳисоби тарафи дигар амал намояд, дар шартномаи агентӣ бошад, агент ҳуқуқ дорад аз номи худ ва аз ҳисоби принсипал ё аз номи принсипал ва аз ҳисоби ӯ амал намояд· Тавре ки дида мешавад, дар шартномаи агентӣ ваколати агент хеле зиёд аст.

Ҳамин тавр, бастани шартномаи агентӣ дар мамлакатҳои пешрафтаи сармоядорӣ хеле маъмул бошад ҳам, дар муносибатҳои тиҷоратии мо падидаи нав мебошад, аз ин рӯ танзими ҳуқуқии он барои беҳтар анҷом додани фаъолияти тиҷоратӣ аҳамияти калонеро касб менамояд.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022// Сайти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. http:// www. mmk. Tj.

2.Гражданское право. В 2 т. Том I.Учебник / Отв. ред. Е. А. Суханов. -М.: Изд. БЕК, 2003.-544 с.

3.Гражданское право. Учебник. Том 2 / Под редакции А.П. Сергеева и Ю.К. Толстого. -М., «Проспект», 2010. -834 с.

4. Завидов Б.Д. Договоры посреднических услуг.- М., 1997.

5.Маҳмадхонов Т. Лексияҳо аз ҳуқуқи тиҷорат. Маводи таълимӣ. Душанбе: «Озар», 2011. - 472 с.

6.Пугинский Б.И. Коммерческое право России. -М.: «Изд. Зерцало», 2008. -350 с.

**Сафарзода Эраҷ Гулаҳмад**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail: Safarov.eradzh@bk.ru

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ-МАЪМУРИИ МАҚОМИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲИМОЯ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРӢ

*Аннотатсия:* Мақола ба вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ бахшида шудааст. Таъкид мешавад, ки вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии мақоми мазкур бо маҷмуи ваколатҳо дар соҳаи идораи давлатӣ марбут ба самти ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ муайян гашта, ҳамчун мақоми марказии ҳокимияти иҷроия фаъолиятро оид ба иҷрои барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ анҷом медиҳад. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили асноди ҳуқуқӣ ба яккатор камбудиҳо дар дар ишора намуда, ҷиҳати ислоҳи онҳо пешниҳод менамояд.

*Калидвожаҳо:* мақоми ваколатдор оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми марказии ҳокимияти иҷроия, дастгирии давлатии соҳибкорӣ,

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон ислоҳоти кулли ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ оғоз гардид. Низоми иқтисодии мамлакат ба асосҳои бозории рушд гузашта, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар гардид [1,4].

Фаъолияти соҳибкорӣ акнун як рукни муҳиму асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, бо мақсади рушду такомули он заминаи густурдаи қонунгузорӣ фароҳам оварда шуд. Дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ки 28-уми декабри соли 2024 ба Маҷлиси Олӣ ироа шуд, таъкид мегардад, ки “Ҳукумати мамлакат ҷиҳати

фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста чораҷӯйӣ карда истодааст” [2].

Бо мақсади ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор дорад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро таъмин мекунад. Дар моддаи 1-уми Қонуни мазкур бори нахуст дар таҷрибаи қонунэҷоди кишвар мафҳуми “мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” мустаҳкам шуд, ки чунин тавсиф дода мешавад: “мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатие, ки сиёсати давлатиро оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ амалӣ менамояд” [3]. Муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб дониста шуда, тибқи Қарори мақоми мазкур аз 31-уми январи соли 2015 мақоми ваколатдор Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумитаи давлатӣ) муайян гардид [4].

Кумитаи давлатӣ дар асоси Низомнома дар бораи он фаъолият дорад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2006 №590 тасдиқ шуда, бо тағйиру иловаҳои минбаъда то ҳанӯз амал карда истодааст [5]. Ҳатто нашри Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми ноябри соли 2013, №12 “Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки тибқи он теъдоди мақомоти идораи давлатӣ дар сатҳи марказӣ бознигарӣ шуд [6], боиси қабули санади нав нисбати фаъолияти мақоми мазкур нагардид. Тибқи банди 1-уми Низомномаи дар болоишорашуда Кумитаи давлатӣ мақоми марказии ҳокимияти яҷроия буда, дар доираи салоҳияти худ сиёсати давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи сармоягузорӣ, тадбирҳои мақсаднок оид ба ҷалб, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги кӯмаки беруна, идораи амволи давлатӣ, роҳбарӣ ва амалӣ намудани раванди ғайридавлатигардонӣ ва хусусигардонии

моликияти давлатӣ татбиқ намуда, манфиати давлатро намояндагӣ мекунад, фаъолиятро оид ба иҷрои барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ анҷом медиҳад [5].

Вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии Кумитаи давлатӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ бо маҷмуи ваколатҳои он дар соҳаи идораи давлатӣ муайян мешавад. Мақоми мазкур, бешубҳа, шомили мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, ба зернизоми иҷроияи он шомил мебошад. Олими шинохтаи ҳуқуқи маъмурии ватанӣ Б.Ҳ.Раззоқов, ки дар соҳаи бунёди сохтории ҳокимияти иҷроия дар Тоҷикистон тадқиқоти густурда анҷом додааст, ба тафриқаи мақомоти ҳокимияти иҷроия таваҷҷӯҳ дода, ваколати нашри санадҳои барои иҷро ҳатмиро нисбати доираи номаҳдуди суроғавӣ дар доираи салоҳияти муқарраршуда - аломати фарқкунандаи онҳо меҳисобад [7,14].

Бозгашта ба Фармони №12 бояд тазаккур дод, ки дар номгузории он ду камбудӣ мушоҳида мешавад: аввалан, ҳарчанд мазмуни он ба мақомоти сатҳи марказии ҳокимияти иҷроия бахшида шуда бошад ҳам, истилоҳи “марказӣ” дар номгузории он истифода нашудааст; дуюм, ибораи “мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ”, ки дар қонунгузории миллӣ васеъ истифода мешавад, ба муқаррароти конститутсионӣ мувофиқат намекунад. Тавре дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ асоснок ишора мешавад, дар банди 6-и моддаи 69-уми Конститутсияи ҷумҳурӣ мафҳуми “мақомоти ҳокимияти иҷроия” мустаҳкам шудааст ва он бояд дар ҳаёти ҳуқуқӣ ва бунёди ташкилӣ мавриди истифода қарор гирад [8, 9]. Ба андешаи мо, инобати ин мавқеъ зимни таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунӣ муҳим мебошад.

Дар Низомномаи Кумитаи давлатӣ вазъи ҳуқуқӣ, ваколатҳо, ташкили фаъолият, сохтори дастгоҳи марказӣ, нақшаи идоракунӣ ва номгӯйи ташкилотҳои низоми он муайян гардидаанд. Кумитаи давлатӣ фаъолияти худро мустақиман ва тавассути мақомоти ҳудудии худ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳокимияти иҷроия, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо анҷом медиҳад, шахси ҳуқуқӣ буда, дорои муҳр бо сабти Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ, муҳрҳои

дахлдор штампу бланкаҳо мебошад ва аз суратҳисоби ягонаи хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мегардад. Ба Кумитаи давлатӣ раис роҳбарӣ мемамояд, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Раис барои иҷрои ваколатҳои ба зиммаи мақоми мазкур гузошташуда ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқаррааргардидаи фаъолият дар назди Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ масъулияти шахсӣ дорад.

Аз таҳлили Низономномаи Кумитаи давлатӣ бармеояд, ки ба он дар соҳаи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ваколатҳои зерин дода шудаанд:

- мусоидат ба соҳибкорони маҳаллӣ дар ҷустуҷӯи сармоягузорони хориҷӣ;

- мусоидат ба ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ дар асоси рушди соҳибкорӣ;

- пешбурди сиёсати давлатӣ, ки ба дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд ва миёна нигаронида шудааст, мусоидат ба таҳкими бахши соҳибкории иқтисодиёт, танзими давлатӣ, ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ ва байниминтақавӣ дар соҳаи рушд ва дастгирии соҳибкории хурд;

- таҳия ва таъмини татбиқи барномаҳои давлатии дасггирии соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкории хурду миёна;

- мусоидат ба рушди фаъолияти сармоягузории субъектҳои соҳибкории хурд;

- мусоидат ба рушди соҳибкории хурд ва миёна;

- мусоидат ба ташаккул ва рушди инфраструктураи соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ;

- таҳлили ҳолати соҳибкори ва самарабахшии чорабиниҳои дастгирии давлатӣ;

- таҳлили барномаҳои милтақавии рушди соҳибкорӣ;

- иштирок дар татбиқи назорати истифодаи самарабахши воситаҳои молиявии давлатӣ, ки барои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ нигаронида шудаанд;

- таъсис додани фондҳои қарздиҳии хурд ба соҳибкорон бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ;

- омода намудани хулоса ва дар мавридҳои зарурӣ додани пешниҳодот ба бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми додани қарзҳо ба соҳибкорон;

- пешбурди феҳристи ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, намояндагиҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони тоҷики бурунмарзӣ;

- таҳияи пешниҳодот дар бораи фароҳам овардани шароитҳои имтиёзнок ҷиҳати аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ истифода бурдани захираҳои молиявии давлатӣ, моддию техникӣ ва иттилоотӣ, инчунин коркардҳо ва технологияҳои илмию техникӣ;

- ташкили ҳамкориҳои муштараки мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;

- ба Ҳукумати ҷумуҳрӣн манзур доштани пешниҳодот оид ба такмили системаи андозбандӣ, тағйир додани сиёсати молиявӣ ва кредитӣ нисбат ба субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади таъмини дастгирии онҳо;

- дастгирии давлатии соҳибкорӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷии субъектҳои он, аз ҷумла рушди робитаҳои тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва истеҳсолии онҳо бо шарикони хориҷӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ мусоидат менамоянд.

Тибқи банди 10-и Низомнома Кумитаи давлатӣ ба нашри санадҳои умумиҳатмӣ ҳуқуқ дорад ва онҳо дар шакли қарорҳо бароварда мешаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Кумита, ки хусусияти умумиҳатмӣ доранд, аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ дар Вазорати адлияи Ҷумқурии Тоҷикистон эътибор пайдо мекунанд. Дар ҳамин банд ишора мешавад, ки санадҳои дорои хусусияти ғайримеъёрии Кумитаи давлатӣ дар шакли фармон бароварда мешаванд [5].

Биноан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки аз 30-юми майи соли 2017 эътибори ҳуқуқӣ дошта, муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танзим намуда, принсипҳои

асосӣ, мафҳум, намуд, низом, таносуби байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, эътибори ҳуқуқӣ, тартиби умумии таҳия, экспертиза, қабул, интишор, баҳисобгирӣ, бақайдгирии давлатӣ, амал, тафсир, мураттабсозии онҳо ва роҳҳои ҳалли ихтилофоти ҳуқуқиро муайян мекунад, намуди санадҳои ҳуқуқии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияро низ пешбинӣ намудааст. Тибқи бандҳои 2 ва 3-и моддаи 24-уми Қонуни мазкур, кумитаҳои давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар шакли қарор расмӣ кунонида, барои барои ҳалли масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ қарорҳои хусусияти меъёрӣ надошта қабул мекунанд [9].

Аз ин муқаррароти санади қонунгузорӣ бармеояд, ки санадҳои ҳуқуқии чӣ меъёрӣ ва чӣ ғайримеъёрии кумитаҳои давлатӣ дар шакли қарор қабул мешаванд. Фармон бошад минбаъд санади ҳуқуқие мебошад, ки интишори он танҳо ба Президенти ҷумҳурӣ ҳамчун Сардори давлат таалуқ дорад. Бинобар ислоҳи меъёри дахдори Низомномаи Кумитаи давлатӣ бо назардошти талаботи Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тақозо мегардад.

Ҳамин тавр, вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии Кумитаи давлатӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ бо маҷмуи ваколатҳо дар соҳаи идораи давлатӣ марбут ба самти ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ муайян гашта, ҳамчун мақоми марказии ҳокимияти яҷроия фаъолиятро оид ба иҷрои барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ анҷом медиҳад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар асноди ҳуқуқии марбут ба ташкили ҳокимияти иҷроия ҳанӯз ҳам истилоҳоту мафҳумҳои конститутсионӣ ба таври устувор ҷойгоҳ наёфта, санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ марбут ба вазъи ҳуқуқии мақоми мазкур ба такмили минбаъда ниёз доранд.

**Адабиёт:**


1.Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, 2016.

2.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ - [Захираи электронӣ] - реҷаи дастрасӣ: https://prezident.tj: санаи мурочиат: 11.10.25.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз 26 июли соли 2014, №1107. [Шакли электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: www.adlia.tj : санаи муроҷиат: 27.11.2025.
4.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2015, №33 «Дар бораи муайян намудани Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ». [Шакли электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: www.adlia.tj: санаи муроҷиат: 27.11.2025.
5.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2006 №590 “Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи Кумитаи сармоягузори ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо тағйиру иловаҳои минбаъда) ([Шакли электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: www.adlia.tj: санаи муроҷиат: 27.11.2025.
6.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми ноябри соли 2013, №12 “Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо тағйиру иловаҳои минбаъда) ([Шакли электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: www.adlia.tj: санаи муроҷиат: 25.11.2025.
7.Раззоков Б.Х. Исполнительная власть Таджикистана: правовые проблемы институционального реформирования. –Душанбе, «Ирфон». 2013.
8.Раззоқзода Т.М. Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Автореф.дис....н.и.ҳ.. Душанбе, 2024.
9.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017.№5. Қ1. М.271.

**Исмоилов А.Ш.**
старший преподаватель кафедры коммерческого и антикоррупционного права ТГУК, Душанбе, Республика Таджикистан, Тел.: 935800343

# ТАМОЖЕННЫЙ КОНТРОЛЬ В СФЕРЕ ИНТЕРНЕТ-ПОКУПОК: ПРОБЛЕМЫ, ПРАКТИКА И ПЕРСПЕКТИВЫ

**Аннотация:** В статье рассматриваются современные механизмы таможенного контроля в сфере трансграничной электронной коммерции, обусловленные стремительным ростом интернет-покупок и изменением логистических цепочек. Анализируются особенности обработки мелких почтовых отправлений, проблемы недекларирования стоимости, риски ввоза контрафактной продукции, а также специфика взаимодействия таможенных органов с маркетплейсами и почтовыми операторами. Особое внимание уделено цифровизации таможенных процедур, внедрению систем управления рисками, предварительному информированию и использованию интеллектуальных технологий досмотра. Представлен сравнительный обзор регулирования в России и Республике Таджикистан, включая различия в порогах беспошлинного ввоза, уровне автоматизации и пропускной способности таможенной инфраструктуры. Показано, что эффективность контроля зависит от степени цифровой зрелости таможенной системы, качества нормативно-правовой базы и способности государства адаптироваться к новым масштабам трансграничной интернет-торговли. Полученные выводы позволяют выявить ключевые направления модернизации таможенной деятельности и возможности повышения прозрачности и безопасности рынка электронной коммерции.

**Ключевые слова:** таможенный контроль; электронная коммерция; трансграничные интернет-покупки; международные почтовые отправления; система управления рисками; предварительное информирование; цифровизация таможних процедур; контрафактная продукция; маркировка

товаров; техническое регулирование; логистическая инфраструктура; беспошлинный лимит; таможенное законодательство; Республика Таджикистан; ФТС России; автоматизированные средства контроля; импорт для личного пользования.

Стремительное развитие электронной коммерции в последние десять лет привело к фундаментальной перестройке международной торговли и логистики, создав новый масштабный сектор глобальной экономики, где трансграничные интернет-покупки играют ключевую роль [1]. Потребители всё чаще совершают покупки на онлайн-платформах, ориентируясь на широкий ассортимент, доступность товаров, низкие цены и удобные методы доставки. В результате объёмы международных почтовых отправлений выросли многократно, причём значительная часть товарного потока приходится на заказы стоимостью до нескольких сотен долларов. Для государств это означает необходимость совершенствования механизмов таможенного контроля, адаптации инфраструктуры и правового регулирования, поскольку традиционные подходы к обработке грузов оказываются неэффективными в условиях новых логистических реальностей.

Трансграничные интернет-покупки стали важным элементом экономики России и государств Центральной Азии. В Российской Федерации ежегодные объёмы таких отправлений измеряются десятками миллионов единиц, а в отдельные периоды превышают несколько миллионов посылок в месяц. Таджикистан, несмотря на меньший масштаб рынка, также демонстрирует стабильный рост онлайн-импорта, который связан не только с прямыми интернет-заказами, но и с трансграничными почтовыми отправлениями от мигрантов, проживающих в России, Казахстане и странах Европы [3]. Для обеих стран ключевым вызовом становится обеспечение безопасности потребителей, защита рынка от контрафактной продукции, соблюдение требований технического регулирования и обеспечение полноты уплаты таможенных платежей [2].

Особенность таможенного контроля интернет-посылок заключается в том, что речь идёт о миллионах небольших отправлений, каждое из которых формально требует таможенной процедуры. В отличие от классического импорта, где товары поступают крупными партиями, интернет-торговля создаёт поток мелких грузов весом 0,5–2 кг, часто без полной коммерческой документации и с минимальными сведениями об отправителе и товаре. Это приводит к серьёзной нагрузке на таможенную инфраструктуру: сортировочные центры, почтовые терминалы, автоматизированные системы анализа данных и подразделения физического досмотра. Для сравнения: если традиционный контейнер может содержать 1–2 тысячи товарных позиций, то аналогичный объём по числу единиц приходится на один день работы среднего российского международного почтового обмена [3]. Такое изменение масштаба создало принципиально новую ситуацию, где скорость, автоматизация и управление рисками становятся главными инструментами таможенных органов.

Серьёзным фактором, влияющим на таможенное регулирование, является порог беспошлинного ввоза. В России долгое время действовал высокий лимит — до 1000 евро, затем 500 евро, а позже 200 евро, что стимулировало массовый рост интернет-заказов [5]. В последние годы лимит постепенно снижается, а государственные органы обсуждают введение обязательного декларирования всех посылок, аналогично европейской практике [9]. В Европейском союзе, начиная с 2021 года, беспошлинного порога практически не существует — налоговые обязательства наступают даже при стоимости товара в 1 евро. Таджикистан, напротив, придерживается более консервативной модели: значения лимита существенно ниже, а контроль за мелкими отправлениями жёстче, что связано с меньшими логистическими мощностями и стремлением государства предотвратить рост нелегального ввоза товаров коммерческого характера [9].

Современная система таможенного контроля в сфере интернет-торговли основана на принципе риск-ориентированности, когда физический досмотр

применяется только к тем отправлениям, которые потенциально нарушают законодательство. Важнейшим инструментом является предварительное информирование, при котором электронные сведения о товаре поступают ещё до прибытия отправления в страну назначения. Почтовые операторы должны передавать данные в стандартизированном электронном формате, включая описание товара, стоимость, вес, наименование отправителя и получателя. Эти сведения анализируются автоматической системой управления рисками, которая распределяет отправления по уровням контроля: «зелёный коридор» — автоматический выпуск, «жёлтый» — проверка данных, «красный» — физический досмотр [10]. Подобные модели давно применяются в США, ЕС и Китае, где доля автоматического выпуска достигает 90 % [10].

Однако в России и Таджикистане значительной проблемой остаётся занижение стоимости товаров. Продавцы из Китая и других стран нередко указывают символическую стоимость (1–5 долларов), чтобы избежать пошлин и НДС. В некоторых случаях товары декларируются как «подарки», «материалы», «аксессуары», что затрудняет правильную идентификацию [8]. Для государств, где значительную часть рынка занимают дешёвые товары массового потребления, недекларирование приводит к выпадению значительных бюджетных доходов. В Таджикистане эта проблема осложняется тем, что товары часто отправляются в составе личных посылок трудящихся-мигрантов, что снижает прозрачность и создаёт условия для серого импорта.

Отдельное внимание таможенные органы уделяют безопасности товаров и борьбе с контрафактом. Интернет-торговля стала одним из крупнейших каналов ввоза поддельной продукции, особенно одежды, обуви, бытовой электроники, косметики, товаров для детей. Контрафакт опасен не только экономическим ущербом, но и потенциальным вредом для здоровья. Например, поддельная косметика может содержать токсичные вещества, а электроника — не соответствовать стандартам безопасности. В России действует национальная система маркировки «Честный ЗНАК», однако она не

применяется к товарам, поступающим в небольших отправлениях как товары для личного пользования [11]. Аналогичная проблема существует в Таджикистане: формально многие категории товаров подлежат обязательной сертификации, но в реальности значительная их часть поступает на рынок неофициальными каналами.

В условиях стремительного роста интернет-торговли особое значение приобретает цифровизация таможенных процессов. В России реализуются масштабные проекты по внедрению искусственного интеллекта, машинного обучения, автоматических систем анализа рентгеновских изображений, цифровых профилей отправителей и получателей. Автоматизированные сортировочные центры позволяют обрабатывать десятки тысяч посылок в час, используя многоканальные конвейерные линии и интеллектуальные сканеры, которые распознают характер товаров по внутренним изображениям. Таджикистан делает первые шаги в направлении цифровизации: внедряется электронное декларирование, создаются интегрированные информационные системы, улучшается взаимодействие таможни с почтовыми операторами и курьерскими службами. Эти меры важны для повышения прозрачности, ускорения процедур и снижения коррупционных рисков.

Международный опыт является важным ориентиром. В США система CBP активно взаимодействует с такими платформами, как Amazon и eBay, получая данные об отправлениях ещё на стадии формирования заказа [5]. В ЕС заработала система IOSS (Import One-Stop Shop), которая упрощает уплату НДС продавцами и способствует повышению прозрачности недорогих отправлений [4]. Китай использует уникальную модель специальных зон свободной торговли, где товары предварительно агрегируются, проходят контроль и распределяются по странам назначения, что позволяет ускорить доставку и оптимизировать таможенные процессы [6].

Применение международного опыта особенно важно для государств Центральной Азии, включая Таджикистан, который стремится модернизировать свою таможенную систему с учётом высокой зависимости

от импортных товаров и специфики трудовой миграции. Здесь интернет-посылки выполняют не только коммерческую, но и социальную функцию: через них мигранты отправляют родным одежду, лекарства, бытовые товары, электронику [8]. Поэтому государству важно создать баланс между контролем и удобством граждан, между борьбой с серым импортом и поддержанием доступности товаров.

Современный этап развития таможенного контроля в сфере интернет-покупок показывает, что ключевым фактором становится способность государства внедрять цифровые инструменты, развивать инфраструктуру и совершенствовать нормативную базу. Россия движется в направлении ужесточения контроля и постепенного снижения лимита беспошлинного ввоза, одновременно модернизируя технику и программное обеспечение. Таджикистан же делает акцент на интеграции в международные информационные системы, улучшении качества таможенных услуг и борьбе с неформальным ввозом товаров коммерческого характера. Обе страны сталкиваются с общими вызовами — ростом объёма посылок, рисками контрафакта, необходимостью защиты бюджета и обеспечением безопасности потребителей.

Таким образом, таможенный контроль в сфере интернет-покупок сегодня является не просто технической процедурой, а важным элементом экономической, социальной и технологической политики государства. Его модернизация определяет прозрачность рынка, качество товаров, бюджетные поступления, развитие добросовестной конкуренции и уровень доверия граждан к торговым площадкам. В условиях дальнейшего роста электронной коммерции роль таможенных органов будет только усиливаться, а эффективность их работы станет одним из ключевых индикаторов успешности государственной регуляторной политики.

## Список использованной литературы:


1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Отчёт о трудовой миграции за 2023 год. – Душанбе: Агентство по статистике, 2024.
2. Всемирная организация интеллектуальной собственности (WIPO). Глобальный отчёт о поддельных и пиратских товарах. – Женева: WIPO, 2022. – 176 с. (на англ. яз.)
3. Всемирная таможенная организация (ВТО). Отчёт «Big Data и таможенная аналитика». – Брюссель: Всемирная таможенная организация, 2023. – 112 с. (на англ. яз.)
4. Всемирная таможенная организация (ВТО). Пакет документов по электронной коммерции. Техническое руководство. – Брюссель: ВТО, 2022. – 98 с. (на англ. яз.)
5. Всемирная таможенная организация (ВТО). SAFE — Рамочные стандарты безопасности и облегчения международной торговли. – Брюссель: WCO, 2022. – 152 с. (на англ. яз.)
6. Всемирная торговая организация (ВТО). Всемирный торговый отчёт 2022: Электронная коммерция. – Женева: ВТО, 2022. – 248 с. (на англ. яз.)
7. Всемирный банк. Всемирный доклад о развитии 2023: Мигранты, беженцы и общество. – Вашингтон: Всемирный банк, 2023. – 320 с. (на англ. яз.)
8. Евразийская экономическая комиссия (ЕЭК). Доклад «Развитие электронной торговли в ЕАЭС». – Москва: ЕЭК, 2023. – 92 с.
9. Министерство финансов Республики Таджикистан. Программа модернизации таможенной службы 2023–2025 гг. – Душанбе: Минфин РТ, 2023.
10. Министерство финансов Российской Федерации. Доклад «Регулирование трансграничной электронной торговли». – Москва: Минфин РФ, 2024.
11. Министерство экономического развития Российской Федерации. Аналитический обзор «Трансграничная торговля и регулирование интернет-импорта». – Москва: Минэкономразвития России, 2024.

**Файзуллозода Шаҳром Файзулло** – ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии ДДТТ

# СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

**Фишурда:** Мақола ба таҳлили ҳамаҷонибаи стандартҳои байналмилалии танзими фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мақола ҳифзи моликияти зеҳнӣ, сифати таҳсилот, ҳамкорӣ ва тиҷоратикунонии дониш ҳамчун самтҳои асосӣ омӯхта шуда, мушкилоти ҳамоҳангсозӣ ва тавсияҳои муфассал пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** стандарт, инноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, моликияти зеҳнӣ, ҳамоҳангсозӣ, тиҷоратикунонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити глобализатсияи иқтисодӣ ва гузариш ба иқтисодиёти донишмуҳандисӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) ҳамчун генераторҳои асосии инноватсияҳо, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ нақши калидӣ мебозанд. Стандартҳои байналмилалӣ дар танзими фаъолияти инноватсионии МТОК ҳамчун меъёрҳои умумӣ барои ҳамоҳангсозии низомҳои миллии таҳсилот, соҳибкорӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ бо талаботи ҷаҳонӣ амал мекунанд. Ин стандартҳо аз ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ (WIPO, TRIPS), сифати таҳсилот (Bologna Process, ISO 21001), ҳамкории байнисоҳавӣ (Frascati Manual) ва тиҷоратикунонии дониш (Oslo Manual) иборатанд, ки ба рушди устувори МТОК мусоидат мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва ислоҳотҳои қонунгузории соли 2025, ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 822 аз 16 апрели соли 2012 «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» инноватсияро ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ муайян мекунад [4]. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ № 562 аз 29 ноябри соли 2022 талабот ба инноватсияро дар барномаҳои таълимӣ ҳатмӣ мегардонад [8]. Ислоҳотҳои соли 2025 – Қонуни № 2119 «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ», № 2142 «Дар бораи мораторий ба санҷишҳо»  ва № 2173 «Дар бораи сармоягузорӣ» [3] – имкониятҳои нав барои ҳамоҳангӣ бо стандартҳои байналмилалӣ пешниҳод мекунанд.

Аҳамияти амалӣ – дар баланд бардоштани рақобатпазирии МТОК, ҷалби сармоя ва тиҷоратикунонии дониш. Дар шароити интегратсияи байналмилалӣ, ҳамоҳангӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ барои МТОК-и Тоҷикистон ҳатмӣ аст. Ин мавзӯъ дар контексти ислоҳотҳои соли 2025 ва гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст [11].

Аз ин рӯ, таҳлили стандартҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки механизмҳои муассир муайян ва мушкилоти ҳамоҳангӣ ҳал карда шаванд. Ин раванд ба рушди устувори таҳсилоти олӣ ва иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад [13].

Стандартҳои байналмилалӣ ҳамчун меъёрҳои умумӣ ва ҳатмӣ барои ҳамаи кишварҳо муайян карда мешаванд, ки фаъолияти инноватсионии МТОК-ро дар соҳаҳои ҳифзи моликияти зеҳнӣ, сифати таҳсилот, ҳамкории байнисоҳавӣ ва тиҷоратикунонӣ танзим мекунанд. Ин мафҳум аз ҳамоҳангии байнидавлатӣ бармеояд, ки ба рушди устувори инноватсия мусоидат мекунад. Мувофиқи таҳлилҳои илмӣ, стандартҳо самараи фаъолияти инноватсиониро то 40% баланд мебардоранд [11].

Стандартҳо имкон медиҳанд, ки МТОК патентҳои байналмилалӣ ба даст оранд, сармояи хориҷӣ ҷалб кунанд ва хизматрасониҳои таълимиро содирот намоянд.

Сохтори стандартҳои байналмилалӣ аз сатҳҳои гуногун иборат аст:

WIPO (Ташкилоти ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ) патентҳои байналмилалиро танзим мекунад. Тоҷикистон узви WIPO аст, вале фақат 5% патентҳои МТОК байналмилалӣ мебошанд [11].

TRIPS (Agreement on Trade-Related Aspects of Intellectual Property Rights) ҳифзи ҳатмии МЗ-ро дар тиҷорат талаб мекунад. Қонуни № 2173 имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷиро пешбинӣ мекунад, ки ба TRIPS мувофиқ аст.

Дар адабиёт, стандартҳо ҳамчун механизми рақобатпазирӣ баррасӣ мешаванд. Frascati Manual ҳамкории МТОК бо корхонаҳоро чен мекунад. Дар Тоҷикистон, фақат 28% МТОК шартномаҳои муштарак доранд [14].

Oslo Manual инноватсияро ба 4 намуд ҷудо мекунад: маҳсулотӣ, равандӣ, маркетингӣ, ташкилӣ. Қонуни № 822 ҳамаи намудҳоро дар бар мегирад.

ENQA (European Association for Quality Assurance) аккредитатсияи байналмилалӣ-ро талаб мекунад. Тоҷикистон узви ENQA нест, вале 15 МТОК аккредитатсияи аврупоӣ гирифтаанд.

Стандартҳо даромадро аз инноватсия то 30% афзоиш медиҳанд. Дар Тоҷикистон, МТОК бо ISO 2 баробар бештар грант мегиранд [10].

Дар маҷмӯъ, мафҳум ва сохтори стандартҳои байналмилалӣ ҳамчун системаи мукаммал барои ҳамоҳангсозии фаъолияти инноватсионии МТОК амал мекунад. Ин система рушди устувор-ро таъмин мекунад, вале ниёз ба ҳамоҳангсозии пурра дорад.

Ҳифзи моликияти зеҳнӣ (МЗ) ҳамчун стандарти асосии байналмилалӣ барои тиҷоратикунонии натиҷаҳои инноватсионии МТОК амал мекунад. Ташкилоти ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (WIPO) ва Созишномаи TRIPS

(WTO) меъёрҳои ҳатмиро муқаррар мекунанд [7]. TRIPS ҳифзи патентҳо, тамғаҳои молӣ ва ҳуқуқи муаллифӣ-ро дар тиҷорати байналмилалӣ талаб мекунад. МТОК ҳамчун муаллифони ихтироот метавонанд патентҳои байналмилалӣ ба даст оранд, ки ин ба ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат мекунад.

Ҳифзи моликияти зеҳнӣ (МЗ) дар фаъолияти инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) яке аз муҳимтарин омилҳои тиҷоратикунонии дониш, ҷалби сармояи хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди пешрафтҳои қонунгузории миллӣ дар солҳои охир, дар ин соҳа ҳанӯз мушкилоти ҷиддии системавӣ вуҷуд доранд, ки самаранокии фаъолияти инноватсионии МТОК-ро коҳиш медиҳанд.

Бо назардошти таҷрибаи зикршуда ва хусусиятҳои миллии Тоҷикистон, барои такмили аккредитатсияи байналмилалӣ ва стандартҳои сифати таҳсилоти инноватсионӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ассотсиатсияи аврупоии кафолати сифати таҳсилот (ENQA) то соли 2028 ва бақайдгирии Агентии миллии аккредитатсия ҳамчун узви пурраи ENQA [5]. Ин имкон медиҳад, ки аккредитатсияи миллӣ дар Аврупо ва ҷаҳон эътироф шавад.

2. Гузаронидани аудити солонаи байналмилалии мустақил барои 10 МТОК-калони ҷумҳурӣ (ДМТ, ДС ТР, ДТТТ, ДДТТ, ДА ҲБС ва ғайра) бо ҷалби агентиҳои ASIIN, FIBAA ва ACQUIN.

3. Таҳия ва татбиқи нақшаи миллӣ барои баланд бардоштани ҳиссаи барномаҳои дорои модулҳои инноватсионӣ то 30 фоиз то соли 2030 [8]. Ин бояд тавассути тағйирот ба Стандарти давлатии № 562 амалӣ гардад.

4. Омӯзиши солонаи 200 омӯзгор ва менеҷери МТОК дар стандартҳои байналмилалии идоракунии сифат (ISO 21001:2018 – Educational

organizations management systems) бо шарикии муассисаҳои Аврупо ва Осиё.

5. Таъсиси Маркази миллии аккредитатсияи байналмилалӣ бо иштироки намояндагони ENQA, AACSB ва WIPO барои омӯзиш ва ҳамроҳии МТОК дар раванди аккредитатсия.

6. Ҷорӣ кардани рейтинги миллии сифати таҳсилоти инноватсионӣ бо нишондиҳандаҳои ошкоро (фоизи аккредитатсияи байналмилалӣ, модулҳои инноватсионӣ, шумораи стартапҳо) ва ҷоизаҳои давлатӣ барои 10 донишгоҳи беҳтарин.

Дар маҷмӯъ, стандартҳои сифати таҳсилот ва инноватсия рушди МТОК-ро таъмин мекунанд. Ҳоло мувофиқати барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои миллӣ тақрибан 70 фоизро ташкил медиҳад, вале ниёз ба аккредитатсияи байналмилалӣ ва аудитҳои мустақил хеле бузург аст. Татбиқи тавсияҳои дар боло зикршуда метавонад сифати таҳсилот ва инноватсияро то 50 фоиз баланд бардорад ва МТОК-и Тоҷикистонро ба шарикони воқеии донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳон табдил диҳад [14].

Хулоса карда мешавад, ки аккредитатсияи байналмилалӣ ва стандартҳои сифати инноватсионӣ на танҳо масъалаи имиҷ, балки шарти ҳатмии зинда мондан ва рушди МТОК дар шароити рақобати ҷаҳонӣ мебошанд. Татбиқиислоҳотҳои пешниҳодшуда дар муддати миёнамӯҳлат (2026–2030) имкон медиҳад, ки Тоҷикистон аз кишвари «истеъмолкунандаи» стандартҳои хориҷӣ ба кишвари «содиркунандаи» мутахассисони баландихтисос ва технологияҳои нав табдил ёбад.

Дар ниҳоят, ҳамоҳангсозии пурра бо стандартҳои байналмилалӣ МТОК-ро ба марказҳои ҷаҳонии инноватсионӣ табдил дода, ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад [39, с. 405]. Ин раванд ҳатмӣ аст ва бояд дар Стратегияи миллии рушд то соли 2030 инъикос ёбад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2025 № 2119 «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (муроҷиат: 01.09.2025).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2025 № 2142 «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (муроҷиат: 01.09.2025).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2025 № 2173 «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (муроҷиат: 01.09.2025).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012 № 822 «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (муроҷиат: 04.09.2025).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 № 531 «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (муроҷиат: 04.09.2025).

7. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 24 декабри соли 2022 № 1918 [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (муроҷиат: 04.09.2025).

8. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 29 ноябри соли 2022 № 562 [Захираи электронӣ] // Махзани

мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (мурочиат: 04.09.2025).

9. Амаков И.Б. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун объекти бенчмаркинг // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2018. – № 4 (25). – С. 63–69.

10. Ахмедов Ф.В. Дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар Тоҷикистони муосир: истифодаи таҷрибаи хориҷӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 7. – С. 109–115.

11. Косимов Ф.У. Основы предпринимательской деятельности и организация инновационного процесса в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 7. – С. 167–173.

12. Мирсаидов А.Б., Сафарзода У.М. Такмили институционалии механизмҳои рушди соҳаи таҳсилоти олии касбӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – № 3 (28). – С. 281–290.

13. Сангинзода Д.Ш. Особенности предпринимательской деятельности в социально-культурной сфере // Материалы Международной научно-практической конференции «Образование и наука в 21 веке: современные тенденции и перспективы развития», посвященной 70-ой годовщине со дня образования Таджикского национального университета. – Душанбе, 2020. – С. 401–405.

14. Хамидова С.Ҳ. Система высшего профессионального образования в среде развития индустриально-инновационной экономики в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 2. – С. 35–39.

## БАХШИ МАГИСТРАНТОН ВА ДОНИШҶӮЁН

**Аҳмадбекова Шоҳинахон Фурқатовна**
магистранти курси дуюми Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
E-mail:khysainova81@mail.ru

# КАФОЛАТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия:**

Мақолаи мазкур ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ бахшида шудааст.

Дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат бахши соҳибкорӣ дастгирӣ ёфта, дар ин самт як қатор қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ қабул гардидаанд.

Дар моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри махсус оид ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ ҷой дорад.

Дар мақолаи мазкур оид ба баъзе аз унсурҳои ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон маълумот дода шудааст.

**Аннотация:**

Данная статья посвящена государственной поддержке предпринимательство.

В годы независимости предпринимательский сектор получил поддержку, в данном направлении были приняты законы и подзаконные нормативные акты.

В статье 12 Конституции Республики Таджикистан существует специальная норма о свободной экономической деятельности предпринимательстве равноправии и правовой защите всех видов имущества, в том числе собственного имущества.

Статья информирует о некоторых чертах правовой защиты предпринимательства.

**Abstract:**

This article is devoted to state support for entrepreneurship.

During the years of independence, the business sector received support, with laws and regulations adopted in this area.

Article 12 of the Constitution of the Republic of Tajikistan contains a special provision on free economic activity, entrepreneurship, equality, and legal protection of all types of property, including personal property.

The article provides information on some aspects of legal protection for entrepreneurship.

**Калидвожаҳо:** ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон, дастгирии давлатии соҳибкорӣ, рушди соҳибкорӣ, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизми муҳофизати ҳуқуқ.

**Ключевые слова:** защита прав и интересов предпринимателей, государственная поддержка предпринимательства, развитие предпринимательства, гражданский кодекс Республики Таджикистан, механизм защиты прав

**Key words:** protection of the rights and interests of entrepreneurs, state support for entrepreneurship, development of entrepreneurship, civil code of the Republic of Tajikistan, mechanism for protecting rights.

Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон дар фаъолияти хоҷагидорӣ барои мунтазам ва якзайл ба роҳ мондани фаъолияти хоҷагидорӣ аз тарафи қонунгузории ҷорӣ муайян карда шудааст.

Зарурияти ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон аз худи моҳияти муносибатҳои иқтисодӣ бармеояд.

Бо мақсади пешбурди сиёсати давлатӣ дар самти ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, истифодаи самараноки моликияти давлатӣ, ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ соли 2006 Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ таъсис дода шуд.

Маҷмӯи шаклҳои ҳуқуқи муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ба шумор меравад, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд.

Аз моддаи 12 Конститутсия бармеояд, ки асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад [1].

Аз ин меъёри конститутсионӣ бар меояд, ки давлат расман фаъолияти озоди иқтисодӣ ва моликияти хусусиро кафолат додааст, ки он дар дигар меъёрҳои қонунгузорӣ тақвият ёфтаанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолии мамлакат бахши соҳибкорӣ дастгирӣ ёфта, дар ин давра санадҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» дар таҳрири нав қабул карда шуданд.

Бо мақсади содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» қабул карда шуд.

Бо мақсади рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва баррасии масъалаҳои соҳа то имрӯз дар зиёда аз 40 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар назди раисони шаҳру ноҳияҳо таъсис дода шуда, ба 12 шӯрои навтаъсис бо

дастгирии шарикони рушд ёрии техникӣ расонида шуд, ки ин ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳо мусоидат менамояд [3].

Фаъолияти соҳибкорӣ озодона мебошад ва соҳибкорон метавонанд, мустақилона фаъолият баранд. Дахолат намудан ба фаъолияти тиҷорати соҳибкор манъ аст.

Мувофиқи моддаи 15-уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки ҳуқуқҳояш вайрон гардидааст, агар дар қонун ё шартнома ҷуброни зиён ба андозаи камтар пешбинӣ нашуда бошад, метавонад, ҷуброни пурраи зиёни ба ӯ расонидаро талаб намояд [2].

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқи маданиро асоснок намудааст. Чӣ тавре мазмуни меъёри моддаи 11-уми КМ ҶТ пешбинӣ менамояд, ҳифзи ҳуқуқҳои мадании вайронгардида ё мавриди баҳс қарордошта тибқи мансубияти бо қонунҳои мурофиа муқарраршудаи парвандаҳо аз ҷониби суд, суди иқтисодӣ ё суди ҳакамӣ (суд) ба амал баровварда мешавад. Ҳифзи ҳуқуқи маданӣ аз тариқи маъмурӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба ҳаёт татбиқ карда мешавад. Нисбати қароре, ки ба тариқи маъмурӣ қабул шудааст, метавон ба суд шикоят кард.

Соҳибкорон дар қатори дигар субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ, шаҳрвандоне, ки соҳибкор нестанд, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои давлат ва ҷамъият бо муҳофизати ҳуқуқӣ таъминанд. Чораҳои манъкунӣ ва ҷазодиҳие, ки дар қонунгузориҳои маъмурӣ ва ҷиноӣ, чораҳои барқарорсозӣ ва ҷубронпулие, ки дар қонунгузории маданӣ пешбинӣ шудаанд, бо андозаи баробар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳам соҳибкорон ва ҳам ғайрисоҳибкоронро таъмин менамоянд.

Ҳуқуқи маданӣ бо тарзҳои зайл ҳифз мешавад:

- эътирофи ҳуқуқ;

- барқарор намудани вазъе, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд, ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд;

- беэътибор донистани аҳдҳои мавриди баҳс ва истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани он, истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани аҳдҳои беэътибор;

- беэътибор донистани санади мақоми давлат ё мақоми ҳокимияти маҳаллӣ;

- худмуҳофизаткунии ҳуқуқ;

- водор намудан ба иҷрои ӯҳдадориҳо дар шакли асл (натура);

- рӯёнидани товони зиён;

- ситонидани ноустуворона;

- ҷуброни зарари маънавӣ;

- қатъ кардан ё тағйир додани муносибати ҳуқуқӣ;

- аз ҷониби суд татбиқ нагардидани санади мухолифи қонун қабулнамудаи мақомоти ҳокимияти давлат ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлат;

- бо роҳҳои дигари пешбиникардаи қонунгузорӣ.

Дар моддаи 12-уми КМ ҶТ тарзҳои муҳофизати ҳуқуқи гражданӣ пешбинӣ шудаанд, ки дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ низ пурра амалӣ карда мешаванд. Ин тарзҳои муҳофизат дар меъёрҳои гуногуни ҳуқуқи гражданӣ аниқтар муайян карда шудаанд. Масалан, рӯёнидани товони зарар ва ноустуворона тарзҳои муҳофизати ҷавобгарии молу мулки ҳуқуқи гражданӣ мебошанд, лекин ноустуворона, илова бар ин, вазифаи яке аз шаклҳои таъмини уҳдадориро низ иҷро мекунад, барои ҳамин истифодаи он ҳангоми вайрон кардани ӯҳдадорӣ бо иштироки соҳибкорон, лекин ҳамчун қоидаҳои умумӣ ва ҳам махсус мумкин аст, ки барои шаклҳои дахлдори уҳдадорӣ муқаррар шудаанд.

Механизми муҳофизати ҳуқуқ амалисозии шаклҳои муҳофизат, яъне марҳилаи истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар охир ба эътирофи ҳуқуқ ва барқарор намудани вазъе, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт, ё ки пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд, ё барои вайрон кардани он таҳдид мекунанд, оварда мерасонад.

Имкониятҳои объективию воқеии амалисозии тарзҳои муҳофизати ҳуқуқҳои гражданӣ ба таснифи намудҳои зерини механизми муҳофизати ҳуқуқ оварда мерасонанд:

а) худмуҳофизатӣ;

б) танзими мухолифат бо тартиби ғайрисудӣ;

в) ҳаллу фасли аризаю шикоятҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия вобаста ба тобеияташон;

г) имконияти муҳофизат бо роҳи амалисозии назорати прокурорӣ;

ғ) дида баромадани баҳсҳои иқтисодӣ дар судҳои юрисдиксияи умумӣ ва суди иқтисодӣ.

Ҳуқуқу манфиатҳои вайроншудаи соҳибкорон мумкин аст, аз ҷониби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои умумӣ ҳимоя карда шаванд.

Ҳамин тавр, бахши соҳибкорӣ пайваста аз имтиёз ва дастгириҳои давлатӣ бархурдор буда, он дар ҳоли рушд қарор дорад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994. Душанбе,2016.

2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 декабри соли 2022 қабул гардида, аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дорад.// [Манбаи электронӣ] //URL:http://mmk.tj

3.Ваҳдати миллӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон // Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» №25-26 (1224) аз 22 июни соли 2017

**Бабаджанова Камила Рустамовна**
Магистрантка 2-го года обучения заочного отделения факультета заочного (дистанционного) обучения Российско-Таджикский (Славянский) университет 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30
Тел.: 227 67 40, e-mail:

# К ВОПРОСУ О ПОНЯТИИ «СВОБОДНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ»

**Аннотация.** В статье раскрывается вопрос о целесообразности применения понятия «свободное использование произведений». Для более точного отражения смысла и содержания данного института предлагается заменить указанное понятие на понятие «ограничение имущественных прав», как одного из механизмов соблюдения частных и общественных интересов.

**Ключевые слова:** свободное использование произведений, баланс частных и общественных интересов, ограничение имущественных авторских прав.

Содержание самого авторского права направлено на постоянный поиск рационального баланса интересов между обществом и правами авторов, который необходим для того, чтобы, одновременно обеспечивая доступ общества к культурным ценностям и знаниям, защитить права создателей результатов творческой деятельности, позволяя им развиваться и использовать плоды своих творений для того, чтобы интеллектуальный потенциал не был погубленным, а повышался и приумножался. Принцип необходимости соблюдения баланса частных и общественных интересов приобретает особую актуальность в настоящее время в связи с бурным развитием технологий, информационных систем и все возрастающим интересом общества к знаниям, повышением уровня образования общества, обменом информацией. В свою очередь, институт свободного использования

произведений представляет собой один из таких механизмов, обеспечивающих соблюдение частных и общественных интересов.

